4). Малакаҳои муоширатӣ ва нутқӣ, ки асоси фарҳанги педагогии илмиро ташкил медиҳанд, ки ҳангоми муошират бо донишомузон, падару модарон ва ҳамкорон заруранд, маърифати ташаккул додан ва нигоҳ доштани муошират шифоҳӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ аз ҷумла меъёрҳои этикаи нутқ дар раванди муошират, маърифати канорагирӣ аз ҳолатҳои мунокиша ва нокомии нутқ ҳангоми муошират бо категорияҳои гуногун ва ғайра.

Ҳамаи ин маҳоратҳо якҷоя маърифати педагогии нутқи касбии омодагиро муайян мекунанд. Инро каме муфассалтар дида бароем. Тарбияи нутқи касбии педагог ба санъати сухан асос меёбад, ки ин аз як тараф тарбияи баланди нутқи педагогро дорад (риояи меъёрҳои адабии забон дар ҳамаи сатҳҳои системаи забон, зеро нутқи педагог намунаи ибрат аст), аз тарафи дигар кордонии у. Педагог бо сухани худ маърифати ахлоқу одоб муносибати худро нисбати шогирд ифода мекунад. Аз ин рӯ, ҳунару сухан ҳамчун яке аз меъёрҳои асосие гузошта мешавад, ки маърифати кадрии педагогро муайян мекунад. Сухани педагог бояд таъсирбахш, руҳбахш, илҳомбахш, бовaрибахш бошад ва ҳеҷ як донишомузро бепарво нагузорад; ростгӯй бошад (донишомузон дурустии суханони педагогро оҳиста ҳис мекунанд ва ба сухани ростқавлона ҳассосона ҷавоб медиҳанд); иттилоотӣ, пурмазмун, мантиқӣ мувофиқ будан; устувор будан, серталаб будан ва дар мавриди зарурат нарм навозиш кардан; малакаҳои инфиродӣ, ки бо корҳои ҷустуҷӯйи, тадқиқотӣ, таҳлилӣ алоқаманданд; маърифати кор кардан бо адабиёти илмӣ, методӣ ва маълумотӣ бо луғатҳои гуногун; қобилияти баровардани хулосаҳо ва умумӣ. Малакаҳои номбаршуда (онҳоро идома додан мумкин аст) асоси талаботи кадриро ба педагоги муосири муассиса ташкил медиҳанд. Талаботи шахсӣ бо ташаккул додани он хислатҳои мусбат дар педагоги муассиса алоқаманд аст, ки уро идеали маърифати донишомӯзон, намунаи ибрат мегардонанд.

Идеали педагоги муассиса, шахси баланди маърифатӣ-ахлоқӣ, фарҳангӣ, соҳибақл аст, ҳокими сифатҳои мусбат, аз қабили таҳаммулпазирӣ, гуногунфарҳангӣ, ҷомеашиносӣ, ахлоқу одоб, инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ, мавқеҳои фаъоли ҳаётӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ ва як қатор дигарҳо мебошад. Ба шарофати ин хислатҳо дар байни педагог ва донишомӯз муносибатҳои боваринок муқарар карда мешавад. Ва ин гарави муваффақият дар раванди таълим аст. Дигар хислатҳои педагоги муосир, ки барои иҷрои он вазифаҳои ҷомеа пешбинӣ шудааст, нисбат ба маърифати омодагӣ-методӣ педагог талаботи баланд мегузорад. Вай бояд технологияи нави таълимро азхуд кунад. Аммо ин асло маънои рад кардани усул ва воситаҳои таълими куҳнаи анъанавиро надорад. Дар айни замон вожаи педагогӣ кадри эҷодкор васоити таълим хеле зиёданд: анъанавӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълими чопӣ, асбобҳои айёнии чопӣ (ҷадвалҳо, плакатҳо, расмҳо, графикҳо, схемаҳо ва ғайра): инноватсионӣ ахборотӣ коммуникатсионӣ технологияҳо (интернет, компютер, планшет, ноутбук, смартфон педагоги муосир бояд инҳоро хуб донад ва дар раванди таълим моҳирона дар як нуқтаи муайян оқилона татбиқ намояд.

Барои он ки шароити маърифати педагогии дар ҷараёни таҳқиқот ошкоргардидаро дар амал татбиқ намоем, зарур аст, ки усулҳои комилан дигаргуна (аз анъанавӣ тафовутдошта) нисбат ба ташкили раванди таълими дар ҷуъиёти муҳтавоӣ ва сохтории амсилаи озмоишӣ инъикосёфтаро дар омодагии кадрии илмӣ-педагогӣ низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор барем.

Амсилаи таҷрибавиро дар намуди инъикоси ангоравии ҷузъи муҳтавоии шароитҳои кадрӣ илмии маърифат ва ҳуқуқи педагог, ки дар намуди панҷ марҳилаҳои ба ҳам пайваста дар

муттасилии сохтории он: мақсадӣ, ташкилӣ, технологӣ, мухтавоӣ ва натиҷавию баҳодиҳӣ пешниҳод шудааст, баррасӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Маърифати самаранокии амсилаи кори таҳқиқотӣ аз рӯйи самти ҷамъбастии дараҷаи маърифатӣ аз ҷумла ҷузъиёти гуногуни он (дар марҳилаи натиҷавию баҳодиҳӣ) муайян карда мешавад.

Аз тарафи педагог зоҳиршавии ин ё он фаъолият самти рушди ӯро тавсиф менамояд. Натиҷаи калидии амалишавии амсилаи педагогии пешниҳоднамудаи мо комёбии дараҷаи баланди маърифати ҳуқуқи педагогӣ низоми таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти илмӣ мебошад, ки дар мустақилияти кадрӣ ва маърифати ҳуқуқӣ ифода мегардад.

Асоснокӣ ва таҳлили моҳияти ҷузъи таркибии мухтавоии амсилаи пешниҳодгардидаро бо якчанд мулоҳизаҳои ҷанбаи умумидошта меоварем.

Тавре ки дида мешавад, амсилаи таҳиянамудаи мо танҳо бо ҷузъиёти асосӣ бидуни баррасии муфассали сохтори он пешниҳод шудааст. Дар ин ҳол, мо намуди муфассали сохторишуда бо тавсифи мухтасари муҳимтарин ҷузъиёти онро ба донишомӯз дар поён ошно хоҳем намуд. Ҳангоми интихоби чунин усули пешниҳоди амсилаи педагогии аз тарафи мо таҳияшуда ҳолатҳои зеринро ба назар гирифтем.

Дар қаринаи таҳлили худ мо пешниҳод менамоем, ки амсилаи педагогӣ ҳамчун тасаввури ангоравии робитаҳои мутақобила ва сохтори ҷузъҳои таркиби он баррасӣ шавад, ба туфайли ҳамкориҳои муназзами онҳо дар чорчӯбаи раванди педагогӣ хосиятҳои нави ҳамгироӣ ташаккул меёбанд, ки он ҳадафи бунёди амсилаи (низоми) мазкур мебошад ва бо ёрии онҳо ҳаллу фасли кадрии педагогӣ ба омодагии баландтари сифатӣ арзёбӣ хоҳад гардид.

Мақсади амсилаи ангоравӣ тасаввури фаҳмотар ва айёнии ин ё он падидаи илмӣ-педагогӣ мебошад, ки имкони осонтар арзёбӣ ва мулоҳиза карда шавад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилот ва ҳифз намудани ҷамъи амсилаи илмӣ-педагогӣ ба таваҷҷуҳи донишомӯзон пешниҳодшаванда, мо ба тавсифи муфассали сохтор ва ҷузъи мухтавоии он ба шакли ҷадвал иқдом намудем. Таркиби ҷузъи мухтавоӣ аз ҷумлаи ҷузъиёти калидии салоҳияти кадрҳои илмӣ-педагогӣ, маърифат ва ҳуқуқ дар муассисаҳо.

**1). Марҳилаи мақсаднок.** Дар марҳилаи мазкур мухтаво, сохтор ва мақсади раванди ба салоҳияти педагогӣ маърифат ва ҳуқуқ самтгиришуда дар омодагии кардҳои ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ин раванд ба ҷамъбасти таҳлили ченакҳои аввалияи тавсифкунандаи салоҳияти ташаккулёфтагии ҷузъҳои он, инчунин пешгӯйии такмили имконпазири онҳо дар кадрҳои илмӣ-педагогӣ

**2). Марҳилаи ташкилӣ.** Дар чорчӯбаи марҳилаи мазкур шароити ташкилӣ, равишҳо ва шаклҳои амалисозии фаъолияти омодагии кадрҳои илмӣ-педагогӣ муайян карда мешаванд ва онҳо имкон медиҳанд, ки мухтавои салоҳиятҳо бо самаранокии ҳадди аксар ва бомуваффақият вазифаҳои ҳар як марҳилаи ҷудошудаи шароити педагогии дараҷаи ҷанбаи маърифатидоштаро иҷро намояд.

**Равишҳо**:

- шахсан - самтгиришуда, раванди такмилёбии донишомӯзонро бо дарназардошти тавсифномаҳои салоҳияти инфиродии ҳар яки онҳо, омодагии кадри илмӣ-педагогӣ дар назар дорад.

- низомнокию фаъолиятӣ – барои донишомӯзон фароҳамоварии чунин шароитро дар назар дорад, ки дар он онҳо метавонанд салоҳияти маърифатидошта зоҳир намуда, ба раванди худомӯзӣ ҷалб шаванд.

- аксиологӣ, ки ба ташаккули муносибати арзишӣ нисбат ба масъалаҳои салоҳияти худ мусоидат мекунад.

**Салоҳияти педагогӣ:**

- ба вуҷуд овардани салоҳияти педагогӣ, ки татбиқи самараноки усулҳои шахсан самтгиришуда, низомнокӣ, маърифатӣ ва аксиологиро имконпазир менамояд;

- салоҳияти зарурӣ барои дараҷаи маърифатии бомуваффақиятро ҳангоми таълим дар чорчӯбаи раванди умумитаҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад;

- босамартарин шаклҳо ва намудҳоро барои ташаккули бомуваффақияти салоҳияти маърифатӣ ва таносуби муносиби миёни шаклҳои таълими дарс муайян карда мешавад;

- ба барномаи кории оид ба омодагии кадрҳои педагогӣ, ҳамчунин нақшаи таълимӣ ҳадди ақал се соат дар як ҳафта барои омӯзиши салоҳиятҳои педагог ҷудо намудан;

- мониторинги (назорати) дақиқи ҳузур доштани донишомӯзонро дар илми педагогӣ, ҳамчунин ҷалб намудани салоҳияти маърифатӣ ташкил намудан.

**3). Марҳилаи мухтавоӣ.** Дар ин марҳила воситаҳо ва методҳои таълим муайян карда мешаванд, ҳамчунин ҷузъи таркибии мухтавоии маводи таълимӣ мутобиқи принсипи калидии омӯзиши дар салоҳияти раванди таълим ба таври муназзам ва маҷмӯии бо якдигар зич

вобастабуда ва самтгиришуда ба фаъолияти ҷанбаи педагогӣ ва маърифатидошта ҳамчун ҷузъиёти рушди шахсиятии якдигарро пурракунанда ба кор бурда мешавад.

Воситаҳои таълим:

- намудҳои фаъолияти педагогии пешбинигардида дар чорчӯбаи барномаи таълимӣ, ки ба эҷодиёт, зуҳуроти рағбати кунҷковона ҳадди аксар мусоидат мекунад;

- маводи дидактикӣ ва таълимӣ (варақа-супоришҳо, ки дар онҳо дастурдиҳии дақиқи амалҳои эҳтимолӣ вуҷуд надорад ва ин имкон медиҳад, ки малакаҳои ҷустуҷӯи мустақилона, мулоҳизаронӣ ва идроки маводи таълимӣ бидуни ёрии педагог коркард карда шавад);

- истифодаи воситаҳои ахбори омма, захираҳои интернетӣ бо мақсади ҳаллу фасли омодагии таълимии илми педагогӣ ва маърифатӣ;

***Ташаккули салоҳиятҳои педагогӣ ва маърифатӣ:***

а) фаъолияте, ки бошуурона барои бадастоварии донишҳои махсус бо мақсади муайянкунии методҳо ва воситаҳои муносиби омодагии салоҳияти кадрҳои илмӣ педагогӣ самтгирӣ шудааст;

б) салоҳиятҳои эҷодкоронаи дар фаъолияти амалии ҳамарӯза ба кор бурдани малакаҳо ва донишҳо;

в) иштироки фаъолона ва мунтазам дар фаъолиятҳо оид ба салоҳиятҳои маърифат ва ҳуқуқи педагог.

Дар ин ҷо салоҳияти ташаккули салоҳияти педагоги маърифатидошта, дар навбати аввал, устувории рағбати донишомӯзон нисбат ба омода кардани кадри илмӣ-педагогӣ, ҳавасмандӣ, ниёзмандӣ ва усули бошуурона ба фаъолиятҳои маърифатӣ вобастагӣ дорад.

Дар асоси таҳлили илмии дар чорчӯбаи омӯзиши назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда мо ба **натиҷаҳои** зерин расидем:

Аксари муҳаққиқон перомуни ҳолати буҳронии салоҳияти омодагии кадрии илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистони имрӯза ибрози андеша намуда, дар қатори сабабҳои асосӣ то ҷое аз принсипҳои инсонгароӣ дур шудани ҷомеаро таъкид мекунанд. Дар ҳоле, ки салоҳият ва илми педагогӣ ҳамчун арзиши асосӣ ва беҳтарин василаи маърифатӣ барои расидан ба олитарин натиҷаи дилхоҳ мебошад.

***Нақшаи калидии салоҳиятҳои омодагии кадрҳои илмӣ-педагогӣ, ки дар ин самтҳо арзёбӣ гардидаанд:***




Салоҳиятҳо тақозои замони муосир буда, ба докторантону унвонҷӯён озодона фикр кардан, дар ҳалли мушкилоти рушди маърифатӣ-педагогӣ ва зеҳнӣ- ҳуқуқӣ мустақил будан, аз худ намудани рисолаҳои илмӣ-педагогӣ, ки амалишавии он ба ташаккули малакаву маҳорат, ҷаҳонбинии дониши шахсият вусъат мееёбад, вазифаи аввалиндараҷаи диссертатнҳо мебошад.

Падидаи таҳлили омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар нақша зикргардида, хусусиятҳои зеринро ташаккул медиҳад:

- ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ташкили раванди таълими педагогӣ дар шуъбаҳо танзим карда шудаанд;

- асоси парадигмаҳо дар илми педагогӣ;

- рушди муосири дастурҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши низомномаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хусусиятҳои равиши салоҳиятнокӣ дар ташкили раванди педагогӣ дар донишгоҳҳо;

- проблемаҳои асосии илми педагогӣ ва амалияи таълимӣ;
- усулҳои асосии таҳияи барномаҳои таълимӣ.

***Қобилияти маърифатӣ-зеҳнӣ дар илми педагогӣ, ки диссертатнт қодир бошад:***

- таҳлили ҷустуҷуйи проблемаҳои нуқтаи сарҳади ибтидо ва интиҳои муосири илмӣ-педагогӣ;
- таъминоти таълимӣ, методӣ ва дидактикии раванди педагогиро таҳия намоянд;
- маълумотҳои илмӣ-педагогии муосирро ба тафсир ва пурра дар раванди таълим ҷорӣ намоянд;
- фаъолияти педагогии диссертант, ки усулҳои пешқадами таълимро дар амал татбиқ намуда, рушд дода тавонад;
- муайян намудани тамоюли рушди илмию педагогӣ ва сохтори васеъи банақшагирии такрористеҳсолкунӣ, ки аз муассисаҳои олӣ самаранок дар фаоълияти худ истифода менамояд;
- имконияти такмил додани ташкили идоракунии тахассусӣ, ки дар талаботи касбӣ ва фаъолияти худ таҳлил намудааст;
- такмили сохтори демографии асоси илми педагогӣ, ки омодагӣ бо нақшагирӣ восита дошта бошад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи муосири давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо азнавсозии куллии низоми маориф тавофут дошта, дар назди муассисаҳои олӣ вазифаҳои хеле мураккаб ва масъулиятнокӣ беҳтарсозии сатҳи омодагии кадрҳои педагогиро пешниҳод месозад. Кадрҳои илмӣ-педагогӣ бояд шахсияти бомаърифати салоҳиятнок, ки қобилияти касбияти баланд ва ба раванди гуногуншакли фаъолияти педагогӣ муносибати эҷодкорона дошта бошад. Мазмуни ташаккули қобилият ба худмуайянкунии касбӣ дар асоси се омил: худтаҳлилкунӣ, таҳлили касб ва санҷиши касбӣ, ки амал карда мешавад арзёбӣ мегардад. Моҳият, мазмун ва мундариҷаи асосии ҳамкории салоҳияти таълимӣ дар асоси омодагии кадрӣ ва фаъолияти таълимӣ-педагогӣ, ки дар асоси ҷанбаҳои маърифати ҳуқуқӣ, мундариҷавӣ, равандӣ инъикос менамояд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба ақидаи мо, дар салоҳиятҳои таълими омодагии кадрҳои илмӣ-педагогӣ, сифатҳои масъулиятшиносӣ, шуурнокӣ ва фаъолнокӣ, ки дар ҳаллу фасли мақсад ва вазифаҳои таълимӣ нақши таълимӣ доранд, бояд ташаккул дода шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Лапчик, М.П Подготовка педагогических кадров в условиях информатизации образования:учебное пособие/ из. Москва: лаборатория знаний, -2020г. -185с.
2. Савельев, П.Ю. Подготовка педагогических кадров в 1942-1945 годах/Очерки истории Московского педагогического государственного университета.-М.: Прометей-2002.
3. Консепция подготовки педагогических кадров для системы образования на период до 2030 года/Москва- 2022г.№1688-р.
4. Вайндорф-Сьсоева Марина Ефимовна, Многоуровневая подготовка педагогиеских кадров к профессиональной деятельности в условиях цифрового обучения/Москва-2019г
5. М.И. Макаров. Подготовка научно- педагогических кадров в научном учреждении/ статья. Москва-2021г.
6. Вебер, М. Избранные произведения; пер, с нем./ сост.Ю.Н. Давыдова; предисл.П.П. Гайденко. М.; Прогресс, 1990. 808с.
7. Иванова, С.В., Логвинова, И.М., Победоносцева, М.Г. и др. Методические рекомендации по организации подготовки кандидатских диссертаций для обучающихся и их научных руководителей. М: ИСРО РАО, -2018. 10с.
8. Сериков, В.В. Опыт подготовки научно- педагогических кадров высшей квалификации// Профессиональное образование. Столица.-2019 №2. С.27-35.
9. Строкова, Т.А. Подготовка аспирантов к исследовательской деятельности: из опыта работы научно-педагогической вузы// Образование и науки. 2018.№10. С.9-30.
10. Шабанова, О.В. Социально-педагогические условия становления научной-педагогической деятельности преподавателя высшей школы (на материале классического университета): авто-реф. дис.канд. пед.наук. Воронежск.гос.университет,2002. – 21с.
11. Шарифзода, Ф. Педагогика: педагогикаи инсон ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: “Ирфон”, 2010. – 544 с.
12. Шарифов, Ф. Дарси ҳамгиро фикри мустақилона ва эҷод меҳоҳад // Таълими муштарак - асоси инкишоф ва тарбия / Ф. Шарифов [Текст]. - Душанбе: “Маориф”, 1995. – 202 с.

**МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА**
**ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ**
**GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY**

## ПОЛИКУЛЬТУРНЫЙ КОМПОНЕНТ В УЧЕБНЫХ ДИСЦИПЛИНАХ: МОТИВАЦИЯ ИНТЕРЕСА УЧАЩИХСЯ К НОВЫМ ЗНАНИЯМ

***КАРИМОВА Ирина Холовна*** *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор, вице президент Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. академик А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 907 72 55 94*

***ХАЛИКОВА Тутихон Тахировна*** *– старший научный сотрудник музея образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. академик А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *tutishka@inbox.ru,* ***тел.:*** *+(992)900 30 07 07*

В статье авторы рассматривают одну из актуальнейших проблем современного образования: поликультурное образование и интеграция поликультурного компонента в учебные дисциплины. Интеграция поликультурного образования в современную школу является ключевым шагом к созданию гармоничного и инклюзивного общества.

Она способствует формированию у учащихся навыков межкультурной коммуникации, глобального мышления и толерантности, что делает их более подготовленными к жизни в многонациональном мире.

***Ключевые слова***: *поликультурное образование, учащиеся, интеграция, культурные различия, справедливое общество, инклюзивное образование, мышление, развитие, навыки, умения, многонациональный мир. подготовка к жизни.*

## КОМПОНЕНТИ БИСЁРФАРҲАНГӢ ДАР ФАНҲОИ ТАЪЛИМ: ҲАВАСМАНДИИ ШАВҚУ РАҒБАТИ ДОНИШҶӮЁН БА ДОНИШҲОИ НАВ

***КАРИМОВА Ирина Холовна*** *– узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. академик А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 907 72 55 94*

***ХАЛИКОВА Тутихон Тахировна*** *– ходими калони илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. академик А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *tutishka@inbox.ru,* ***тел.:*** *+(992)900 30 07 07*

Дар ин мақола муаллифон яке аз масъалаҳои мубрами маорифи муосир: таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ва ҳамгироии ҷузъи бисёрфарҳангӣ ба фанҳои таълимӣ баррасӣ намудааст. Интегратсияи таълими бисёрфарҳангӣ ба мактаби муосир як қадами калидӣ дар роҳи эҷоди ҷомеаи мутаносиб ва фарогир мебошад.

Он ба хонандагон дар рушди малакаҳои муошироти байнифарҳангӣ, тафаккури ҷаҳонӣ ва таҳаммулпазирӣ кӯмак мекунад, ки онҳоро барои зиндагӣ дар ҷаҳони сермиллат омода бошанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳсилоти бисёрфарҳангӣ, хонандагон, ҳамгироӣ, фарқиятҳои фарҳангӣ, ҷомеаи одилона, таҳсилоти фарогир, тафаккур, рушд, малака, қобилият, ҷаҳони сермиллат. омодагӣ ба ҳаёт.*

## MULTICULTURAL COMPONENT IN ACADEMIC DISCIPLINES: MOTIVATION OF STUDENTS' INTEREST IN NEW KNOWLEDGE

***KARIMOVA Irina Kholovna*** *– academician of the Academy of Education of Tajikistan, doctor of pedagogical sciences, professor, Candidate of Academician A. Adamov str., 11/2.* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru,* ***phone:*** *+ (992) 907 72 55 94*

***KHALIKOVA Tutikhon Takhirovna** – senior researcher at the Museum of Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. Academician A. Adkhamova, 11/2. **E-mail:** tutishka@inbox.ru, **phone:** +(992)900 30 07 07*

In this article, the author examines one of the most demanding problems of modern education: multicultural education and the integration of the multicultural component into academic disciplines.

Integrating multicultural education into the modern school is a key step towards creating a harmonious and inclusive society. It helps students develop intercultural communication skills, global thinking and tolerance, which makes them more prepared for life in a multinational world.

***Key words:** multicultural education, students, integration, cultural differences, fair society, inclusive education, thinking, development, skills, abilities, multinational world. preparation for life.*

Поликультурное образование направлено на формирование у учащихся навыков и знаний, необходимых для успешного функционирования в многонациональном и многокультурном мире. Оно включает несколько ключевых аспектов:

- Инклюзивное содержание учебных программ. Включение в учебные материалы информации о различных культурах, традициях и историческом опыте и изучение мировой литературы, истории, искусства и музыки, представляющих разнообразие культурных перспектив.
- Развитие толерантности и уважения к культурным различиям. Учащиеся учатся уважать и ценить культурное разнообразие, избегая стереотипов и предвзятостей. Происходит формирование культурной осведомленности и чувствительности.
- Межкультурная коммуникация включает обучение эффективным методам взаимодействия и общения с представителями разных культур, развиваются навыки активного слушания, эмпатии и открытости к диалогу.
- Глобальное мышление нацелено на поощрение понимания глобальных проблем и их решения с учетом культурных контекстов, подготовку учащихся к роли активных и ответственных граждан глобального сообщества.
- Интеграция культурного контекста в учебные дисциплины — это включение в учебные программы материалов, отражающих разнообразие культур и их вклад в национальное и мировое наследие. Для достижения положительного результата необходимо применение разнообразных методик преподавания, таких как групповые проекты, обсуждения и культурные мероприятия.

Поликультурный компонент в учебных дисциплинах представляет собой важный аспект образования, направленный на развитие уважения и понимания культурного многообразия среди учащихся. Этот подход включает интеграцию различных культурных контекстов. Традиций и ценностей в учебные материалы и методы обучения.

Можно выделить основные аспекты и преимущества включения поликультурного компонента в учебные дисциплины. Прежде всего следует отметить **интеркультурное воспитание**, которое основывается на содержание учебных программ, которые, в свою очередь, знакомят учащихся с различными культурами, языками и традициями. Это способствует формированию уважительного отношения к культурным различиям и предотвращению стереотипов и предрассудков. Следующий аспект опирается на методику преподавания. Учителя могут использовать разнообразные педагогические подходы, такие как групповые проекты, культурные обмены и изучение иностранных языков, чтобы стимулировать интерес и понимание других культур.

Учебные материалы также играют важную роль в мотивации интереса обучающихся к новым знаниям. Ведь включение литературных произведений, исторических документов, музыки, искусства и других ресурсов из разных культур помогает учащимся получить более глубокое и разнообразное представление о мире.

Так в чем же заключается преимущество включения поликультурного компонента? На наш взгляд это:

✓ развивает критическое мышление. Здесь учащимся предоставляется возможность научиться анализировать и оценивать информацию с учетом культурных контекстов, что способствует развитию критического мышления и способности принимать обоснованные решения.

✓ улучшает коммуникативные навыки. Поликультурное образование помогает учащимся развивать навыки межкультурной коммуникации, что особенно важно в глобализированном мире.

✓ социальная адаптация предусматривает понимание и уважение к различным культурам и способствует социальной адаптации и уменьшению конфликтов в многонациональных коллективах, что очень важно в современных условиях.

✓ расширяет кругозор: знакомство с различными культурами расширяет кругозор учащихся, делая их более открытыми и толерантными к различиям.

Приведем примеры включения поликультурного компонента в учебные дисциплины.

**Литература и язык**. Здесь речи идет об изучении произведений мировой и отечественной литературы, включение в программу чтения книг авторов из разных культур, а также изучение иностранных языков.

**История**: изучение истории различных стран и народов, акцент на глобальные исторические события и их влияние на мировое сообщество.

**Искусство и музыка**: предусматривает ознакомление с художественными произведениями и музыкальными традициями разных культур, проведение культурных мероприятий и праздников.

Из сказанного нами выше можно заключить, что включение поликультурного компонента в учебные дисциплины является необходимым шагом к созданию толерантного и открытого общества. Это способствует всестороннему развитию личности, формированию уважительного отношения к культурному многообразию и подготовке молодежи к жизни в глобализированном мире.

Как было нами отмечено, в условиях глобализации и роста культурного разнообразия интеграция поликультурного образования в современную школу становится не только актуальной, но и необходимой. Это способствует формированию у учащихся уважения к культурным различиям, развивает критическое мышление и подготавливает их к жизни в многонациональном обществе.

Интеграция поликультурного образования в современную школу является ключевым шагом к созданию гармоничного и инклюзивного общества. Она способствует формированию у учащихся навыков межкультурной коммуникации, глобального мышления и толерантности, что делает их более подготовленными к жизни в многонациональном мире.

Несколько слов о различных точках зрения на окружающий мир и поликультурное образование. Современное общество характеризуется высоким уровнем культурного разнообразия и глобализацией. Это приводит к тому, что необходимо рассматривать различные точки зрения на окружающий мир и интегрировать поликультурное образование в учебные дисциплины. В данной статье мы предприняли попытку рассмотрения основных подходов к восприятию мира и значимость поликультурного образования в формировании всесторонне развитой личности. Отметим отдельные/ различные точки зрения на окружающий мир.

**Этноцентризм,** который характеризуется восприятием своей культуры как центра и стандартом для оценки других культур. Он может приводить к предвзятости и стереотипам, снижая способность к пониманию и принятию культурных различий.

**Культурный релятивизм**, который основывается на признании равноправия всех культур и их уникальности. Он, в свою очередь, поощряет понимание культур в их собственном контексте и избегает предвзятых оценок.

**Мультикультурализм** поддерживает идею мирного сосуществования и взаимодействия различных культур в одном обществе и содействует сохранению культурной идентичности и активному межкультурному диалогу.

**Интеркультурализм** подчеркивает важность взаимного обмена и взаимодействия между культурами и стремится к созданию общего культурного пространства, где различия признаются и уважаются, но не разделяют общество.

Мы видим, что включение поликультурного компонента в образование является необходимым для формирования у учащихся уважительного отношения к культурному многообразию и подготовки их к жизни в глобализированном мире. Развитие навыков межкультурной коммуникации, глобального мышления и толерантности способствует созданию гармоничного и справедливого общества, где культурные различия воспринимаются как богатство, а не как препятствие.

ЛИТЕРАТУРА

1. Бахтин, М. М. "Эстетика словесного творчества." Искусство. М., 1986.
2. Гудзик, П. П. "Методология поликультурного образования." Педагогическое образование и наука. М., 2004.
3. Гуманитарная педагогика: новые образовательные технологии. Под редакцией И. А. Зимней. Просвещение, - 2009.
4. Закон Республики Таджикистан «Об образовании», 2013.
5. Каган, М. С. "Философия культуры." Питер, -1996.
6. Кириллова, Е. Г. "Поликультурное образование: теория и практика." Академия,2011.
7. Красавина, Л. Н. "Поликультурное воспитание школьников." Педагогический поиск. М.,-2015.
8. Миронов, В. В. "Основы поликультурного образования." Воронежский государственный университет. 2010.
9. Хроменков, А. В. "Поликультурное образование в условиях глобализации." Известия Волгоградского государственного педагогического университета. - 2012.
10. Чернобровкин, В. В. "Межкультурная коммуникация в образовательном пространстве.".Логос.-2007.

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ-ТАБИИИ ХОНАНДАГОН ДАР КОНСЕПСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ

***АТОХОҶАЕВА Заррина Зикриёхӯҷаевна*** *– унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1,* ***тел.:*** *(+992) 92 765 07 71*

Дар мақола масъалаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ-табиии хонандагон дар консепсияҳои педагогӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар ҳама гуна ҳолат ташаккули мафҳуми илмӣ новобаста аз усули ташаккули мафҳум дар ду марҳила сурат мегирад. Моҳияти марҳилаи якум дар ҳаракат аз дарки мушаххаси ҳиссиётӣ ба тафаккури абстрактӣ иборат аст. Татбиқи ин марҳала ба ташаккул ва инкишофи чунин амалиётҳои зеҳнӣ дар таълимгирандагон, ба монанди таҳлил, муқоиса, мувофиқа, ҷамъбаст, абстраксия, умумисозӣ мусоидат менамояд. Хулоса шудааст, ки таҳти ташаккули мафҳуми илмӣ раванде фаҳмида мешавад, ки он аз дарки ибтидоии ашё, ки мафҳум дар бораи он ташаккул меёбад, оғоз ёфта, бо ташаккули мафҳуми абстрактӣ ба итмом мерасад. Лаҳзаи пайдошавии мафҳум бо муайян кардани аломатҳои асосии муҳими мафҳум, ки мағзи мафҳумро ташкил медиҳанд, яъне таърифи мафҳуми илмӣ тавсиф мешавад.

***Вожаҳои калид:*** *ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ-табиии хонандагон, консепсияҳои педагогӣ, мафҳуми илмӣ, тафаккури илмӣ, раванди таълим, асосҳои назариявӣ, дониш, маҳорат, малака*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЕСТЕСТВЕННО-НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЯХ

***АТОХОДЖАЕВА Заррина Зикриёхуджаевна*** *– соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1,* ***тел.:*** *(+992) 92 765 07 71*

В статье рассматриваются теоретические вопросы формирования естественно-научного мировоззрения учащихся в педагогических концепциях. Отмечается, что в любом случае формирование научного понятия, независимо от способа формирования понятия, осуществляется в два этапа. Сущность первого этапа заключается в движении от чувственно-конкретного восприятия к абстрактному мышлению. Реализация данного этапа способствует формированию и развитию у учащихся таких мыслительных операций, как анализ, сравнение, сопоставление, синтез, абстрагирование, обобщение. Делается вывод о том, что под формированием научного понятия мы понимаем процесс, начинающийся с первоначального восприятия объекта, понятие о котором формируется, и завершающийся образованием

абстрактного понятия. Момент образования понятия характеризуется выявлением основных существенных признаков понятия, составляющих ядро понятия, то есть определением научного понятия.

***Ключевые слова:*** *формирование, естественно-научное мировоззрение, учащиеся, педагогическая концепция, научное понятие, научное мировоззрение,процесс обучения,научные основы,знания, мастерство, навыки.*

## THEORETICAL ISSUES OF THE FORMATION OF THE NATURAL SCIENCE WORLDVIEW OF STUDENTS IN PEDAGOGICAL CONCEPTS

***ATOKHODZHAEVA Zarrina Zikriyokhodzhaevna*** *– applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy, Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.* ***Phone:*** *(+992) 92 765 07 71*

The article examines theoretical issues of forming the natural science worldview of students in pedagogical concepts.It is noted that in any case, the formation of a scientific concept, regardless of the method of formation of the concept, is carried out in two stages. The essence of the first stage lies in the movement from sensory-concrete perception to abstract thinking. The implementation of this stage contributes to the formation and development of such mental operations in students as analysis, comparison, juxtaposition, synthesis, abstraction, generalization.

It is concluded that by the formation of a scientific concept we understand a process that begins with the initial perception of the object, the concept of which is formed, and ends with the formation of an abstract concept. The moment of concept formation is characterized by the identification of the main essential features of the concept that form the core of the concept, that is, the definition of a scientific concept.

***Key words:*** *formation of the natural science worldview of students, pedagogical concept, scientific concept, scientific worldview, learning process, scientific foundations, knowledge, mastery, skills.*

Дар заминаи таълими муосир ғояҳои инсонпарварона, эътирофи шахсияти инсони инкишофёбанда ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ ва мувофиқати оқилонаи ҳамгироӣ ва тафриқаи дониш гузошта шудаанд. Мубрам гардидани муаммоҳои мазкур пешорӯи ниҳодҳои таълимии ҷомеа, ба шахсияти худи омӯзгор, мундариҷаи вазифаҳои касбии ӯ, китобу барномаҳои дарсӣ, инчунин, дар назди хонанда талаботи ҷадидро мегузорад.

Дар ташаккули консепсияи инсонпарваронаи таълим ғояҳои таълими инкишофдиҳанда ва тарбиявӣ (Л.С.Виготский, Л.В.Занков, З.И. Василева), вобастагиву пайванди раванди таълиму тарбия (Ю.К.Бабанский, В.С.Илин), таълими ба шахсият нигаронидашуда (В.В.Сериков, Г.Д.Кирилова, Климанова, И.С.Якиманская); консепсияи инкишоф ва тарбияи шахсият ҳамчун раванди худинкишофдиҳӣ дар тӯли ҳаёт (К.А.Абулханова-Славская, Б.Г. Ананев) аҳаммияти махсус доранд.

Аммо он ҳолат, ки ғояи инсонпарварӣ аксар вақт бо ғояи бештар гуманитарӣ кардан иваз карда мешавад, боиси ташвиш аст. Дар амал ин дар он зоҳир мешавад, ки самараи таълими табиатдӯстии таълимгирандагон ва инкишофи зеҳнии онҳо коҳиш меёбад. Байни самтгузорӣ ба шахсияте, ки дар назария ва амалияи таълим мавҷуд аст, ихтилоф вуҷуд дорад, ки дар он ҷанбаҳои шахсиятии субъектҳои раванди таълим суст ифода ёфтаанд.

Самти навбатии тадқиқоти психологӣ-педагогӣ бо тарзҳои ташаккули мафҳумҳои илмӣ дар таълимгирандагон вобаста аст. Дар осори равоншиносони шӯравӣ роҷеъ ба ин масъала андешаҳои гуногун баён ва асоснок карда шудаанд.

Таҳти ташаккули мафҳуми илмӣ мо равандеро дар назар дорем, ки аз дарки ибтидоии объект, ки мафҳум дар бораи он ташаккул меёбад, оғоз ёфта, бо ташаккули мафҳуми абстрактӣ ба охир мерасад. Лаҳзаи пайдоиши мафҳум бо муайян кардани аломатҳои асосии муҳими мафҳум, ки мағзи мафҳумро ташкил медиҳанд, яъне муайян кардани мафҳуми илмӣ тавсиф мешавад. Ҳамзамон, мафҳум вобаста ба сатҳи таълим, сифати таълим ва намуди бартаридоштаи фаъолияти таълимгирандагон метавонад якчанд маротиба муайян карда шавад. Инкишофи мафҳум, аз ҷумла муайян кардани аломатҳо, хусусиятҳо, робита ва муносибатҳои нави мафҳум бо дигар мафҳумҳо, ба низоми назариявии мафҳумҳо ворид намудани мафҳум ба пурра ва фарогир будани мафҳуми илмӣ низ таъсири худро мерасонад.

Олими шинохта П.Я.Галперин соли 1953 дар заминаи назарияи психологии фаъолият (А.Н.Леонтев) назарияи ташаккули амалҳои равониро пешниҳод намуда, принсипи интериоризатсия (ташаккули сохтори дохилии равони инсон тавассути азхудкунии фаъолияти берунаи иҷтимоӣ, таҷриба ва ташаккули вазифаҳои равонӣ ва инкишоф дар маҷмӯъ) ҳамчун усули таҳқиқот истифода бурд [1].

Принсипи интериоризатсияро маротибаи аввал ба соҳаи психология П. Жане ворид карда буд ва баъдан дар шакли куллан тағйирдодашуда онро ба таълимот оиди вазифаҳои олии психологии шахс Л.С.Виготский ворид кардааст. Раванди табодули амалҳои берунаро ба амалҳои дохилии «зеҳнӣ» П.Я.Галперин ва Н.Ф.Тализина баррасӣ кардаанд. Онҳо ба принсипи зикршуда мундариҷаи мушаххас дода, онро ба усули тадқиқоти психологӣ табдил доданд.

П.Я. Галперин ва Н.Ф.Тализина дар заминаи назарияи ташаккулдодаи худ оиди ботадриҷ ташаккул додани амалҳои зеҳнӣ усули зерини ташаккули мафҳумро пешниҳод мекунанд, ки аз чунин амалҳои пайдарпай иборат аст:

1) истифодаи амалии объектҳое, ки мафҳум дар бораи онҳо бояд дар байни таълимгирандагон ташаккул ёбад;

2) таъриф бо гуфтори баланд (талаффузи номи мафҳум ва таърифи он);

3) талаффузи дохилӣ (истифодаи зеҳнии мафҳум).

«Мафҳум, - қайд кардааст П.Я.Галперин, - ҳамчун тасвири бутун ба даст меояд, вақте амале, ки дар асоси он ташаккул меёбад, бо гузашти коркарди марҳила ба марҳила шакли умумӣ, ихтисоршуда, худкор ва даркшаванда мегардад» [1, с.65].

П.Я.Галперин ва Н.Ф.Тализина чунин ақида доранд, ки шакли ибтидоии фаъолияти зеҳнӣ дар раванди таълим ҳамеша «фаъолияти берунӣ, моддишуда мебошад. Он танҳо пас аз як зумра тағйиротҳои сифатӣ, ки аз рӯи якчанд андозаву ченак ба вуҷуд меоянд, ба фаъолияти равонӣ мубаддал мегардад» [1;6].

А.Н.Леонтьв ақида изҳор кардааст, ки «барои он ки дар афкори кӯдак мафҳуми ҷамъбастии олитарин ба вуҷуд ояд, дар ӯ низоми амалиётҳои психологиеро, ки ба ин мафҳуми ҷамъбастии олӣ мувофиқ аст, сохтан зарур аст, ки бо муносибати воқеии кӯдак ба воқеияте, ки дар таҳкурсии он қарор дорад, муайян карда мешавад, на баръакс»[4, с.46].

Дидгоҳи ҷонибдорони ташаккули пайдарпайи амалҳои зеҳнӣ, ки мувофиқи он ҳангоми азхудкунии донишҳои нав шакли аввал бояд ҳамеша амали моддӣ бошад, як қатор психологҳои шӯравӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Х.А. Менчинская, Г.С.Костюк, А.Рошка, Ф.Флешнер ҷонибдорӣ намешавад.

Онҳо таваҷҷӯҳро ба он ҷалб мекунанд, ки ҳангоми таълим дар баробари раванди интериоризатсия раванди баръакси экстериоризатсия (интиқоли амалиёт аз сатҳи дохилӣ ба сатҳи беруна), ки пайваста ҳангоми истифодаи дониш дар амалия татбиқ мегардад, аҳаммият дорад.

М.Н.Шардаков норозигии худро нисбати нуқтаи назари П.Я.Галперин ва Н.Ф.Тализина изҳор намуд ва қайд кард, ки усули пешниҳодкардаи онҳоро усули универсалӣ ҳисоб кардан мумкин нест. «Ташаккули мафҳумҳо тариқи истифодаи амалӣ, - қайд менамояд М.Н.Шардаков, танҳо дар он мавридҳо самаранок мегардад, ки дар раванди азхудкунии дониш таъҷилан дар амал татбиқ намудани онҳо имконпазир бошад» [8, с. 215].

М.Н. Шардаков [8] пешниҳод менамояд, ки мафҳумҳои дар асоси маводи мушаххаси визуалӣ, ашё ва падидаҳои эҳсосӣ ташаккулёбанда ба таври зерин ташаккул дода шаванд:

1. Ташкили мушоҳидаи объектҳои алохида, ки ҳангоми он таваҷҷӯҳи таълимгирандагон ба аломатҳои умумии муҳими ашё ҳодисаҳои омӯхташаванда равона шудааст.

2. Ғанӣ гардонидани мушоҳидаҳо. Ба таълимгирандагон шумораи нисбатан бештари объектҳо ва падидаҳои мухталифи вобаста ба мафҳуми омӯхташаванда пешниҳод карда мешавад. Ин имкон фароҳам мекунад, ки ҳам хусусиятҳо ва аломатҳои муҳими умумӣ, робитаҳо ва муносибатҳо ва ҳам хусусиятҳои инфиродии начандон муҳим ошкор карда шаванд.

3. Муайян кардани аломатҳои умумии муҳимми ашё ва падидаҳои омӯхташаванда. Ҷараёни зеҳнии мазкур тавассути абстраксия ва таҳлили аломатҳои алоҳидаи ашё ва ходисаҳо, муносибатҳои байни онҳо, муқоисаи аломату робитаҳои шабеҳ, синтез ва умумият додани онҳо сурат мегирад.

4. Тавзеҳот. Бо истифода аз муқоиса, аз мафҳумҳои наздик ё шабеҳ фарқ кардан. Чунин муқоиса дониши таълимгирандагонро дар бораи падидаи омӯхташаванда равшану возеҳ намуда, мафҳум нисбат ба мафҳумҳои дигар возеҳ, муайян ва дорои фарқият мегардад.

5. Таърифи мафҳумҳо. Таъриф бояд дар шакли мухтасар ифода ёфта, аз хусусиятҳои наздик ва аломатҳои навъӣ иборат бошад.

6. Машғулият оиди татбиқи амалии мафҳумҳо ва санҷиши азхудкунии онҳо. Вазифаҳо бояд ба муайян кардани дараҷаи шуурнокии азхудкунии мафҳумҳо равона карда шаванд. Моҳияти машғулиятҳо ба мундариҷаи мафҳум робита дорад. Дар баъзе мавридҳо ин метавонад кашидани нақшаҳо, расмҳо, дар ҳолати дигар - сохтани ҷадвалу графикҳо, дар ҳолати сеюм - шарҳ додани падидаҳо, дар ҳолати чорум - ҳалли масъалаҳо ва ғ. бошад.

7. Тавсеа ва амиқгардонии мафҳумҳо. Дар раванди таълим таълимгирандагон бо мундариҷаи мафҳумҳо ба таври амиқ шинос шуда, робита ва муносибатҳои байни мафҳумҳои гуногуни як илм ва баъдан илмҳои гуногунро меомӯзанд.

Ташаккули мафҳумҳои илмиро бо амалҳои «объективӣ», ки П.Я.Галперин пешниҳод кардааст ва ё бо «дарки ҳиссиётӣ», ки М.Н.Шардаков пешниҳод кардааст, на ҳамеша оғоз кардан имкон дорад. В.В.Давидов пешниҳод мекунад, ки ташаккули мафҳумҳо дар ин маврид фавран аз шакли дуюм - бо таърифи мафҳум оғоз карда шавад. «...агар таърифи умумии ашё дар илм аллакай пайдо шуда, мураттаб шуда бошад, бо мафҳум муайян карда шуда бошад, он гоҳ саволе ба миён меояд, - қайд мекунад В.В.Давидов, ки ба кӯдак такрор кардани он ҷустуҷӯи эмпирикии гузаронидашудаи олимон чӣ мақсад дорад? Вежагии таълим маҳз дар он аст, ки кӯдак дар ин ҷо он чизеро, ки аллакай аз ҷониби инсон ба даст оварда шудааст ва дар шакли бонизом ифода ёфтааст, меомӯзад ва азхуд мекунад. Дар ин ҷо аз он, ки натиҷаи ҷустуҷӯи олим чӣ гуна аст, яъне аз мафҳум оғоз кардан мумкин аст» [2, с. 468].

Бо мақсади инкишофи тафаккури назариявии кӯдакон В.В.Давидов ба раванди ташаккули мафҳум талаботи зерини мантиқӣ-психологиро мегузорад:

1. Мафҳумҳоеро, ки фанни таълимии мазкур ё қисматҳои асосии онро месозанд, бояд аз ҷониби кӯдакон тариқи баррасии шароитҳои ашёӣ-моддии пайдоиши онҳо аз худ карда шаванд, ки ба туфайли онҳо мафҳумҳо зарур мегарданд (тавассути амалисозии пешниҳоди маводи дорои муаммои ҳалталаб).

2. Азхудкунии донишҳои дорои хусусияти умумӣ ва абстрактӣ бояд қабл аз шиносоӣ бо донишҳои алоҳида ва мушаххас бошад, донишҳои дуввум бояд аз аввал ҳамчун заминаи ягонаи онҳо гирифта шавад.

3. Ҳангоми омӯзиши манбаъҳои ашёӣ-моддии мафҳумҳои алоҳида таълимгирандагон бояд қабл аз ҳама робитаи аз ҷиҳати ирсии ибтидоӣ, умумиро, ки мундариҷа ва сохтори тамоми объекти мафҳумҳои мазкурро муайян мекунад, пайдо намоянд.

4. Ин робита бояд бо амсилаҳои махсуси мавзӯӣ, графикӣ ё рамзӣ, ки барои омӯхтани он имкон фароҳам мекунанд, пешниҳод карда шавад.

5. Дар таълимгирандагон зарур аст, ки чунон амалҳои объективӣ махсусан тартиб дода шаванд, ки тавассути онҳо таълимгирандагон дар маводи таълимӣ муқаррар карда, дар амсилаҳо робитаҳои асосии ашёро таҷдиди назар намуда, пас аз он хусусиятҳои онро омӯзанд.

6. Хонандагон бояд тадриҷан ва сари вақт аз амалҳои объективӣ ба иҷрои онҳо дар сатҳи равонӣ гузаранд.

Новобаста аз гуногун будани тарзҳои ташаккули мафҳумҳои илмӣ, онҳо нуктаҳои умумии зеринро таъкид мекунанд:

а) дарки мушаххаси ҳиссиётӣ;

б) таҳлили хусусиятҳо ва муносибатҳои объектҳои таҳқиқшаванда, ки боиси муайян намудани аломатҳои мафҳум мегардад;

в) синтез кардани хусусиятҳо (ташаккули дониш оиди мундариҷаи асосии мафҳум);

г) муайян намудани синфи ашёҳои таҳқиқшаванда (ташаккул додани дониш дар бораи ҳаҷми мафҳум);

д) муқаррар намудани робитаҳои миқдорӣ ва сифатии мафҳуми таҳқиқшаванда бо мафҳумҳои дигар (ташаккули мундариҷаи пурраи мафҳум);

е) аниқ кардани хусусиятҳои мафҳум, омӯзиши робитаи мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас;

ж) аниқ кардани мувофиқати мундариҷа ва ҳаҷми мафҳум, ки ба таснифи мафҳумҳои мушаххас мерасонад;

з) мушаххасоти истифодаи мафҳум;

и) танзими мафҳумҳо дар асоси умумисозии назариявӣ.

Мо ба ақидаи А.В.Усова [7], ки ҳангоми ташаккули мафҳумҳои илмӣ дараҷаи инкишофи умумии таълимгирандагон, таҷрибаи қаблии онҳо, заминаи мафҳумҳои мавҷудбуда, дараҷаи қобилиятҳои донишандӯзӣ, таҳайюли онҳоро ба инобат гирифтан зарур аст, яъне ба ҳисобгирии сатҳи дониш ва омузиш, ки бевосита ба хусусиятҳои синф вобаста аст (синфи равияи гуманитарӣ ё самти табиатшиносӣ) муҳим мебошад.

Дар ҳама гуна ҳолат ташаккули мафҳуми илмӣ новобаста аз усули ташаккули мафҳум дар ду марҳила сурат мегирад. Моҳияти марҳилаи якум дар ҳаракат аз дарки мушаххаси ҳиссиётӣ ба тафаккури абстрактӣ иборат аст. Татбиқи ин марҳала ба ташаккул ва инкишофи чунин амалиётҳои зеҳнӣ дар таълимгирандагон, ба монанди таҳлил, муқоиса, мувофиқа, ҷамъбаст, абстраксия, умумисозӣ мусоидат менамояд. Раванди мазкур маъмулан бо таърифи ибтидоии шифоҳии мафҳуми илмӣ, ки хусусиятҳои асосии онро мувофиқа мекунад, ба итмом мерасад.

Мундариҷаи марҳилаи дуюми ташаккули мафҳум ҳаракат аз абстракт ба мушаххас, умумӣ мебошад. Ин раванд бо ғанӣ гардонидани мундариҷаи мафҳум, равшану возеҳ шудани ҳаҷму ғунҷоиши он, торафт пурра ошкор намудани робита ва муносибатҳо бо мафҳумҳои дигари ин илм ва баъдан – дар маҷмӯъ бо мафҳумҳои илмҳои дигар, яъне бо дараҷаи баландтарини ҷамъбаст то ҷудо кардан ба категорияҳо вобаста аст.

Ташаккулёбии мафҳум дар илм масъалаи хеле нисбӣ мебошад. Аммо дар раванди таълим дар бораи дараҷаи ташаккулёбии консепсияи илмӣ сухан рондан мумкин ва зарур аст. Мо мафҳуми илмиро дар раванди таълим он вақт ташаккулёфта тавсиф медиҳем, ки агар ҳаҷму мундариҷаи мафҳуми азхудкардаи таълимгиранда бо ҳаҷму мундариҷаи мафҳуми дар илм муайяншуда мувофиқат намояд.

Барои тадқиқоти мо меъёрҳои таҳияшудаи азхудкунии мафҳумҳо (А.Б. Усова, Н.Х. Поспелов ва диг.) аҳамияти хоса доранд.

Самти дигари таҳқиқи равоншиносон ва педагогҳо ба муайян кардани шароитҳое вобаста аст, ки барои бомуваффақият аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ мусоидат менамоянд. Инкишофи ин самт бо номи равоншиносон ва педагогони хориҷӣ ва шӯравӣ: Э.Стоун, профессори Донишгоҳи Ливерпул, А.Р.Лурия, П.Я.Галперин, Н.Ф. Тализина, М.Н.Скаткин, В.В.Краевский, А.В.Усова, Поспелов, К.К.Гомоюнов, Г.А. Балл ва диг. вобаста аст.

А.В.Усова [7] 15 шартро муайян кардааст, ки талаботро нисбат ба омӯзгор оиди донистани мундариҷа ва маънои мафҳумҳои ташаккулёбанда, тасаввуроти сатҳи боло (дурнамо) дар инкишоф, муаррифии марҳилаҳои асосӣ, интихоби усул, тарз ва роҳҳои ташаккул, сабаби ворид намудани ҳар як мафҳуми нав ва ғ. дар бар мегирад.

Мо чунин ақида дорем, ки ташкили кори маърифатии фаъоли таълимгирандагон муҳим аст, зеро тафаккур тавассути мафҳумҳо сатҳи болоии фаъолияти маърифатӣ мебошад. Ҳангоми ташаккули мафҳумҳо дар омӯзгор бояд ҷузъҳои визуалӣ-образнок, шифоҳӣ-назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавии тафаккури таълимгирандагон дар доираи биниши ӯ мувофиқа шуда бошанд. Шарти ҳатмии ташаккули бомуваффақияти мафҳум - ин дониши омӯзгор дар бораи заминаи азхудкунии мафҳум  аз ҷониби таълимгирандагон ва таҷрибаи ҳаётии онҳо мебошад. Кори мустақилона доир ба азхудкунии мафҳум тавассути кортҳо, тартиб додан ва кор кардан аз рӯи нақшаҳои умумӣ, азхуд кардани таснифоти асосии мафҳумҳо, олимпиадаҳои байнифаннӣ, курсҳои ҳамгироишуда - ҳамаи ин дар маҷмӯъ имкон медиҳад, ки мафҳумҳо бомуваффақият азхуд карда шаванд.

Муҳимтарин вазифа ин аст, ки таълимгирандагон амалҳои мувофиқи зеҳнии таҳлил, синтез, абстраксия ва ҷамъбастро аз худ кунанд. Зарурати инро А.Н.Леонтев таъкид ва қайд кардааст: «азхудкунии мафҳумҳо, ҷамъбасти онҳо, донишро талаб мекунанд, ки дар кӯдак амалиёти оқилонаи зеҳниро инкишоф диҳад ва барои ин онҳо бояд дар кӯдак мураттаб карда шаванд»[4.с.42].

Иҷрои талаботҳои мазкур ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки мундариҷа, ҳаҷми мафҳум, донистани робита ва муносибати он бо мафҳумҳои дигар, инчунин қобилияти кор кардан бо онҳо дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва амалӣ дар доираи вақти таълимии бо нақшаи  омӯзиши мавзӯъҳо ва фаслҳо пешбинишуда ва фарогири ин мафҳумро пурра аз худ кунанд.

Самти муҳими тадқиқоти дидактикон ва методистҳо таҳқиқи шаклҳои гуногуни кори таълимӣ мебошад, ки ба масъалаи беҳтар аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ самтгузорӣ шудааст.

Бахри танзими мафҳумҳои бунёдии табиатшиносӣ семинарҳои маҷмӯавие, ки маротибаи аввал аз ҷониби В.В.Завялов ва И.С.Карасова озмуда шудаанд, дар амал тавсияи хуб гирифтанд [3]. Дар тайёр кардан ва гузарондани ин гуна семинарҳо омӯзгорони фанҳои физика, химия, биология ва д. иштирок мекунанд. Ҳар як омӯзгор қабл аз баргузории семинар аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фанни худ ба таълимгирандагон машварат мегузаронад. Ин шакли кор оиди азхудкунии мафҳумҳо, мутаассифона, дар барномаи курсхои ҳамгироишуда инъикоси дурусти худро наёфтааст.

Воситаи самарабахши баланд кардани сифати азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, ки имкон медиҳад имрӯз ба дараҷаи баланди инкишофи мафҳум (тафаккур тавассути мафҳум) ноил гардем, ҳалли масоили байнифаннӣ мебошад. Муҳаққиқон Ю.С.Сарев, В.Н.Янтсен, Г.Г.Гранатов, М.Я.Голобородко имкониятҳоро муайян намуда, самаранокии истифодаи вазифаҳои байнифанниро дар раванди таълим исбот намуданд, аммо дар китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаҳои масъалаҳо чунин вазифаҳо қариб ки ба назар намерасанд.

Шаклҳои самарабахши кори таълимии дорои хусусияти байнифаннӣ хеле васеъ истифода мешаванд, ки ба азхудкунии нисбатан амиқ ва устувори мафҳумҳо, ба монанди озмоишҳои лабораторӣ, таҷрибаҳо дар қитъаи назди мактабӣ/озмоиши намоишӣ мусоидат мекунанд. Дар курси «Табиатшиносӣ»-и А.В.Гуревич, Д.А.Исаев, А.С.Понтак зиёда аз панҷоҳ чунин таълифот, танҳо корҳои фронталӣ, зиёда аз панҷоҳто барои ду соли таҳсил мавҷуданд, ҳол он, ки ҳангоми омӯзиши алоҳидаи мавзӯъҳо дар як сол 5 -7 корҳо рост меояд.

Интихоби шаклҳои кор аз ҳадафҳои дидактикӣ ва эҷодиёти омӯзгор вобаста аст. Ҳангоми ташаккули мафҳумҳо ба кор бо адабиёти истинодӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ додан муҳим аст. Ин гуна адабиёт барои мушаххас кардани мафҳумҳо ва васеъ кардани ҷаҳонбинии таълимгирандагон, ҳалли вазифаҳо бо маълумоти нопурра ва тартиб додани вазифаҳои нав, тасниф ва ба низом даровардани мафҳумҳо истифода мешавад.

Кор бо нақшаҳои умумикунонидашудаи ошкор намудани моҳияти мафҳумҳои илмӣ корро осон намуда, барои бомуваффакият аз худ намудани онҳо шароит фароҳам мекунад. Тадқиқоти мо дар ин самт ба афкори Э.Стоунс, эродҳои А.В.Усова ва пешниҳодҳои П.Г.Саенко такя мекунад.

Зарурати истифодаи васоити техникӣ дар ташаккули мафҳумҳо В.А.Вадюшин таҳқиқ кардааст. Ӯ инчунин талаботи дидактикии истифодаи васоити техникиро ба мақсади мазкур баррасӣ кардааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили осори мантиқӣ-фалсафӣ, самтҳои таҳқиқи масъалаи мафҳумҳо аз нқтаи назари мантиқи диалектикӣ имкон дод, ки муқарраroти зерин пешниҳод шавад:

- вежагии тафаккури инсонӣ инъикоси воқеият дар шакли мафҳум мебошад. Дар ин маврид мафҳумҳо ҳам ба сифати нуқтаи ибтидоии ҳаракати дониш амал мекунанд ва ҳам ба сифати натиҷаи умумият додани падидаҳо баромад мекунанд. Аз нуқтаи назари равиши низомманд ва сохторӣ мафҳум, аз як ҷониб, сатҳи поёнии зинабандии илмӣ: дониш ва низоми нисбатан мустақили назариявӣ ва аз ҷониби дигар, ҷузъи марказии мантиқӣ дар сохтмони зинаҳои баланди донишҳои илмӣ - назария, илм ва манзараи илмии олам мебошад. Ҳар як мафҳуми илмӣ ҷамъбасти мутамаркази рушди таърихӣ ва амалияи инсониро ифода мекунад;

- афзудани нақши донишҳои назариявӣ дар идоракунии равандҳои объективии дар фаъолияти амалӣ истифодашаванда азхуд намудани мафҳумҳо ва қонунҳои улуми табиатшиносӣ ва ҷомеашиносиро қатъиян тақозо мекунад, ки ин ба ҳалли дурусти муаммоҳои мураккабтарин мусоидат мекунад;

- маҷмӯи мафҳумҳои илм ҳамеша низом ва низоми тағйирёбандаро ифода мекунад, чунки илм пайваста инкишоф меёбад;

- ифшои моҳияти мафҳуми илмӣ, хусусиятҳои асосии он (мундариҷа, ҳаҷм, робита ва муносибатҳо дар низоми наздиктарини мафҳумҳо) мувофиқи қонунҳои мантиқӣ расмӣ ва диалектикӣ ба вуҷуд меояд.

- зарурати пурра намудани тадқиқот аз нуқтаи назари мантиқи педагогӣ, яъне мантиқи раванди азхудкунии донишҳои нав.

Тазлили осори психологӣ-педагогӣ роҷеъ ба муаммои таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад, ки баъзе ҷанбаҳои назариявию амалии он бомуваффақият баррасӣ шудаанд: асосҳои умумии дидактикӣ-психологии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, тадқиқи дидактикии ташаккули мафҳумҳо дар байни таълимгирандагон амалӣ шуда, назарияи худомӯзӣ ва худтанзимкунӣ ҳангоми азхудкунии мафҳумҳои илмӣ ба таври васеъ муаррифӣ карда шудааст, марҳилаҳои

ташаккули худидоракунӣ ҳангоми омӯзиши дастгоҳи мафҳумҳои илмҳо муқаррар карда шудаанд, усулҳои мутаносиби ташаккули мафҳумҳои илмӣ баррасӣ шуда, баъзе шаклҳои кор пешниҳод карда шудаанд.

Меъёрҳои азхудкунии мафҳумҳои илмӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд, дар назарияи муайянкунии мафҳумҳо ихтилофҳои зиёд мавҷуданд, танзими тавсифи механизми ташаккули мафҳумҳои илми табиатшиносӣ мавҷуд нест, ихтилофҳо дар муайян кардани раванди ташаккули мафҳумҳои илмӣ низ вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, таҳти ташаккули мафҳуми илмӣ раванде фаҳмида мешавад, ки он аз дарки ибтидоии ашё, ки мафҳум дар бораи он ташаккул меёбад, оғоз ёфта, бо ташаккули мафҳуми абстрактӣ ба итмом мерасад. Лаҳзаи пайдошавии мафҳум бо муайян кардани аломатҳои асосии муҳимми мафҳум, ки мағзи мафҳумро ташкил медиҳанд, яъне таърифи мафҳуми илмӣ тавсиф мешавад. Мо мафҳумро дар таълим он вақт ташаккулёфта эътироф менамоем, ки агар таърифи мафҳум (ҳамаи се унсури он), ки аз ҷониби таълимгиранда азхуд шудааст, бо мафҳуми дар илми муосир мавҷудбуда аз ҷиҳати мундарича, ҳаҷм, робита ва муносибат мувофиқат намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Гальперин, П.Я. Развитие исследований по формированию умственных действий.- В кн.: Психологическая наука в СССР. М.,1959. с.465.
2. Давыдов, В.В. Связь теорий обобщения с программированием обучения.-В. кн. :Исследование мышления в советской психологии. -М., 1966. с.468.
3. Карасова, И.С. Межпредметные семинары как средство систематизации и обобщения знаний учащихся средней школы: Методические рекомендации для учителей школ и студентов педвузов.-Челябинск, 1992.-148с.
4. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. М., Политиздат, 1975. -304 с.
5. Леонтьев, А.Н. Проблемы развития психики.-М., 1965. -347 с.
6. Талызина, Н.Ф. Теория поэтапного формирования умственных действий и проблема развития мышления.-Советская педагогика, 1967, № 2. с,28.
7. Усова, А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения. М., Педагогика, 1986. -176 с.
8. Шардаков, М.Н. Мышление школьника.-М., 1963. с.215.
9. Шорохова, Л.В. Проблема сознания в философии и естествознании. М., 1961.-84с.
10. Энциклопедический словарь юного биолога. М, ; Педагогика, 1986.


## РОЛЬ МОЛОДЕЖИ В СОХРАНЕНИИ КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ

***БОБОДЖОНОВА Мунзифахон Мирзоевна*** *– кандидат исторических наук, доцент, заведующая кафедры ЮНЕСКО «Межкультурный диалог в современном мире» Российско - Таджикский (Славянский) университет, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30.* ***E-mail:*** *muntaj@rambler.ru.*

В данной статье исследуется проблема сохранения культурного наследия и привлечения молодежи к изучению, сохранению и развитию культурного наследия. На примере кафедры культурологии Российско-Таджикского (Славянского) университета анализируется роль молодежи в сохранении культурного наследия.

Культурное наследие – понятие широкое и многоплановое. В каждой культуре складывается своя система ценностей, отражающая ее специфическое положение в мире. Культура Таджикистана – не только древняя, но и богатая, всесторонняя, охватывающая практически все ее направления и виды.

***Ключевые слова:*** *культурное наследие, конвенция, студенты, молодежь, учебно-научная лаборатория, культура.*

## НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ҲИФЗИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ

***БОБОҶОНОВА Мунзифахон Мирзоевна*** *– номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи ЮНЕСКО «Муколамаи байнифарҳангӣ дар ҷаҳони муосир»-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода, 30.* ***E-mail:*** *muntaj@rambler.ru.*

Дар мақолаи мазкур мушкилоти ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҷалб сохтани ҷавонон ба омӯзиш, муҳофизат ва рушд додани мероси фарҳангӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Масъалаи мазкур дар мисоли кафедраи фарҳангшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар масъалаи нақши ҷавонон дар нигоҳдории мероси фарҳангӣ баррасӣ шудааст.

Мероси фарҳангӣ мафҳуми васеъ ва серпаҳлӯ аст. Дар ҳар як фарҳанг низоми арзишҳои худ ташкил меёбад, ки ҳолати махсуси онро дар ҷаҳон инъикос менамояд. Фарҳанги Тоҷикистон на танҳо қадима, балки пурғановат ва серпаҳлӯ буда, амалан ҳамаи самту намудҳои онро дарбар мегирад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *мероси фарҳангӣ, конвенсия, донишҷӯён, ҷавонон, озмоишгоҳи таълимию илмӣ, фарҳанг.*

## THE ROLE OF YOUNG PEOPLE IN THE PRESERVATION OF CULTURAL HERITAGE

***BABADJANOVA Munzifakhon Mirzoevna** – Associate Professor, PhD in History, Head of UNESCO Chair "Intercultural Dialogue in the Modern World" Russian-Tajik (Slavonic) University, Dushanbe, st. Mirzo Tursunzoda, 30.* ***E-mail:*** *muntaj@rambler.ru.*

This article explores the problem of preservation of cultural heritage and involvement of youth in the study, preservation and development of cultural heritage. On the example of the department of cultural studies of Russian-Tajik (Slavonic) University the role of youth in the preservation of cultural heritage is analyzed.

Cultural heritage is a broad and multidimensional concept. Each culture develops its own system of values, reflecting its specific position in the world. The culture of Tajikistan is not only ancient, but also rich and all-embracing, covering practically all its directions and types.

***Key words:*** *cultural heritage, convention, students, youth, training and research laboratory, culture.*

Осваивая ценности окружающего мира, мы опираемся на устоявшиеся в нашей культуре традиции, нормы, обычаи. Духовный, культурный, экономический и социальный капитал невозместимой ценности – это культурное наследие. Наравне с природными богатствами это главное основание для национального самоуважения и признания мировым сообществом. Культурное наследие – понятие широкое и многоплановое: сюда входит как духовная, так и материальная культура. Понятие «культурное наследие» связано с целым рядом других категорий теории культуры (культурные ценности, традиции, новаторство и др.), но имеет свой собственный объем, содержание и значение. Так как развитие идет от прошлого к настоящему и от настоящего к будущему, поэтому в обществе всегда, с одной стороны, живут традиции, в которых сконцентрирован опыт предшествующих поколений, а с другой – происходит рождение новых традиций, представляющих собой опыт, из которого будут черпать знания будущие поколения.

В каждой культуре складывается своя система ценностей, отражающая ее специфическое положение в мире. Культура Таджикистана – не только древняя, но и богатая, всесторонняя, охватывающая практически все ее направления и виды.

Концепция культурного наследия народов представляет собой логическое отображение на национальном уровне концепции всемирного культурного наследия, закрепленной в современном международном праве. Важнейшими документами в области охраны всемирного культурного наследия являются «Конвенция об охране Всемирного культурного и природного наследия», принятая Генеральной конференцией ЮНЕСКО на семнадцатой сессии (Париж, 16 ноября 1972 г.), и Рекомендация по сохранению исторических ансамблей (1976 г.). [5] 1-9 декабря 2022 года в Санкт-Петербурге и Казани прошел Международный форум к 50-летию Конвенции об охране всемирного культурного и природного наследия, который был посвящен обсуждению актуальных вопросов сохранения уникальных мировых культурных и природных объектов, включенных в Список всемирного наследия ЮНЕСКО.

«Конвенция об охране Всемирного культурного и природного наследия» касается памятников, культурных и природных объектов, имеющих исключительную ценность для всего человечества. Таджикистан ратифицировал данную Конвенцию, стал ее членом. Комитетом всемирного культурного и природного наследия при ЮНЕСКО в Список

всемирного наследия были внесены и некоторые памятники культуры Таджикистана: Саразм – первый в Таджикистане памятник Всемирного наследия – древнейшее поселение (IV—II тысячелетие до н. э.), имеющее историю свыше 5500 лет (внесен в 2010 г.) [1, с.174-179]; Национальный парк Таджикистана, который имеет уникальный природный ландшафт (внесен в 2013 г.) [1, с.180-183]. Впервые за много лет на Карте всемирного наследия ЮНЕСКО появились и памятники культурного и природного наследия таджикского народа.

Современная тенденция переосмысления роли и значения культурного наследия состоит в стремлении не только сохранить его в первозданном виде, но и активно включить в основу современной жизни. То есть сам процесс истории художественной культуры выступает здесь не только как процесс сохранения прошлого и накопления культурных ценностей, но и как процесс открытия нового в старом.

В ноябре 2003 г. ЮНЕСКО провозгласила «Музыку Шашмаком – Таджикистана и Узбекистана – Шедевром устного нематериального культурного наследия человечества» [1, с.127-134]. В сентябре 2009 года праздник Навруз был включен в репрезентативный список нематериального культурного наследия человечества ЮНЕСКО, и в конце февраля 2010 года 64-я сессия Генеральной Ассамблеи Организации Объединенных Наций объявила 21 марта Международным днем Навруза [1, с.165-173].

В решениях Правительства Республики Таджикистан [4], Министерства культуры страны, в документах ЮНЕСКО («Конвенции об охране всемирного культурного и природного наследия», «Конвенция о сохранении нематериального культурного наследия», «Рекомендации по сохранению фольклора» и др.) [11], признается основополагающая роль культуры в развитии государства и самореализации личности, гуманизации общества, сохранении национальной самобытности народов и утверждении их достоинства.

Таджикский народ – один из древнейших народов мира. Его история связана с борьбой таджиков, который не только выстоял, выжил в многовековой, изнурительной борьбе с иностранными захватчиками, но также и создал уникальные творения и такие формы социально-культурной деятельности, которые и сегодня во многом могут послужить дальнейшему прогрессу культурной жизни.

Уходящая своими корнями в глубокую древность, культура таджикского народа характеризуется самобытными и богатыми традициями.

Угроза утраты самобытной культуры народов усиливает его стремление сохранить уникальное культурное наследие, передать подрастающим поколениям свой менталитет и веками складывавшиеся национально-культурные традиции. В этих целях они, в первую очередь, используют систему образования, семейный уклад и сферу досуга.

На кафедре культурологии Российско-Таджикского (Славянского) университета создана учебно-научная лаборатория этнокультурологии и социокультурных исследований. [9] Членами лаборатории в основном являются студенты. Помимо изучения памятников культуры, культурного наследия таджикского народа, студенты выезжают на объекты, проводят социологические исследования. Следует отметить, что наряду с материалами известных ученых, преподавателями кафедры культурологии, специалистами в Бюллетени учебно-научной лаборатории этнокультурологии и социокультурных исследований представлены результаты исследований студентов-культурологов, проведенных в период научных экспедиций. Это дает возможность студентам, используя теоретическую базу, полученную в учебном процессе, закрепить на практике – в экспедиции. Выступая на конференциях, апробируя результаты исследований научной экспедиции – все это прививает студентам навыки исследовательской и научной работы, продолжение которых они планируют проводить в период учебы и новых экспедиций. Материалы своих исследований студенты представляют на конференциях различного уровня, готовят доклады, выпускные квалификационные и магистерские работы по материалам своих исследований [9]. Отрадно отметить, что многие выпускники продолжают работать в музеях и туристических фирмах Таджикистана, продолжая использовать полученный опыт по сохранению культурного наследия.

Культурное наследие не есть нечто неизменное: культура любой исторической эпохи всегда не только включает культурное наследие, но и творит его.

Большую роль в защите, сохранении и развитии культурного наследия в стране играют Министерство культуры Республики Таджикистан, Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной Академии наук Таджикистана и другие. В

Таджикистане функции охраны историко-культурного наследия выполняет Общество охраны памятников истории и культуры Республики Таджикистан.

Следует отметить деятельность частных клубов и объединений республики (основной состав которых представляет молодежь), проводящие работу по сохранению, защите и развитию культурного наследия – это клуб «Мино» (руководитель С.Ходжиева), «Хафт пайкар» (руководитель М.Каюмова), «Музей музыкальных инструментов Гурминджа Завкибекова» (руководитель И.Завкибеков). Музей был основан в 1990 г. на базе частной коллекции народного артиста Республики Таджикистан Гурминджа Завкибекова. На Востоке музыкальные инструменты всегда были средством озвучивания творений поэзии. [3]

Инструмент выражал душу певца – хафиза, затрагивал самые тонкие струны и глубокие чувства автора. Инструмент олицетворял человека с его переживаниями и радостями, молодостью и старостью, добром и злом. Музей насчитывает в своих фондах свыше 200 экспонатов со всех стран Азии. Можно привести много примеров того, как в Таджикистане защищают, сохраняют и развивают наше богатое культурное наследие.

Вот лишь несколько примеров культурного наследия таджиков, которые заслуживают и должны быть известны всему миру, которые заслужено должны быть внесены в Список Всемирного культурного и природного наследия ЮНЕСКО и признаны Шедеврами нематериального наследия человечества: Хульбук и Аджина-Теппа; музыка долины Зеравшана и памирские танцы; сюзане, читгари, гулбаст и многие другие. [1, с.с.150-153, 199-204].

Культурное наследие несет в самом себе и функцию подлинно современного явления культуры. Лучшие произведения искусства не только продолжают участвовать в жизни человечества, но в них художественная культура не знает старения.

Важно понимать преемственность художественных ценностей не как механическое использование культурного наследия прошлых поколений. Хранить наследство еще не значит ограничиваться этим наследством. Необходимо изучать это наследство и активно включать его в современную социокультурную ситуацию. «Культура есть память. Поэтому она всегда связана с историей, всегда подразумевает непрерывность нравственной, интеллектуальной, духовной жизни человека, общества и человечества. И поэтому, когда мы говорим о культуре нашей, современной, мы, может быть, сами того не подозревая, говорим и об огромном пути, который эта культура прошла. Путь этот насчитывает тысячелетия, перешагивает границы исторических эпох, национальных культур и погружает нас в одну культуру – культуру человечества» [7, с.266].

Учитывая богатое культурное наследие таджиков, государству и обществу, ученым и специалистам, организациям, в функции которых напрямую входят обязанности по защите, сохранению и распространению культурного наследия, необходимо сделать все возможное, чтобы не утратить его. Утрата самобытной культуры народов усиливает его стремление сохранить уникальное культурное наследие, передать подрастающим поколениям свой менталитет и веками складывавшиеся национально-культурные традиции. В этих целях они, в первую очередь, используют систему образования, семейный уклад и сферу досуга. В этих целях они, в первую очередь, используют систему образования, семейный уклад и сферу досуга.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Бабаджанова, М.М. Межкультурный диалог в современном мире [Текст]: учебник / автор М.М. Бабаджанова. – Душанбе: «Илм», 2021. – 280 с.

2. Бабаджанова, М.М. Культурное наследие: защита, сохранение и развитие. [Текст]. История повседневности и образ жизни россиян в XIX-XXI вв.: материалы Всерос. оч.-заоч. науч.- практ. конф. с междунар. участием, 24 октября 2019 г., посвящ. 80-летию Шадр. гос. пед. ун-та / редкол. Н.Ф. Чипинова, С.А. Парфенова, Е.А. Бурлакова; Шадр. гос. пед. ун-т. – Шадринск: ШГПУ, 2019. – С. 37-43.

3. Бабаджанова, М.М. Культурное наследие Таджикистана и гражданская идентичность. [Текст]. ЭТНОДИАЛОГИ: научно-информационный альманах. 2022. № 2 (68). Москва, 9-10 декабря 2021г. – С. 90-102.

4. Закон Республики Таджикистан об охране и использование объектов историко-культурного наследия. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2006 год, №3, ст. 168; 2012 г., №12, ч. 1, ст. 1015). [Текст]. [Электронный ресурс]. – Режим доступа http://ncz.tj/system/files/Legislation/178_ru.pdf

5. Конвенции об охране всемирного культурного и природного наследия. [Текст]. [Электронный ресурс]. – Режим доступа https://www.un.org/ru/ documents/ decl_conv/conventions/heritage.shtml:text
6. Организация Объединенных Наций [Электронный ресурс]: офиц. сайт. – Режим доступа: www.un.org
7. Радугин, А.А. Культурология. [Текст]. – М.: Инфра-М., 2007. – 304 с.
8. Роль профессиональной подготовки культурологов в сохранении и развитии культурного потенциала таджикского народа. Развитие культуры и образования в условиях глобализации. Монография / Ладыгина О.В., Юлдашева М.Р., Бабаджанова М.М., Азизова С.А., Гульмирзоева Г.Д., Умарова З.Х., Саттарова Н.Г. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 134 с.
9. Текущий архив Российско-Таджикского (Славянского) университета.
10. Традиции и обычии таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. [Текст]. // Под ред. профессора Обидова И .0. – Душанбе, 2004. – 205 с.
11. ЮНЕСКО [Электронный ресурс]: офиц. сайт. – Режим доступа: www.unesco.org .

## ИМКОНИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ХУДОМӮЗИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ВКД

***ҒАФОРӢ Маҳбуба Ғафор*** *– унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *mahbubajabborova229@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 927 80 97 96*

Дар мақола масъалаҳои имкониятҳои педагогии рушди худомӯзии таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимии ВКД баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар марҳалаи рушди ҷамъияти иттилоотии муосир, ки афзоиши дониш босуръат авҷ мегирад, ба ҳар як мутахассис зарур аст, ки дараҷаи инкишофи ҳамаҷонибаи худро мунтазам баланд бардорад. Барои ҳалли масъалаи мазкур ба имкониятҳои худомӯзии шахсият таваҷҷӯҳи ҷиддӣ додан лозим аст. Раванди таълиму тарбия дар донишгоҳи олии ВКД дар муқоиса бо мактаби миёна як қатор вежагиҳо дорад, ки дар фаъолияти педагогӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.
Хулоса шудааст, ки шунаванда бояд оид ба табиати томи худомӯзӣ тасаввурот дошта бошад ва дар он нақши худро тасаввур кунад, яъне вобастагии натиҷаҳои назорати худро аз малакаҳо ва маҳорати худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ дарк намояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *имкониятҳои педагогӣ, худомӯзӣ, рушд, субъекти таълим, раванди таълим, шахсият, таълимгирандагон, омузгор, дониш, маҳорат.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ РАЗВИТИЯ САМООБРАЗОВАНИЯ СЛУШАТЕЛЕЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ МВД

***ГАФОРИ Махбуба Гафор*** *– соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *mahbubajabborova229@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 927 80 97 96*

В статье рассматриваются педагогические возможности самообразования слушателей в образовательных учреждениях МВД. Отмечается, что на этапе развития современного информационного общества, где рост знаний идет быстрыми темпами, каждому специалисту необходимо регулярно повышать уровень своего всестороннего развития. Для решения этой проблемы необходимо уделить серьезное внимание возможностям личного самообразования. Процесс обучения и профессиональной подготовки в высшем вузе МВД имеет ряд деталей, которые следует учитывать в педагогической деятельности по сравнению со средней школой.
Сделан вывод, что слушатель должен иметь представление обо всей природе самообразования и представлять свою роль в нем, то есть понимать зависимость результатов своего контроля от навыков и умений самообразования и самовоспитания.

***Ключевые слова:*** *педагогические возможности, самообразование, учебный предмет, образовательный процесс, личность, обучающиеся, педагог, знания, умения.*

# PEDAGOGICAL OPPORTUNITIES FOR THE DEVELOPMENT OF SELF-EDUCATION OF STUDENTS IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE MINISTRY OF INTERNAL AFFAIRS

***GAFORI Mahbuba Gafor*** *– applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the Academician Bobojon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage, 1.* ***E-mail:*** *mahbubajabborova229@gmail.com,* ***phone:*** *(+992) 927 80 97 96*

The article discusses the pedagogical opportunities for self-education of students in educational institutions of the Ministry of Internal Affairs. It is noted that at the stage of development of the modern information society, where knowledge is growing at a rapid pace, each specialist needs to regularly improve the level of his comprehensive development. To solve this problem, it is necessary to pay serious attention to the possibilities of personal self-education.

The process of education and professional training at a higher education institution of the Ministry of Internal Affairs has a number of details that should be taken into account in teaching activities in comparison with secondary school. It is concluded that the listener must have an idea of the whole nature of self-education and imagine his role in it, that is, understand the dependence of the results of his control on the skills and abilities of self-education and self-education.

***Key words:*** *pedagogical opportunities, self-education, academic subject, educational process, personality, students, teacher, knowledge, skills.*

Дар шароити рушди ҷамъияти иттилоотии муосир, ки афзоиши дониш босуръат авҷ мегирад, ба ҳар як мутахассис зарур аст, ки дараҷаи инкишофи ҳамаҷонибаи худро мунтазам баланд бардорад. Барои ҳалли масъалаи мазкур ба имкониятҳои худомӯзии шахсият таваҷҷӯҳи ҷиддӣ додан лозим аст. Тадқиқотҳои сершумор муайян карданд, ки самаранокӣ ва натиҷагирии раванди худомӯзии шахсият аз сатҳи инкишофи хислатҳои шахсӣ, аз донишҳои анлӯхташуда ва малакаи амалӣ кардани фаъолияти худомӯзӣ вобаста аст.

Дар марҳалаи муосири ислоҳоти низоми маорифи мамлакат санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомнома дар бораи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ) воридкунии тағйироти ҷиддиро ба мундариҷаи ҳадафҳо ва сохтори омодакунии кадрҳои мақомоти корҳои дохилӣ тақозо мекунанд.

Фаъолияти худомӯзии таълимгирандагони муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар айни замон бе муҷаҳҳаз кардан бо компютер тасаввур кардан ғайриимкон аст. Компютерҳо дар ҳаёт ҷойгоҳи бештарро ишғол мекунанд, маълумотро пешниҳод карда, вақтро сарфа мекунанд, равандҳои таҳлил, ҳисоббарорӣ ва тасаввурро кӯтоҳтар месозанд, ба маҳсулнокии тафаккури эҷодӣ фаъолона мусоидат менамоянд. Олимони соҳаи дурнамои рушд, дурнамои илм ва истеҳсолот чунин ақида доранд, ки рушди оянда бо компютер вобаста аст. Бинобар ин, айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, дар фаъолияти илмӣ, фарҳангӣ ва истеҳсолӣ таҳияи барномаҳои компютерӣ фаъолона ба роҳ монда шудааст. Дар муҳити маориф низ дар самти ҷустуҷӯи роҳҳо, шаклҳо, усулҳо ва технологияи компютеркунонӣ фаъолият ба роҳ монда шудааст.

Компютер дар таълим ва худомӯзӣ бештар ду нақшро мебозад: ҳамчун фанни омӯзиш ва ҳамчун воситаи технологии таълим. Фанне, ки дар муассисаҳои таълимӣ торафт мавқеи болоро ишғол менамояд - асосҳои информатика ва технологияи компютерӣ мебошад. Дар доираи ин фан асосҳои кор бо маълумот, асосҳои педагогии барномасозиро меомӯзанд, бо забонҳои алгоритмӣ, сохти технологияи микропротсессорӣ ва мошинаҳои ҳисоббарор шинос мешаванд.

Аз рӯйи моҳияти худ раванди тарбия раванди аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншуда мебошад. Ба монанди ҳамаи ҳодисаҳои иҷтимоӣ он низомҳои муайяни инкишофи худро дорад. Дар он зоҳир мешаванд:

- қонуниятҳои умумии диалектикӣ;
- шаклҳои инкишофи ҷамъиятӣ;
- шакли иттилоот ва сатҳи идоракунӣ;
- қонуниятҳои сатҳи гносеологӣ ё фаъолияти маърифатии таълимгирандагон;
- қонуниятҳои ташаккули шахсият;
- қонуниятҳои иҷтимоӣ-психологӣ.

Раванди таълиму тарбия дар донишгоҳи олии ВКД дар муқоиса бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор вежагиҳо дорад, ки дар фаъолияти педагогӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ба онҳо дохил мешаванд:

а) мувофиқати ҳадафҳои васеи таълимӣ ва тарбиявӣ бо вазифаҳои тайёрии касбии мутахассисони соҳаи мушаххас;

б) вежагии объектҳои таълим: синнусолӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, ҷисмонӣ ва хусусиятҳои дигари таълимгирандагон;

в) вежагии раванди таълим, ки он зоҳир мешавад:

- дар мувофиқати таълими назариявӣ бо таълими амалии мутахассисон;

- гуногунии шаклҳои мақсад ва усулҳои самарабахши таълиму тарбияи мутахассисони оянда;

- пешниҳоди мустақилияти бештар ба шунавандагон дар азхудкунии маводи барномавӣ (истифода васеи усули кори мустақилона зери роҳбарии омӯзгорон);

- бартарияти усули дедуктивии интиқоли иттилоот нисбат ба усули индуктивӣ;

- вежагии санҷиш ва арзёбии пешравии таълимии шунавандагон (мавҷуд будани се намуди назорат: ҷорӣ, марҳилавӣ ва ниҳоӣ);

г) хусусиятҳои хоси раванди таълим дар заминаи ташаккули хислатҳои моҳияти касбии мутахассис:

- хусусияти муҳити иҷтимоӣ: доираи синнусолии асосии шунавандагон, ки ба он саъю кӯшиш ва фаъолияти шахсии муайян хос мебошад;

- зарурати истифодаи шаклу усулҳои махсуси таълим, ки аз ҷониби шунавандагон беҳтар қабул карда мешаванд;

- мувофиқати ботавозуни нақши тарбиявии коллектив дар асоси худидоракунии он бо муносибати махсус, инфиродӣ ба ҳар як шунаванда;

- истифодаи салоҳиятноки ташкилотҳо ва иттиҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати кори тарбиявӣ дар гурӯҳҳоои шунавандагон ва дар маҷмӯъ, муассисаи таълимӣ[1].

Якҷоя бо ин хусусиятҳо ба донишгоҳҳо мувофиқати ҳатмии кори таълиму тарбия бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ хос аст, ки ба ташаккули тафаккури касбии мутахассисониояндаи дорои маълумоти олӣ мусоидат мекунад.

Аз ин бармеояд, ки раванди таълимро дар муассисаҳои олии ВКД ҳамчун падидаи мустақили психологӣ-педагогӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки омодакунӣ аз рӯи ихтисос, инкишофи шахсият ва таҳсилоти умумиро дарбар мегирад.

Ҳангои баррасии омодагии шахсият ба худомӯзӣ ҳамчун синтези шароитҳои дохилие, ки аслан имконпазир будани раванди худомӯзиро муайян мекунанд, чаҳор унсури муҳимтарини таркиби онро ҷудо кардан мумкин аст:

- **дастгоҳи эҳсосӣ-шахсиятӣ** (эҳтиёҷоти ботинӣ ба такмил додани худ, арзишҳои шахсӣ, механизми эҳсосӣ- иродавӣ, қобилиятҳои умумии зеҳнӣ ва ғ.);

- **низоми дониш, маҳорат, малакаҳои худомӯзӣ,** ки шахсият ба даст овардааст (пуррагӣ ва амиқии ташаккулёбии мафҳумҳои илмӣ, робитаи байни онҳо, малакаи алоқаманд кардани мафҳумҳои илмӣ бо воқеияти объективӣ, дарки нисбияти дониш ва зарурати аниқ кардани онҳо тариқи дониши бонизом ва ғ.);

- **малака ва маҳорати кор бо сарчашмаҳои асосии иттилоот**, ба монанди китобҳо, низомҳои библиографӣ, воситаҳои ҷустуҷӯии иттилоот, радио, телевизион, лексияҳои махсус ва ғ. (қобилияти ҷустуҷӯ дар миқдори калони иттилоот, интихоби чизи асосӣ, сабти он ва ғ.);

- **низоми маҳорату малакаҳои ташкилотчигӣ ва идоракунӣ** (таъин намудан ва иҷро кардани вазифаҳои худомӯзӣ, ба нақша гирифтани кори худ, назорати шахсӣ, худтаҳлили натиҷа ва хусусияти фаъолияти ҳаваскорӣ ва ғ.) [4].

Унсурҳои таъкидшудаи омодагии шахсият ба худомӯзӣ дар маҷмӯъ қобилиятҳои таълимгирандагонро дар ташкил ва татбиқи раванди худомӯзӣ ба таври ҳамаҷониба ва пурра тавсиф мекунанд.

Муваффақияти худомӯзӣ қабл аз ҳама бо дараҷаи омодагии шунаванда муайян карда мешавад. Дар раванди педагогӣ дар муассисаҳои таълимии ВКД се дараҷаи омодагии инфиродиро ба худомӯзӣ ҷудо кардан мумкин аст: ибтидоӣ, миёна ва олӣ.

Дар сатҳи ибтидоӣ ангезаҳои худомӯзӣ асосан тасодуфӣ мебошанд. Донишҳои фанҳои таълимӣ хусусияти маҳдуд доранд. Шунавандагон робитаҳои байнифанниро байни мафҳумҳои мухталифи илмӣ намебинанд. Малакаи кор бо манбаъҳои иттилоот ба низом дароварда нашудааст, баъзе аз онҳо умуман истифода намешаванд. Дар сатҳи мазкур

шунавандагон тарзи мустақилона ташкил кардани худомӯзиро намедонанд, балки танҳо ба андозаи муайян метавонанд. Дар ин дараҷа талабагон мустакилона ташкил кардани худомузиро намедонанд, балки танҳо дастуру тавсияҳои омӯзгоронро бо дараҷаи муайяни поквиҷдонӣ ва кӯшишу ғайрат иҷро карда метавонанд.

Сатҳи миёнаи омодагии шахс ба худомӯзӣ бо хоҳиши омӯхтани тарзи мустақилона гузоштани ҳадафҳои худомӯзӣ ва босифат иҷро кардани онҳо тавсиф мешавад, аммо ҳамзамон шунавандагон на ҳама вақт фаҳмо муқаррар кардани онҳоро медонанд. Донишҳо дар фанҳои таълимӣ ба низом даровaрда шудааст, вале робитаҳои байнифаннӣ на ҳама вақт равшану возеҳ дарк мешаванд. Шунавандагон аз кор бо манбаъҳои асосии иттилоот огоҳанд, аммо на ҳама вақт онҳоро дар фаъолияти худомӯзӣ оқилонаву самаранок истифода мебаранд. Шунавандагон раванди худомӯзиро мустақилона ташкил карда метавонанд, аммо раванди худомӯзиро оқилона ба нақша гирифта наметавонанд.

Дар сатҳи олӣ зарурати дар худомӯзӣ аз ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим истифода кардан, қобилияти возеҳ ифода кардани чунин ҳадафҳо ва хоҳиши ба тaври мутаносибу беҳтар расидан шахсият ба онҳо тавсиф дода мешавад. Дониши шахсият ҳамаҷониба ва том аст. Дар заминаи дониш дарки амиқи мавҷудияти робитаҳои дохилӣ ва байнифаннӣ дар илм қарор мегиранд. Шунаванда медонад, ки дар фаъолияти худ сарчашмаҳои мухталифи иттилоотро оқилона истифода барад. Шунаванда дарк менамояд, ки дар асоси илм раванди худомӯзиро ба таври мутаносибу оқилона идора кардан, нақша сохтан, пеш аз татбиқи нақшаҳо ва назорати натиҷаҳои бадастомадаро дохил карда метавонад.

Шарти асосие, ки шунавандагонро ба худомӯзӣ ташвиқ мекунад, моҳияти ҳамкории омӯзгор ва таълимгирандагон дар амалияи таълим мебошад. Бо назардошти он, ки чунин ҳамкорӣ бояд тамоми хусусиятҳои низомро дошта бошад ва ба инкишофи сатҳи омодагии шахсият ба худомӯзӣ бештар мусоидат кунад, мо талаботҳоеро зикр менамоем, ки дар заминаи онҳо усулҳои таъсири педагогӣ ба шахсияти таълимгирандагон ба нақша гирифта мешаванд ва татбиқ мешаванд. Ҷузъи калидии низоми муносибатҳои байни омӯзгор ва таълимгирандагон муносибатҳои субъектӣ-субъектӣ байни онҳо буда, муносибатҳои субъектӣ-объектӣ дар мавқеи тобеъ ҷойгир шудаанд. Субъекти таълим (шунаванда) тавассути ҳадаф, ангеза ва шароите, ки омӯзгор ташкил кардааст, худаш раванди ба маҳсул-мақсад табдил додани предмет, бо натиҷаҳои нав (маҳорат, дониш) ғанӣ гардонидани воситаҳои мавҷуда (таҷрибаи андӯхташуда)-ро таъмин менамояд. Омӯзгор дар фаъолияти мустақилонаи шунаванда ба таври ғайримустақим, тавассути фароҳам овардани шароит тибқи фармоиши иҷтимоӣ иштирок меварзад. Ин равиш на танҳо ба устувори мустаҳкам гардидани фаъолияти субъективии таълимгирандагон имконият медиҳад, балки ба такмили он низ мусоидат менамояд. Дар асоси банақшагирӣ ва татбиқи намудҳои мушаххаси ҳамкории омӯзгор ва шунавандагон дар амалияи педагогӣ бояд сатҳи воқеии омодагии шахсияти тарбиятшавандагон ба худомӯзӣ ва вазифаҳои инкишофи наздиктарин қарор гирад, ки ҳалли онҳо ба баланд шудани сатҳи мазкур мусоидат мекунад. Шарти муҳими ташаккули омодагии шунавандагон ба худомӯзӣ ин тағйирот дар инкишофи ҳамкории низомманди байни омӯзгорон ва шунавандагон мебошад. Маҳз тавассути ин гуна тағйироту ҳаракати ҳамкории онҳо диалектикаи муносибатҳои низомманди омӯзгор ва шунаванда зоҳир мешавад.

Бо назардошти хусусиятҳои муносибатҳои низомманди байни омӯзгор ва шунаванда дар амал ҳамчун шарти асосии худомӯзӣ принсипи тадриҷан васеъ намудани вазифаҳои субъективии шунавандагон дар раванди ҳадафмандонаи педагогӣ пешниҳод шудааст. Принсипи мазкур, ки дар заминаи таҳлили хусусиятҳои низомманди муносибатҳои байни омӯзгорон ва шунавандагон дар раванди педагогӣ ба вуҷуд омадааст, стратегияи идоракунии педагогии худомӯзии шанавандагонро муайян мекунад. Он чунин маъно дорад, ки шароитеро муҳайё кардан зарур аст, ки он ба ташаккули малакаҳои ташкилотчигӣ ва роҳбарии шунавандагон дар асоси дар амалияи омӯзгорӣ ҳавасманд гардондани фаъолияти субъективии онҳо ҳаддалимкон мусоидат намояд. Бо мақсади ин дар назди шунавандагон бояд доимо вазифаҳои нав гузошта шаванд, ки ҳалли онҳо аз шунавандагон амалҳои ғайримуқаррарӣ содир кардан, мустақилона ҷустуҷӯ намудани тартиботи самараноки таълим, азхуд намудани малакаҳои худидоракуниро тақозо мекунад. Суръати вусъати вазифаҳои субъективии идоракунӣ дар раванди педагогӣ бояд ба инкишофи эҳсосӣ ва иродавии шахс, ба сифати донишҳои андӯхташуда, қобилияти кор кардан бо манбаъҳо ахбороти иҷтимоӣ ва ғайра мувофиқ бошад. Вусъати вазифаҳои субъектии идоракунандаи шунавандагон дар амалияи педагогӣ бояд тавре амалӣ шаванд, ки муносибатҳои субъектию объектии байни омӯзгор ва шунавандагон аз рӯи моҳият ба ҳамкорӣ наздик шавад. Ба низоми фаъолият ҳамчун субъект

дохил шудани шунаванда, қобилияти бошуурона ва мувофиқи мақсад амал кардан, ба даст овардани натиҷаҳо (маҳорат, дониш, малакаҳо)-е, ки аз ҷиҳати миқдор ва сифати амали иҷрошаванда мувофиқанд, дар назар дорад. Аз ин бармеояд, ки дар раванди худомӯзӣ нақши худтарбия меафзояд. Раванди худтарбия ба тағйир додани ҷаҳони ботинии инсон самтгузорӣ шудааст ва ин тағйиротҳо ба ташаккули мутахассиси намуди нав мусоидат менамоянд.

Афзудани нақши ҷанбаҳои тарбиявӣ ва фаъолиятӣ дар худомӯзӣ зарурати ворид намудани тағйиротро ба мундариҷаи раванди кори мустақилонаи шунавандагон баҳри аз худ намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои нав, инчунин дар ин замина ташаккул ёфтани сифатҳои шахсиро муайян мекунад. Вазъияти муосири кори мустақилонаи шунавандагонро дар муассисаҳои таълимии ВКД таҳлил намуда, мо принсипҳоеро муқаррар менамоем, ки кори мустақилона дар заминаи онҳо бояд амалӣ шавад. Ҳангоми ба нақша гирифтани кори мустақилона бояд, қабл аз ҳама, ба унвон «дарахт»-и он муайян карда шавад, ки низоми асосии донишҳои методологӣ ва назариявиро дар бар мегирад ва ин низом бояд барои таҳлили ҳатмии лексионӣ пешниҳод карда шаванд. Баъдан ташаккули шаклҳои гуногуни кори мустақилона пешбинӣ мешавад. Кори мустақилона аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) шунаванда - субъекти фаъолият;
2) субъекти фаъолияти ӯ;
3) раванд ҳамчун маҷмӯи амалҳои шунаванда аз болои субъект;
4) шартҳои амали шунаванда аз болои субъект;
5) маҳсул ҳамчун натиҷаи табдили субъект;
6) ҳадаф ҳамчун лоиҳаи маҳсули фаъолият;
7) ангеза ҳамчун шарти дохилии фаъолият;
8) таҷрибаи ибтидоии шунаванда, дониш, малака ва маҳорати ташаккулёфтаи шахсияти шунаванда[5].

Дар раванди ташкили кори мустақилона омӯзгор бояд чунин воситаҳоро ба инобат гирад:

а) банақшагирии кори мустақилона, яъне муайян кардани ҳадафҳо ва усулҳои ноил шудан ба он;

б) ташкили кори мустақилона, яъне таъмини алоқамандии ҷузъҳои алоҳидаи низоми фаъолияти таълимӣ;

в) идоракунии кори мустақилона, яъне назорати фаъолияти таълимии шунаванда бо таҳрири минбаъдаи он барои ноил шудан ба ҳадафҳо;

г) робита, яъне интиқоли маълумоте, ки аз ҷониби шунаванда шахсан қабул кардани қарорҳоро таъмин мекунад.

Шунаванда бояд низоми зерини кори мустақилонаро ба роҳбарӣ гирад:

а) амалҳои худро ба нақша гирад, яъне ҳадафҳои худро интихоб кунад, барномаҳо ва усулҳои ноил шуданро ба онҳо муайян намояд;

б) ташкил кардан, яъне тамоми захираҳои худро барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда сафарбар кунад;

в) фаъолияти худро идора кунад, яъне худро кардан бо ислоҳи минбаъдаи амалҳои худ назорат кунад;

г) дар заминаи интиқоли иттилооте, ки қабули қарорро таъмин мекунад, муошират намояд.

Низоми кори мустақилонаи шунаванда бояд таъмин намояд:

- ташаккули мустақилияти шунаванда;
- аз худ намудани маҳорат ва донишу малакаҳо барои ин зарурбуда;
- ба шунаванда пешниҳод намудани мавзӯи фаъолият;
- назорати амалҳои шунаванда;
- маълумот додани шунавандагон дар бораи сатҳи ноил шудан ба ҳадафҳо;
- муқаррар намудани хусусиятҳои маҳсули фаъолияти шунаванда;
- муайян намудани талабот ба натиҷаҳои фаъолияти шунаванда;
- дарк намудани шароити берунаи кори мустақилона;
- шароити дохилӣ;
- ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ;
- имконияти шунаванда оиди ба нақша гирифтани амалҳои худ;
- ба шунаванда имкон додани таҳрири амалҳои худ дар асоси назорати худ ва таҳлили маълумот оиди натиҷаҳо.

Г.Н.Сериков ҳамкории идоракунии субъект-субъектии байни омӯзгорон ва шунавандагонро тавсиф дода, панҷ намуди асосии онро муайян мекунад [4]. Мавқеи ҳар яки онҳо дар раванди педагогӣ бо ҳолати омодагии шахс ба худомӯзӣ муайян карда шуда, аз вазифаҳои ҳалшавандаи тарбия, таълим, инкишоф ва омодагии касбӣ вобаста аст.

Навъи якум бо дастурдиҳии алгоритмӣ аз ҷониби омӯзгор ба шунавандагон тавсиф мешавад. Омӯзгор дар заминаи муносибатҳои байнишахсӣ, одаму мошина ё заминаи дигар тамоми маҷмӯи расмиятеро, ки ҳар як шунаванда бояд ҳангоми ҳалли вазифаҳои додашуда иҷро кунад, пурра шарҳ медиҳад. Амали охирон хусусияти репродуктивӣ дорад, аммо онҳо ҳамчун субъектҳои худомӯзӣ мавқеи пассив надоранд. Иҷрои бовиҷдон ва софдилона ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ ба саъю кӯшиши эҳсосӣ ва иродавии онҳо вобаста аст. Алалхусус нақши субъективии шунавандагон ҳангоми кори мустақилона ба мушоҳида мерасад. Ин намуди ҳамкории мутақобилаи идоракунӣ тавассути истифодаи усулҳои ресептивӣ-репродуктивии таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад.

Навъи дуюм бо он тавсиф дода мешавад, ки омӯзгор дастурдиҳии алтернативӣ мегузаронад ва интихоби роҳи дигари нисбатан оқилона дар шароити мушаххас аз ҷониби шунавандагон мустақилона анҷом дода мешавад. Ҳамчун субъекти таълим ҳар шунаванда бояд он дастуреро интихоб намояд, ки онро барои ҳалли босифати вазифа муносиб медонад. Фаъолияти субъектии ӯ дар ин намуди ҳамкорӣ ҳоло ҳам моҳияти репродуктивӣ дорад, аммо унсурҳои фаъолияти маҳсулнок бо интихоби ҳадафмандонаи роҳи дигари оқилона мавҷуданд. Ин намуди ҳамкорӣ тавассути истифодаи усулҳои ресептивӣ-репродуктивӣ ва маҳсулноки таълиму тарбия ба даст оварда мешавад.

Навъи сеюм аз он иборат аст, ки омӯзгор вазифаҳои гуногунро мегузорад, дар бораи роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо бо назардошти сатҳи омодагии шунавандагон ба худомӯзӣ дастурҳои умумӣ медиҳад. Шунавандагон ҳамчун субъект аз байни дастурҳои ба онҳо пешниҳодшуда вазифаҳоеро интихоб мекунанд, ки ба андешаи онҳо ба ҳалли вазифа нисбатан мувофиқ бошанд. Ҳамзамон, таҳияи дастури нав, ки барои ҳалли масъалаи интихобшуда мувофиқ аст, истисно намешавад. Ин навъи ҳамкории идоракунӣ аз шунавандагон фаъолияти пурмаҳсулро тақозо мекунад. Ин намуди ҳамкорӣ дар заминаи истифодаи усулҳои истеҳсолӣ, эвристикии таълиму тарбия ҷараён мегирад.

Навъи чорум бо он тафовут дорад, ки омӯзгор танҳо маҷмӯи вазифаҳоро мегузорад ва ба таълимгирандагон машварат мегузаронад. Вазифаи субъективии шунавандагон та таври мақсаднок ба мадди аввал гузошта мешавад ва онҳо бояд чӣ тавр иҷро кардани супоришҳои гирифтаашонро мустақилона муайян кунанд. Дар ихтиёри омӯзгор тамоми воситаҳои назорат ва ҳуқуқи ба самти мувофиқ равона кардани фаъолияти субъективии шунавандагон қарор доранд. Ин навъи ҳамкорӣ бо истифода аз усулҳои маҳсулнок, озмоишӣ-ҷустуҷӯӣ ва усулҳои фаъоли дигар ҷараён мегирад.

Навъи панҷум бо фаъолияти мустақилонаи шунавандагон тавсиф мешавад. Онҳо мустақилона дар назди худ вазифаҳо гузошта, роҳу воситаҳо, шаклу усулҳои ҳалли оқилонаи онҳоро чустуҷӯ мекунанд. Омӯзгор бо истифода аз усулҳои кори мустақилона шунавандагонро ба худомӯзӣ водор намуда, ба онҳо кӯмаки ҳамаҷониба мерасонад. Худидоракунии шахсият дар заминаи сатҳи баланди омодагӣ ба худомӯзӣ амалӣ мешавад.

Дар раванди педагогӣ барои худомӯзӣ банақшагирии аз ҷиҳати илмӣ асосноки низоми томи воситаҳои ҳамкории педагогӣ нисбати шахсияти шунавандагон, ки ҷузъҳои мундариҷавӣ-ҳадафманд, амалиётӣ-фаъолиятӣ ва назоратӣ-баҳодиҳандаро дар бар мегирад, нақши муҳимро мебозад. Низоммандии маҷмӯи васоити ҳамкории педагогӣ нисбати шахсият шарти дуюмест, ки ба худомӯзии шунавандагон мусоидат менамояд. Дар баробари мақсади асосии педагогии чорабинии банақшагирифташуда вазифаҳои ташаккули дастгоҳи эҳсосӣ-ҳавасмандгардонии худомӯзии шахсиятро гузоштан лозим аст. Дар бештари мавридҳо механизмҳои эҳсосӣ-ҳавасмандгардонӣ дар худомӯзии шунавандагон нақши ҳалкунанда мебозанд. Тахти таъсири ангезаҳои дохилӣ, ҷаҳонбинии ташаккулёфта, таҳсил ва шароити раванди таълим шунавандагон оиди мундариҷаи худомӯзӣ тасмим қабул мекунанд.

Афзудани нақши ҷанбаҳои тарбиявӣ ва фаъолиятӣ дар худомӯзӣ зарурати ворид намудани тағйиротро ба мундариҷаи раванди кори мустақилонаи шунавандагон барои аз худ намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои нав, инчунин дар ин замина ташаккул додани сифатҳои шахсиро муайян мекунад. Барои муайян кардани раванде, ки дар он ҷанбаҳои мазкури худомӯзӣ татбиқ мешаванд, истилоҳи «худомӯзӣ»-ро истифода бурдан бамаврид аст. Дар партави равиши мазкур худидоракунии фаъолияти касбӣ ҷараёне мебошад, ки дар он

вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба ҳам тавъаманд, ки ба ташаккули маҳорати касбии шахсият нигаронида шудааст [6].

Омодагии шахсият ба фаъолияти касбӣ ангезаҳо ва ҳадафҳоеро дар бар мегирад, ки мундариҷаи худомӯзӣ, инчунин малакаҳову маҳорати худомӯзӣ, худташкилкунӣ ва назорати шахсиятро муайян мекунанд[7].

Шунавандагон ҳангоми иштирок дар раванди худомодакунӣ ба фаъолияти касбӣ ҳамзамон субъект ва объекти он мебошанд, яъне нисбат ба худ нақш иҷро мекунанд. Онҳо ҳамчун субъект бояд фаъолияти худро идора карда тавонанд ва ҳамчун объект бояд самаранок амал кунанд ва интизоми худро мустаҳкам гардонанд. Аз ин бармеояд, ки малакаҳои зикршуда дар бештари мавридҳо ба ҷустуҷӯ ва татбиқи роҳҳои ҳалли мушкилоти худомӯзӣ равона шудаанд, яъне онҳо бояд ҳамчун малакаи худомӯзӣ номбар карда шаванд. Дар ин моҳияти дуҷонибаи малакаҳои идоракунӣ моҳияти томи малакаҳо ва маҳорати худомӯзӣ ва худташкилкуниро ошкор зоҳир мешавад.

Дар рафти омодакунии худ ба фаъолияти касбӣ натиҷаҳои муайян ба даст меоянд. Муҳим он аст, ки ҳар як шунаванда ҳамчун субъекти худомӯзии фаъолияти касбӣ бояд саъю кӯшиши ташкили худомӯзӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро ба ҳам мувофиқа ва таносуб кунад. Таносуби саривақтии мазкур имкон медиҳад, ки таъсири хатогиҳои эҳтимолӣ коҳиш ёбад. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки малакаҳои дахлдор нақши муҳимро мебозанд.

Ҳамин тавр, шунаванда бояд оиди табиати томи худомӯзӣ тасаввурот дошта бошад ва дар он нақши худро тасаввур кунад, яъне вобастагии натиҷаҳои назорати худро аз малакаҳо ва маҳорати худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ дарк намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Архангельский, С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы. - М.: Высш .школа, 1980. - 368 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе: Ирфон.2013.
3. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 660 с.
4. Сериков, Г.Н. Самообразование: Совершенствование подготовки студентов. — Иркутск: Изд-во Иркут. ун-та, 1991 - 232 с.
5. Сеченов, И.М. Избранные философские и психологические произведения. — М.: Госполитиздат, 1947. - 648 с.
6. Тайчинов, М.Г. Воспитание и самовоспитание школьников: Кн. для учителя. - М.: Просвещение, 1982. - 160 с.
7. Талызина, Н.Ф. Совершенствование обучения в высшей школе // Сов. педагогика. - 1973. - № 7. - С. 71-82.
8. Талызина, Н.Ф. Теория учения и автоматизация учебного процесса: Психологические проблемы создания и использования ЭВМ. - М., 1985.-С. 155-157.
9. Философский энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1989. - 815 с.
10. Фридман, Л.М. Психологический анализ решения задач // Новые исследования в психологии и возрастной физиологии, № 1. — М.: Педагогика, 1971. - С. 9-15.
11. Шарифзода, Ф., Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиев [Матн]. – Душанбе,2012. -526 с.


## МУШКИЛОТИ КОРБУРДИ ВОЖАВУ ИСТИЛОҲОТ ДАР ЗАБОНИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори кафедраи забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Восифӣ, 21,* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 9225097*

Муаллиф дар мақола баъзе моводди қонуну қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷиҳати меъёри дурусти истилоҳ корбарӣ ва содагию мураккабии забони онҳо мавриди таҳлил қарор додааст, ки ҳар як санади меъёрӣ бо такомул ва инкишофи муносибатҳои сиёсию иқтисодии дохилии кишвар ва равобити байналмилалӣ мунтазам аҳаммияти хосса пайдо намудаву таваҷҷуҳи зиёдро талаб

менамояд.

Бо ҳамин мақсад, муаллиф мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро шарҳ додаву баъзе истилоҳоти ба тозагӣ эҷоднамудаи мутахассисони соҳавиро ҳамчун намуна пешниҳод намудааст.

Аз натиҷаи чунин таҳлилҳо дар ин раванд моро зарурат пеш меояд, то дар марҳилае, ки мо бояд маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишварро баланд бардорем, қаблан бояд дорои маърифати бойи забони бошем ва фарҳангномаҳо дар бахши илми ҳуқуқро таҳия намудаву манзури кулли ҷомеа намоем, ки ин иқдом дар рушди ҷомеа ва ташаккули шуури орифонаву оқилонаи шаҳрвандон ва пойдории ҷомеаи соҳибистиқлоли мо нақши судманд мебозад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *истилоҳот, арабизм, вожаҳои ғайримеъёрӣ, инобат, оиди, санадҳои меъёрӣ, тарҷумаи таҳтуллафзӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ УПОТРЕБЛЕНИЯ СЛОВ И ТЕРМИНОВ НА ЯЗЫКЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой языков Академии МВД Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул.Восифи, 21,* ***Email:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93 9225097*

Автор проанализировал некоторые правовые и законодательные материалы Республики Таджикистан с точки зрения правильного использования терминологии, простоты и сложности их языка. Каждый нормативный акт приобретает особое значение и требует большого внимания при совершенствовании и развитии внутриполитических и экономических отношений страны и международных отношений.

С этой целью автор рассмотрел проблемы в этой области и в качестве примеров привел некоторые вновь созданные специалистами термины.

В результате анализа автор пришел к выводу, что необходимо повысить правовое просвещение граждан страны, для этого, в первую очередь, необходимо в совершенстве владеть языком, также разработать и распространять словари в области юридической науки. Эта инициатива сыграет положительную роль в развитии общества и формировании просвещенного сознания граждан, а также устойчивости нашего независимого государства.

***Ключевые слова:*** *термины, арабизм, ненормативные слова, рассмотрение, нормативные акты, дословный перевод, язык, закон, неуместный, употребление, перевод.*

## PROBLEMS OF USING WORDS AND TERMS IN THE LANGUAGE OF LEGISLATION

***DAVLATSHOEVA Aziza*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Languages of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Vosifi, 21, st.* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992)93 9225097*

The author analyzed some legal and legislative materials of the Republic of Tajikistan from the point of view of the correct use of terminology, simplicity and complexity of their language. Each normative act acquires special importance and requires great attention in the improvement and development of domestic political and economic relations of the country and international relations.

To this aim, the author considered the problems in this area and gave some newly created terms as examples.

As a result of the analysis, the author came to the conclusion that it is necessary to increase the legal education of citizens of the country, for this, first of all, it is necessary to master the language perfectly, as well as to develop and distribute dictionaries in the field of legal science. This initiative will play a positive role in the development of society and the formation of an enlightened consciousness of citizens, as well as the sustainability of our independent society.

***Keywords:*** *terms, Arabism, profanities words, consideration, regulatory acts, literal translation, language, law, inappropriate, usage, translation.*

Забони қонунгузорӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли мо яке аз омилҳоест, ки он бо ҷанбаи маънoии худ ва ифодаи мафҳуми тахассусӣ ҳамчун истилоҳи корбурдшаванда дар қонунҳо

марбут мебошад. Имрӯза қонуну қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такомул ва инкишофи муносибатҳои сиёсию иқтисодии дохилии кишвар ва равобити байналмилалӣ мунтазам аҳаммияти хосса пайдо намудаву таваҷҷуҳи зиёдро талаб менамояд.

Бо мақсади амалисозии иқдоми истилоҳкорбарии соҳавӣ, маҳз, дар ҳамин марҳила мушкиле дар забони қонунгузории Тоҷикистон ба миён омад, ки дар ин давра корбурди калка ё тарҷумаи таҳтуллафзӣ, интиқоли таҳтуллафзии маънии истилоҳот, вожаю калимаҳо ба мушоҳида мерасанд. Ва ҳамин таъсирот бештар аз калкаҳои русӣ ба назар мерасанд, ки ин ҳама дар сурати истифодабарии афкору ақида ва мафҳумҳо аз калкаҳои Қонунҳои Россия сарчашма мегиранд: “Адвокат обязательно должен быть членом Союза адвокатов - Адвокат ҳатман бояд узви Иттифоқи адвокатҳо бошад” [2, 14].

“Организационными формами деятельности адвокатуры в соответствии с настоящим Законом являются адвокатский кабинет, юридическая консультация, коллегия адвокатов и адвокатское бюро” - Шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ мувофиқи Қонуни мазкур кабинети адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ, коллегияи адвокатӣ ва бюрои адвокатӣ мебошанд [5, 17-19].

Як роҳи дигари ворид шудани вожаю истилоҳоти бемаврид ин иқтибосҳо аз забонҳои шарқ – форсию арабӣ мебошанд, ки кӯшишҳои ҳамватанони дар он кишварҳо фаъолияткарда ё муддати тулонӣ зиста ё ин ки аз ҷониби тарҷумонҳои дар замони худ дар он кишварҳо расману ғайрирасмӣ коркардаи мо дар қонунҳо ва ҳатто дар муколимаҳои рӯзмарраи байни мардум ҷой ёфтаанд. Масалан чунин калимаҳо мисли “оид, нисбат” гоҳо тамоман нодуруст истифода мешаванд. Мисол: қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди қабул кардани Қонуни ҶТ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо...” ва ғ... метавонем мушоҳида намоем, ки калимаи оид нодуруст истифода шудааст ва шакли дурусти он “оид ба...” мебошад, ки аз тарафи мутахассисони забон ва вакилони халқ борҳо дар ин маврид таъкид шудаасту он худ пешоянди таркибии номӣ буда, дар забони адабӣ маъмул аст, вале ба ин нигоҳ накарда, дар замони худ ҳам қарорҳо ва ҳам қонунҳо ба ҳамин шакли ғалати ин вожа қабул карда шудаанд. Ё ин ки дар аксари матни қонунҳои солҳои қаблӣ қабулшуда феъли таркибии “**ба инобат гирифта мешавад” // “ба инобат бояд гирифт”** ва ғ., дар шакли аз мантиқ дур корбурд мешавад, ки гунаи дурусту меъёрӣ ва мантиқии ин ибораҳои феълӣ – “ба назар гирифта мешавад ё “ба эътибор гирифта мешавад” // ба назар бояд гирифт“ ва ё “ба эътибор бояд гирифт” мебошад. Чунки мафҳум ва решаи вожаи “инобат //иноба” арабӣ буда, аслан, маънои “тавба кардан, бозгаштан аз чизе, даст кашидан аз гуноҳ; тавба, зорӣ; пушаймонӣ”-ро ифода мекунад ва аз ин рӯ ин вожа дар корбурди мафҳуму мақсади ҳуқуқӣ дар матни моводди қонунгузорӣ бемаврид ва ноҷо аст [6, 481].

18. Труды первого съезда Русского союза психиатров и невропатологов, созванного в Москве в память С. С. Корсакова 4-11 сентября1911 года; под ред. Н. А. Вырубова и др. – М., 1914. – 762 с.
19. Уиддет, С. Руководство по компетенциям / С. Уиддет. - Москва: Hippo Publishing Ltd., 2008. - 215 с.
20. Эсанов, Ш. Б. у. Жизнь и творчество Абу Али Ибн Сины / Ш. Б. у. Эсанов, А. М. Солибаев, А. В. Малышева // Студенческий вестник. – 2019. – № 17-1(67). – С. 18-20.

**ТДУ (УДК) -159.9**
**ТКБ (ББК) -88**
**З-20**

## АРТ-ТЕРАПИЯ ҲАМЧУН ИСЛОҲНАМОИИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕССИИ ДОНИШҶӮЁН

***ХОҶИБОЕВА Раъно Муҳсиновна*** *– унвонҷӯ, омӯзгори калони кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)92 613 48 04*

Ин мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин яъне таҳқиқи стресси таълимии донишҷӯен ва ислоҳнамои он тавассути арттерапия бахшида шудааст. Ҳаёти донишҷӯӣ пур аз ҳолатҳои фавқулодда ва стрессовар аст, бинобар ин, донишҷӯён аксар вақт стресс ва шиддати асабӣ-психикиро аз сар мегузаронанд. Имкониятҳои эҷодии донишҷӯён, ки дар раванди арт-терапия

ошкор ва амалӣ мешаванд ба рушди зеҳнӣ ва эмотсионалии ӯ такон бахшида, фардияташро ошкор месозанд, барои баратараф намудани маҳдудиятҳои аз тарафи ҷомеа гузошташуда имкон дода, дар умум барои эҳсос кардани арзишу аҳаммиятнокӣ ва асолати худ мусоидат менамоянд. Маҳз санъат ҳамчун омили пуриқтидори таъсиррасонӣ ба шахс метавонад барои ташаккул додани фарҳанги арт-терапевтӣ дар донишҷӯён мусоидат кунад. Мақсад аз истифодаи арт-терапия дар таълим ҳифз ё барқарор кардани саломатии донишҷӯён мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** педагогика, психология, ҳолати эмотсионалӣ, ҳолати стресс, донишҷӯ, таълим, санҷиш, имтиҳон

## АРТ-ТЕРАПИЯ КАК КОРРЕКЦИЯ СТРЕССОВЫХ СОСТОЯНИЙ СТУДЕНТОВ

***ХОДЖИБОЕВА Раъно Мухсиновна*** *– соискатель, старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного Университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)92 613 48 04*

Статья посвящена одному из наиболее важных вопросов, а именно исследованию академического стресса студентов и его коррекции с помощью арт-терапии. Студенческая жизнь полна чрезвычайных и стрессовых ситуаций, поэтому студенты часто испытывают стресс и нервно-психическое напряжение. Творческие возможности студентов, раскрываемые и реализуемые в процессе арт-терапии, стимулируют его интеллектуальное и эмоциональное развитие, раскрывают его индивидуальность, дают возможность преодолеть ограничения, налагаемые обществом, способствуют в целом ощущению собственной ценности, значимости и оригинальности. Именно искусство, как мощный фактор воздействия на человека, может способствовать формированию культуры арт-терапии у студентов. Целью использования арт-терапии в образовании является сохранение и восстановление здоровья учащихся.

***Ключевые слова:*** *педагогика, психология, эмоциональное состояние, состояние стресса, студент, обучение, тестирование, экзамен.*

## ART THERAPY AS A CORRECTION OF STUDENTS' STRESS STATES

***KHODJIBOEVA Rana Mukhsinovna*** *– applicant, Senior lecturer of the Department of Social and Professional Psychology of Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Passage, 1.* ***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru,* ***phone:*** *(+992)92 613 48 04*

This article is devoted to one of the most important issues, namely the study of students' academic stress and its correction with the help of art therapy. Student life is full of emergencies and stressful situations, so students often experience stress and neuropsychiatric stress. The creative possibilities of students, revealed and realized in the process of art therapy, stimulate their intellectual and emotional development, reveal their individuality, make it possible to overcome the limitations imposed by society, contribute to a general sense of their own value, significance and originality. It is art as a powerful human impact factor that can contribute to the formation of a culture of art therapy among students. The purpose of using art therapy in education is to preserve or restore the health of students.

***Keywords:*** *pedagogy, psychology, emotional state, stress state, student, training, testing, exam.*

Масъалаи омӯзиши стресс барои илми психология мавзуи нав нест, аммо новобаста аз ин муҳиммияти он аз байн намеравад. Илова бар ин, бо афзоиши мушкилоти ҳаётӣ, зиёд шудани талабот ба донишҷӯён, зиёдшавии миқдори иттилоот, назорату ҳисобот ва монанди ин, одами муосир бештар ба шароити стресс дучор мешавад, ки ин дар навбати худ ба ҳолати умумии организм, самаранокии таълим, сифат ва натиҷаҳои он таъсир мерасонад. Албатта, ҳаёти одами муосирро комилан бидуни стресс ва сарбории стрессӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, аммо коҳиш додани стресс имконпазир ва ҳатто зарур аст. Яке аз чунин

технологияҳои ҳамоҳангсозии таълим ва фаъолияти касбии донишҷӯён-психологҳо арт-терапия мебошад.

Дар ҷаҳони муосир, зери таъсири ҷараёни иттилоот, шахс аксар вақт ба сарбории зиёди асабӣ дучор мешавад. Таҷрибаҳои манфие, ки ифода карданашон дар шакли аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок ғайриимкон аст, боиси ташаннуҷи системаи асаб, стресс ва бемориҳои психосоматикӣ мегарданд. Имрӯз барои ҳар як шахс муфид аст, ки тавони ба худаш кӯмак расониданро дошта бошад ва усулҳои пешгирнамоии сарбории изофии эмотсионалиро донад. Ҳама гуна шиддати дохилӣ ба эҷоди худифоданамоӣ монеа мешавад. Фаъолиятҳои марбут ба санъат барои озод кардани нерӯи эҷодӣ кӯмак мекунанд. Имкониятҳои дармонбахшии санъат ҳанӯз аз замонҳои қадим маълуманд. Арт-терапия як шакли қадимтарини ба таври табиӣ тағйир додани ҳолати эмотсионалӣ мебошад, ки бисёриҳо (бошуурона ё ғайр) онро барои бартараф намудани фишори психикӣ, осудашавӣ ва тамаркуз истифода мебаранд. Барои ин рассом будан лозим нест, танҳо қалам ё ранг гиред ва дар рӯи коғаз чанд ха кашед. Арт-терапия, ки усул ва амалкардҳои он таваҷҷӯҳро ба ҳиссиёт афзоиш медиҳанд, барои худифоданамоӣ ва худшиноси имконият фароҳам меорад, барои ба даст овардани мувозинати эмотсионалӣ кӯмак мекунад, метавонад ба донишҷӯён барои ҳалли мушкилот ва барои ба эътидол овардани ҳолати худ ёрӣ расонад. Машғулиятҳои арт-терапевтӣ метавонанд барои нигоҳдорӣ ва таҳкими устувории эмотсионалӣ мусоидат кунанд. Асоси ин машғулиятҳоро амалияи бадеӣ ташкил медиҳад, ки дар рафти он шахс ба фаъолияти бадеӣ (эҷодӣ) ҷалб карда мешавад. Машғулиятҳои арт-терапия гуногун буда, намудҳо ва шаклҳои гуногуни корро дар бар мегиранд. Психологҳо ва психотерапевтҳои амалӣ дар фаъолияти амалии худ аз чунин намудҳо ба монанди изотерапия, терапия бо қум, гаҷкорӣ аз пластилин, афсонатерапия, сураттерапия, мандалотерапия ва ғ. истифода мебаранд. Ба омӯзиши таъсири арт-терапия ба ҳолати эмотсионалии инсон муҳаққиқони хориҷӣ ва рус, ба монанди Адамсон Е., Грановская Р.М., Добряков И., Квитковская Я., Копитин А.И., Крамер Е., Камерон Ҷ., Найн Ҷ., Наумбург М., Никитин В.Н., Николская И.М., Франк Ҷ. , Хилл А., Эйдемиллер Е. ва диг. машғул шудаанд.

Арт-терапия тавассути эҷоди маҳсули бадеӣ ба шахс кӯмак мекунад, ки худро эҷодкор ҳис кунад, ба баланд шудани худбаҳодиҳии шахсӣ мусоидат намуда, ба ӯ роҳоӣ ёфтанро аз қолабҳои шахшуда, эмотсия ва фикрҳои манфӣ меомӯзонад, барои ошкор кардани қувваи ботинӣ ва фаъолсозии неруи захиравии инсон имкон медиҳад. Дар рафти тахайюлот ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакон метавонанд аз худи раванди эҷодкорӣ лаззат баранд, бо истифода аз малакаҳои нави иҷтимоӣ тарҳрезии роҳҳои ҳалли вазъиятҳои душвори ҳаётӣ ва интиқоли онҳоро ба воқеият омӯзанд. Рафти рамкашӣ, гаҷкорӣ, сохтани мусавварахо дар қум оромӣ мебахшад ва аксар вақт ба дарки амиқи сабабҳои психологии он вайрониҳое мебарад одамро барои аз сар гузаронидани нороҳатӣ, стресс ва дигар ҳолатҳои нохушоянд маҷбур месозанд. Нуқтаи муҳимми дигар ин аст, ки феълан арт-терапия ҳам ташхис, ҳам ислоҳнамоӣ ва ҳам психотерапия буда, дар шакли кори инфиродӣ, оилавӣ ва гурӯҳии психолог, психотерапевт ва педагоги иҷтимоӣ истифода мешавад [2, с.23].

Дар психология ва педагогикаи муосир таваҷҷуҳ ба арт-терапия торафт бештар меафзояд, он ҳам дар хориҷа ва ҳам дар кишвари мо фаъолона инкишоф меёбад. Аксар вақт усулҳои арт-терапия дар ташхис, ислоҳнамоӣ, психотерапия ва айни замон дар раванди таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот истифода мешаванд.

Солҳои охир дар соҳаи таълим усули психотерапия тавассути санъат бештар истифода мешаванд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ғояҳои арт-терапевтҳо, намояндагони равияи гуманистии арт-терапия М.Бетенский, Р.Силвер, Эдит Крамер, Э.Виршоп, психологҳо Э.Р. Кузмина, А.И. Копитин ва пеагогҳо Л. Лебедев, Ю.Красний ва диг. ташкил медиҳанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон асоси истифодаи бомуваффақияти арт-терапия ҳангоми кори тарбиявӣ бо мактаббачагон ҳолатҳои зерин мебошанд: фаъолии худи донишҷӯён; иштироки бевоситаи ҳар як бача дар фаъолияти эҷодӣ; ташкили шароит барои озодии баён ва фароҳам овардани фазои солими психологӣ барои кӯдакон. Арт-терапия ба инкишофи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як кӯдак ар фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла дар таълиму тарбияи кӯдакон ва ҳангоми кор бо мактаббачагон мусоидат мекунад. Ин мутод ба инкишофи нимкураи рости мағзи сар, ки фаъолияти он асоси тафаккури эҷодӣ мебошад, мусоидат мекунад (Э. Виршоп, 1978). Арт-терапия аҳаммияти таълимӣ дорад, зеро он барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодии иштирокчиён шароит фароҳам меоварад (Р.Силвер, 1978). Ба андешаи Н.Д.Галсков, И.Л. Бима, Е.А. Глухарев, В.Н. Шатский, Л.В. Куликова, З.Н. Никитенко ва диг. дохил намудани

супоришҳои эҷодии дар идроки биноӣ асосёфта ба инкишофи қобилиятҳои маърифатию эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Истифодаи усулҳои бадеӣ дар синфҳои ибтидоӣ алоқаманд аст бо: инкишофи шахсият ва вазифаҳои психологии он: тафаккури визуалӣ, соҳаи эмотсионалӣ ва ғ.; системаи маромнокӣ; ташаккулёбиии малака ва қобилиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок (малакаҳои муошират, қобилияти баён кардани фикр, малакаи дарки ҳиссиёт ва таассуроти одамони дигар) [1]. Ҷанбаъҳои алоҳидаи таъсири арт-педагогиро ба шахсияти хонандаи хурдсол дида мебароем.

Санъат ба соҳаи эмотсионалӣ таъсир расонида, айни замон вазифаҳои коммуникатсионӣ, танзимкунанда ва катартикӣ (поксозанда)-ро иҷро мекунад. Иштироки якҷояи кӯдак, ҳамсолон ва омӯзгор дар раванди эҷоди асари бадеӣ таҷрибаи иҷтимоии ӯро васеъ намуда, ҳамкории мутақобила ва муошироти мувофиқро дар фаъолияти муштарак меомӯзонад, ислоҳнамоии ихтилолҳои соҳаи коммуникативиро таъмин мекунад. Таъсири ислоҳнамоии санъат ба кӯдак, инчунин, дар «поксозӣ» аз таасуроти манфии ҷамъшуда ифода меёбад ва ба шумо имкон медиҳад, ки ба равиши муносибатҳои нав бо олами беруна ворид шавед.

Дар мавриди кор бо донишҷӯён бошад бошад, айни замон дар тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ аз воситаҳои арт-терапия ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар кор бо донишҷӯён истифода бурдани шаклхои чандири кори психотерапевтӣ хеле муҳим аст. Арт-терапия ба донишҷӯён имконяти нақшбозӣ, азсаргузаронӣ ва дарк кардани вазъияти муайянеро медиҳад, ки ба пайдошавии изтироб дар онҳо мусоидат кардааст. Мутахассисе, ки бо донишҷӯи мушаххас кор мекунад, бояд шахсияти ӯро ба назар гирад.Ҳама донишҷӯён гуногунанд, бинобар ин, сабабҳои изтироби онҳо низ гуногун хоҳанд буд. Воситаҳои арт-терапия ба донишҷӯ имкон медиҳанд то ба мушкилоти изтироб то андозае ғарқ шавад, ки барои азсаргузаронии он омода аст.

Барои кор бо донишҷӯён аз шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии кор истифода бурдан мумкин аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии кори гурӯҳи бештар аст. Масалан, омӯзгор метавонад дар як гурӯҳ кори инфиродӣ ташкил карда, дар оянда онро муттаҳид намуда, кори гурӯҳиро амалӣ намояд. Ҳар як донишҷӯ бояд дар ин кор чизеро пешниҳод намояд, ки аз худи ӯ буда, барояш муҳим аст. Чизҳоеро, ки шахс аз коғаз, маводи табиӣ ва дигар воситаҳои арт-терапия месозад, ба хона бурдан мумкин аст, зеро дар хона онҳо кори иҷронамударо доимо ба хотир меоваранд. Аксар вақт ҳангоми кор бо донишҷӯён усулҳои гурӯҳии арт-терапевтӣ нисбат ба кори инфиродӣ дорои бартариҳои муайян мебошад. Машғулият ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки дараҷаи ба дигарон бовар карданашонро худашон назорат кунанд. Донишҷӯён метавонанд таасурот ва фикрҳои худро дар бораи машғулияти навбатӣ мубодила кунанд ва ин амнияти бештари психологиро барои онҳо фароҳам меорад. Сабаб он аст, ки донишҷӯён мушкили умумӣ доранд ва самараи ҳалли дастаҷамъонаи он аз натиҷаи ҳалли инфиродиаш баландтар аст. Илова бар ин, дар фарқият аз кори инфиродӣ, терапия дар муҳити гурӯҳи арт-терапевтӣ метавонад дар донишҷӯён эҳсоси бештари мустақилиро ба вуҷуд оварад. Ин талаботи онҳоро ба мустақилият ва ҳифзи фазои шахсӣ қонеъ хоҳад кард.

Инчунин, аксар муаллифон аҳаммияти арт-методҳоро дар ташаккулёбии шахсияти мутахассиси оянда, аз ҷумла, мақсадгузориҳои касбӣ ва рӯовариҳои арзишӣ қайд мекунанд. Лебедева Л.Д., дар таҳқиқоти лонгитюдии худ қайд мекунад, ки сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми омӯзгори оянда дар шаклҳои гуногуни арт-терапия объективизатсия карда мешаванд, инчунин, зарфияти гуманистии арт-терапияро дар ташаккулёбии шахсияти донишҷӯи ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ таъкид мекунад [5].

Горев В.В. фаъолияти бадеиро ҳамчун омили рушди шахсият мавриди таҳлил қарор додааст. [3]. Ӯ дар таҳқиқоти худ қайд мекунад: «меъёрҳое, ки ҷараёни худшиносӣ ва рушди муаллимониояндаро дар асоси фаъолияти бадеӣ тавсиф медиҳанд, тағйироти соҳаи шахсӣ-маъноӣ мебошанд». Тағйироти мусбӣ дар самтҳои зерини шахсият қайд карда шуданд: маром ба комёбӣ, соҳаи ҳиссӣ-эмотсионалӣ, креативнкӣ, раванди худшиносӣ, муносибат ба одамони дигар, соҳаи маънавиёт [5].

Имкониятҳои эҷодии инсон, ки дар раванди арт-терапия ошкор ва амалӣ мешаванд ба рушди зеҳнӣ ва эмотсионалии ӯ такон бахшида, фардияташро ошкор месозанд, барои бартараф намудани маҳдудиятҳои аз тарафи ҷомеа гузошташуда имкон дода, дар умум барои эҳсос кардани арзишу аҳаммиятнокӣ ва асолати худ мусоидат менамоянд [1].

Ҳамин тавр, дар ин ҷо мо бояд хусусиятҳои хоси арт-педагогикаро ба эътибор гирифта, ба он таваҷҷуҳ кунем, ки ин метод дар воситаҳои санъат ва фаъолияти бадеӣ-эҷодии дорои неруи рушдиҳанда ва тарбиякунанда асос ёфтааст. Ба андешаи мо ин нерӯ ҳангоми кор дар самти пешгиринамоии зуҳуроти манфӣ дар муҳити иҷтимоӣ таъсири созгор дорад, махсусан дар пешгирии нашъамандӣ, майзадагӣ, каҷрафторӣ, афсурдагӣ, стресс ва рафтори суисидӣ.

Дар мавриди истифодаи арт-терапия дар раванди таълим метавон арт-терапияи гуманистиро, ки ҳадафи он ташаккулдиҳии шахсияти мутавозин мебошад таъкид намуд, зеро он метавонад мувозинати байни канорҳоро нигоҳ дорад (масалан, ишқ - нафрат, заифӣ - қувва, якдилӣ – рақобат, ҳамкорӣ - рақобат, мутеият - истиқлолият, ҳукмронӣ - итоаткорӣ, умед - ноумедӣ ва ғ.).

Аз ин лиҳоз, чунин вазифаҳои арт-терапияи гуманистӣ дар раванди таълим қобили қабул дониста мешаванд: васеъ намудани уфуқҳои шахсият: дастгирии (инкишоф додани) яклухтии ҳаёт, ноил шудан ба фардияти ҳақиқӣ, гузаштан аз мухторият ба наздикӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ, таҳияи ҳадафҳои асосии ҳаёт, коркарди дурнамои воқеӣ дар доираи ҳаёт, қабули муносиби бӯҳронҳои дохилии ҳаётӣ (масалан, мафҳуми «танҳоии созанда»), истифодаи эмпатия ва хирад дар рушди дараҷаи нисбатан амиқтари коммуникатсияи рамзӣ.

Хулоса, арт-терапия як раванди рамзии дарки худ ва ҷаҳон аст, арт-методҳо бошанд, роҳнамои хоси шахс ба олами созандагӣ тавассути сатҳи бошуурӣ ва бешуурии фард. Умуман, ҳиссиёт, умеду тарс, интизориву шубҳа, ихтилофу созиш дар эҷодиёт таҷассум ёфтаанд [7, с.38].

Дар арт-терапия маҷмӯи машқҳои ислоҳинамоӣ истифода бурда мешаванд, ки ба рушди умумии ҷисмонӣ, рушди эмотсионалӣ, инкишофи нутқ (шифоҳӣ) ва умуман, ба рушди иҷтимоӣ таъсири мусбат расонида, ба малакаҳои коммуникативии шахс, қобилияти ӯ дар ҳалли ихтилофҳо ва ҳамкорӣ дар коллектив ба таври созгор мусоидат мекунанд.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии пешниҳодшуда ва маводи сомонаҳои интернетӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Арт-терапия низоми махсуси таъсиррасонии дармонбахшро, ки дар санъати тасвирӣ асос ёфтааст, пешниҳод мекунад.

2. Мақсад аз истифодаи арт-терапия дар таълим ҳифз ё барқарор кардани саломатии донишҷӯён мебошад, усулҳои арт-терапевтӣ метавонанд дар таълим ҳамчун воситаи инкишофдиҳии сифатҳои муайяни психологӣ ва шахсии донишҷӯён истифода шаванд.

3. Истифодаи воситаҳои гуногуни худифоданамоии эҷодии донишҷӯён ба сифати воситаи инкишофдиҳии баъзе хислатҳои шахсӣ имконпазир аст. Дар ин маврид воситаҳои худифоданамоии эҷодӣ бояд ба категорияи арт-методҳо ё ё усулҳои эҷодиёти бадеӣ дар раванди таълим мутаалиқ дониста шаванд.

4. Аксари усулҳо ва техникаҳои арт-терапевтӣ, ки аз ҷониби психотерапевтҳо васеъ истифода мешаванд, аллакай дар таҳқиқоти алоҳидаи педагогии солҳои охир барои кор бо кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо мақсади пешгиринамоӣ ва ислоҳкунии ҳолати манфии эмотсионалӣ, инчунин, ба эътидол овардани соҳаи эмотсионалӣ-иродавии онҳо мутобиқ карда шуда, ҳам барои таъмини некуаҳволии ахлоқию маънавӣ ва ҳам барои беҳдошти солимии ҷисмӣ мусоидат мекунанд.

Маҳз санъат ҳамчун омили пуриқтидори таъсиррасонӣ ба шахс метавонад барои ташаккул додани фарҳанги арт-терапевтӣ дар донишҷӯён мусоидат кунад. Фарҳанги арт-терапевтӣ ин фарҳанги истифода аз дониш, маҳорат ва малакаҳои мавҷудаи арт-терапевтӣ барои пешгирӣ ва ислоҳнамоии ҳолатҳои манфии психоэмотсионалии худ, бартараф намудани стресс, афсурдагӣ ва дигар ноҷуриҳо ба воситаи санъати тасвирӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Айтбаева, А.Б., Қасен, Г.А. Арт-методы в образовании. - Алматы: Қазақ университеті, 2016 - 100 с.

2. Арт-терапия – новые горизонты / под ред. А. И. Копытиной. – М.: Когито-Центр, 2006. – 336с.

3.Горев, В. В. Художественная деятельность как способ самопознания и развития личности: автореф. дисс. канд. психол. наук. Астрахань, 2003. - 17 с.

4.Лебедева, Л. Д. Педагогические основы арт-терапии в образовании: [Монография]. СПб.: ЛОИРО, 2001. - 320 с.

5. Лебедева, Л. Д. Практика арт-терапии: подходы, диагностика, система занятий /Л. Лебедева, Д. – Санкт-Петербург: Речь, 2007. – 256 с.
6. Лебедева, Л. Д. Арт-терапия в педагогике // Педагогика. -2000. - № 9. - С. 27-34.
7.Ляшенко, В.В. Арт-терапия как практика самопознания: присутственная арт-терапия. Учебное пособие - М.: "Психотерапия", 2014.- 142 с.
8. Мартинсоне, К. Искусствотерапия - СПб. Речь, 2014. -352с
9. Татаринцева, А. Ю. Арт-терапия, как метод психологической реабилитации / А. Ю. Татаринцева, А. А. Носова // Актуальные направления научных исследований XXI века: теория и практика. – 2014. – Т. 2. – №1 (6). – С. 80-84.

## РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ АЛОҚАМАНДИИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГи ВА ХУДИНКИШОФДИҲИИ ШАХСИЯТ

***ХОҶАЗОДА Хуршедахон Усмон*** *–унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1,* ***тел.:*** *(+992) 929 19 90 60*

Дар мақола масъалаҳои роҷеъ ба баъзе ҷанбаҳои илмӣ-назариявии алоқамандии муошırати педагогӣ ва худинкишофдиҳии шахсият баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки ҳангоми таҳлил намудани тадқиқотҳои назариявӣ дар соҳаи фалсафа мо муаммоҳои антропологиро муайян намудем, ки барои асоснок намудани робитаи худинкишофдиҳии шахс ва муошират имкон фароҳам меоранд. Ин, қабл аз ҳама, андеша дар бораи моҳияти иҷтимоии инсон, дар бораи масъулияти ӯ дар назди ҷомеа ва танзими муносибатҳои ботинӣ ва зоҳирии он мебошад.

Хулоса шудааст, ки муошират, ки моҳияти муколамавӣ дорад, имкон медиҳад, ки муколамаи «берунӣ» ба муколамаи «ботинӣ» - муколамаи шахсият бо худ табдил дода шавад, кадоме барои рефлексияи шахсият шароит фароҳам меорад, ки он воситаи худинкишофдиҳии ӯ мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *муошırати педагогӣ, худинкишофдиҳии шахсият, муошırати маънавӣ, масъулият, раванди тарбия, муносибат, ташаккули шахсият, рушд, омузгор, донишҷӯ.*

## К ВОПРОСУ О НЕКОТОРЫХ НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ СВЯЗИ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ И САМОРАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ

***ХОДЖАЗОДА Хуршедахон Усмон*** *– соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1,* ***тел.:*** *(+992) 929 19 90 60*

В статье рассматриваются отдельные научно-теоретические аспекты связи педагогического общения и саморазвития личности. Отмечено, что в ходе анализа теоретических исследований в области философии были выявлены антропологические проблемы, которые дают возможность обосновать взаимосвязь между саморазвитием личности и общением. Это, прежде всего, представление о социальной сущности человека, о его ответственности перед обществом и регламентации его внутренних и внешних отношений.

Делается вывод о том, что общение, имеющее диалогическую сущность, позволяет превратить «внешний» диалог во «внутренний» диалог - диалог личности с самим собой, который создает условия для рефлексии личности, что является средством его саморазвития.

***Ключевые слова:*** *педагогическое общение, саморазвитие личности, духовное общение, ответственность, образовательный процесс, взаимоотношения, формирование личности, развитие, педагог, студент.*

## ON THE ISSUE OF SOME SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS OF THE CONNECTION BETWEEN PEDAGOGICAL COMMUNICATION AND PERSONAL SELF-DEVELOPMENT

***KHOJAZODA Khurshedakhon Usmon*** *– applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the Academician Bobojon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage, 1,* ***phone:*** *(+992) 929 19 90 60*

The article examines some scientific and theoretical aspects of the connection between pedagogical communication and personal self-development. It is noted that during the analysis of theoretical research in the field of philosophy, we identified anthropological problems that make it possible to substantiate the relationship between personal self-development and communication.

This is, first of all, an idea of the social essence of man, of his responsibility to society and the regulation of his internal and external relations. It is concluded that communication, which has a dialogical essence, makes it possible to turn the "external" dialogue into an "internal" dialogue - a dialogue of the individual with himself, which creates conditions for the individual's reflection, which is a means of his self-development.

***Key words:*** *pedagogical communication, personal self-development, spiritual communication, responsibility, educational process, relationships, personality formation, development, teacher, student.*

Дарки робитаи муошırати педагогӣ ва худинкишофдиҳии шахсият дар диалектикаи мураккаби равандҳои мазкур - ҳам раванди мустақил, ки нақши худ ва ивазнашавандаро ва ҳам равандҳои ба ҳамдигар ҳамгиро ва мутақобилро мебозанд, ошкор мешавад.

Инсон бо мафҳуми фард ва мушаххас алоқаманд буда, доимо тағйир ёфтани образҳои инсон бо хусусияти беназири ӯ ҳамчун объекти фаҳмиш шарҳ дода мешавад.

Ҳангоми таҳлил намудани тадқиқотҳои назариявӣ дар соҳаи фалсафа мо муаммоҳои антропологиро муайян намудем, ки барои асоснок намудани робитаи худинкишофдиҳии шахс ва муошират имкон фароҳам меоранд. Ин, қабл аз ҳама, андеша дар бораи моҳияти иҷтимоии инсон, дар бораи масъулияти ӯ дар назди ҷомеа ва танзими муносибатҳои ботинӣ ва зоҳирии он мебошад [3, с.17.] Дар фалсафа роҷеъ ба инсон донишҳои зиёде дар бораи он ки вай то кадом андоза метавонад дар эҷоди тақдири худ саҳмгузор бошад, «ман»-и худро чӣ тавр ғанӣ гардонад ва ботини худро дарк намояд, ҷамъоварӣ шудааст.

Арзиши нисбатан бузургро дар таҳқиқи ин муаммо ғояҳое доранд, ки фалсафаи экзистенсиализм ва "асри нукра" тарғиб мекунад ва он шахсиятро арзиши олии ҳастии инсон медонад, ки рушди он бештар "дар муошırати озоди аксарият» (Н.А. Бердяев, К. Ясперс), қобилияти худро тағйир додан, такмили инсон дар ҷаҳоне, ки дар умқаш мабдаи муколамавӣ дорад (М.М. Бахтин, В.С. Библер) зоҳир мегардад.

Намояндагони фалсафаи экзистенсиалӣ таъкид мекарданд, ки шахсият метавонад худро танҳо дар «муошırати озоди аксарият» дарк намояд.

Тавассути муошırати маънавӣ маърифати таҷрибавии инсон аз ҷониби инсон, тағйироти маънавии шахсият ба вуҷуд меояд. «Баъзан моҳияти муошırати ман тағйир меёбад... бо сабаби таҳаввулот дар ман ва ё одамони дигар. Ин таҳаввулот метавонад... инкишоф бошад» [3. с.32].

Ба андешаи Н.А. Бердяев муошırати маънавӣ, ки дар шароити озодии комили шахсият амалӣ мешавад, на танҳо барои инкишофи ахлоқию маънавии шахс, балки барои ташаккули эҳсоси масъулиятшиносии шахсият дар назди одамони дигар шароит фароҳам меорад, ба муттаҳид шудани одамон мусоидат мекунад [3].

Олимон ҳангоми муайян кардани шахсият ҳамчун яке аз категорияҳои асосии фалсафа ба худи моҳияти шахсият, инкишоф ва мавҷудияти иҷтимоии он таваҷҷӯҳи калон медиҳанд. Масалан, Л.П.Карсавин таъсири ҳамкории мутақобилаи инсонро бо муҳити атроф тавсиф намуда, - масалан, ин таъсир, дар донишомӯзӣ, дар фаъолият, дар муошират чӣ гуна эҳсос мешавад, ошкор кардааст, ки дар он ҳатман «ваҳдати муайяни мутаҳаррик, ҳаракаткунанда» ба вуҷуд меояд [8, с.139].

Дар идомаи таҳлили афкори фалсафӣ бояд зикр намоем, ки дар фалсафа ғоя дар бораи арзиши ботинии инсон, ҳуқуқи беназири ӯ дар созандаи тақдири худ будан мақоми хоссаро ишғол менамояд. М.М.Бахтин, Н.А.Бердяев, Б.С.Соловев ва дигар файласуфон дар бораи нақши созанда, тасдиқкунандаи инсон дар раванди инкишофи ӯ афкори ҷолиброро баён карданд. Инсон олами воқеиро на барои он мешиносад, ки ҷаҳон ба ӯ таъсир мерасонад, балки барои он мешиносад, ки худи шахс ба воқеияти атроф ба таври фаъол ва ҳадафмандона таъсири худро мерасонад ва бо тағйир додани он худро мешиносад, тағйир ва инкишоф медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар фалсафаи экзистенсиалӣ, ки арзиши шахсият, нотакрорӣ, озодӣ, рушд, масъулияти баланди ӯро эълон кардааст, зикр мешавад, ки дар асоси он ҳамдигарфаҳми байни одамон, муошırати ҳақиқӣ ва ҳамкорӣ қарор дорад.

Ҳарчанд раванди худинкишофдиҳӣ то давраи муосир объекти асосии пажӯҳиши фалсафӣ қарор нагирифтааст, таърифи худинкишофдиҳии шахсият дар луғатҳо мавҷуд нест, вале файласуфон дар таҳқиқотҳои худ бо сабаби мавқеи марказиро ишғол кардани ин масъала дар фалсафаи инсон ба масъалаи мазкур даст мезананд. Мо баррасии масъалаи моҳияти худинкишофдиҳии шахсият ва таносуби онро бо рушд барои тадқиқоти худ муҳим мешуморем. Ҳама гуна равишҳоро нисбати дарки моҳияти инкишофи ботинии шахсият, ки дар осори файласуфон инъикос ёфтаанд, метавонем дар маҷмӯи ғояҳои зерин ҷамъбаст намоем:

- худтакомул фаъолияти махсуси маънавии шахсият мебошад, ки ба холискунии дохили худ нигаронида шудааст (Н.А.Бердяев, С.Керкегор, В.С.Соловев, П.Успенский ва ғ.);

- тағйирдиҳии фаъолиятӣ-амалии худ на дар маҳдудкунии шахсӣ, балки дар раванди фаъолият ва муоширати аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишманд ва барои шахсият аҳамият дошта ба амал меояд (К. Маркс, Ф. Энгелс, М. Хайдеггер ва ғайра);

- худинкишофдиҳии шахсият дар маънои калидии худ дигаргунсозии маънавии амалии худ бо мақсади ифодаи пурраи дунёии ботинии шахсият ва хизмати иҷтимоӣ мебошад (Н.А.Бердяев, В.П.Зинченко, М.К. Мамардашвили, Б.С. Соловев, С.Ж.Фрэнк ва диг.).

Ҳангоми омӯзиши консепсияҳои фалсафии инкишофи шахсият аз ҷониби Г.Гегел, Л.П. Карсавин, Л.Н.Коган, М.К.Мамардашвили, П.И.Новгородтсев, А.Г. Мисливченко ва диг. мо афкори муаллифонро дар бораи ба камолот расидани шахсият ба низом дароварда, якчанд марҳилаи «роҳпаймоии шахсиятро ба инкишофи максаднок» [5] муайян намудем, ки мо онро ба таври зайл номидем: объектӣ, объектӣ-субъектӣ, субъектӣ-объектӣ ва субъектӣ (шахсиятӣ). Дар баробари ин, роҳи боло рафтан ба самти арзиш – такомули арзишии шахсият, ба назари мо, масири рост надорад ва ҳар як марҳилаи минбаъда метавонад аз марҳилаҳои қаблӣ замина нагирад, вале ҳамаи ин марҳилаҳо дар ягонагии диалектикӣ қарор доранд. Муайян кардани ин марҳалаҳо ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳои таъхирро дар худинкишофдиҳии шахсият пайдо намоем, вақте ки яке аз ҳалқаҳои занҷир аз байн меравад ва ё дар яке аз ин марҳилаҳо таваққуф кардани шахсият муайян карда мешавад.

***Марҳилаи якум*** - марҳилаи объектӣ, «сифрӣ»-и худинкишофдиҳии шахсияти омӯзгори оянда бо ташаккули малакаҳои худшиносӣ, инкишофи қобилиятҳои рефлексивӣ ва ҳамдардӣ, пайдошавии шавқмандӣ ба фанҳои психологӣ-педагогӣ, ташаккули қобилияти шарҳи касбии вазъиятҳои ҳаётӣ, падидаҳо ва рӯйдодҳои педагогӣ, ташаккули қабули мусбати шахсияти худ ва дигарон, роҳҳои алтернативии ҳалли муаммоҳои ҳаётӣ ва касбӣ тавсиф дода мешавад.

***Марҳилаи дуюм (марҳилаи объектӣ-субъектӣ)*** бо он тавсиф дода мешавад, ки донишҷӯён бо усулҳои худинкишофдиҳӣ, мафҳумҳои асосии он, мундариҷа ва ҷузъҳои сохтории он шинос мешаванд. Дар ин марҳила «заминаи иттилоотӣ» ташкил мешавад[10], ки рефлексияи маърифатиро тавассути инкишофи худшиносӣ мазмуни нав мебахшад, ки дар натиҷаи он дар шахс «Ман - консепсия» ташаккул меёбад. Рисолати муҳими ин марҳила зуҳуроти нотакрори фардӣ мебошад, ки дар навбати худ ҳамчун дараҷаи дар фарди мушаххас (ҳам донишҷӯ ва ҳам омӯзгор) инкишоф ёфтани чунин хислатҳо ба монанди ба худ диққатро ҷалб кардан, эҷодкорӣ, интиқод муайян карда мешавад; зарурати ифодакунии қобилиятҳои шахсӣ ва касбӣ пурзӯр мешавад, ки он ҳамчун «раванди бошуурона ..., мақсадноки ошкор ва шакли объект гирифтани қувваҳои ботинии шахсият дар фаъолияти гуногуни иҷтимоии он» фаҳмида мешавад [9, 147].

***Марҳилаи сеюм (марҳилаи субъектӣ-объектӣ)*** аз он иборат аст, ки қобилиятҳои донишҷӯён барои мустақилона гузоштан ва аз ҷиҳати касбӣ ҳал намудани масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ аз нав аҳамият пайдо мекунанд, фарҳанги лоиҳавии омӯзгори оянда, ҷустуҷӯи услуби шахсии фаъолияти касбӣ, муаллифӣ дар эҷоди амсилаҳои фаъолиятиояндаи омӯзгории худ ва муошират ҳавасманд карда мешавад.

***Марҳилаи чорум (марҳилаи субъективӣ, шахсиятӣ)***, ки бо анҷом додани таҳрири зарурӣ, худтаҳлилкунии дастовардҳои таълимӣ, касбӣ ва ҳаётӣ, «нуқтаҳои рушд»[10] амалӣ мешавад, зарурати инкишофи минбаъдаи худ аз нав аҳамият пайдо карда, муносибати субъективии омӯзгори оянда ҳамчун низоми афкор ва муносибати ӯ нисбати ҳаёт ва роҳи касбии худ иловатан ташаккул меёбад.

Барои пажӯҳиши мо баррасии муколама ҳамчун шакли анъанавии муошират, ҷузъи ҷудонашавандаи раванди рушди худинкишофдиҳии инсон дар доираи дарки фалсафӣ муҳим аст. Муҳаққиқони ин муаммо (М.М. Бахтин, Б.С. Библер, А. Гжегорчик ва диг.) моҳияти «муоширатии»-и табиати инсонро тасдиқ мекунанд, ки рушди худинкишофдиҳии он танҳо дар муошират, дар ҳамкории инсон бо инсон имконпазир аст. Муошират, ки моҳияти муколамавӣ

дорад, имкон медиҳад, ки муколамаи «берунӣ» ба муколамаи «ботинӣ» - муколамаи шахсият бо худ табдил дода шавад, кадоме барои рефлексияи шахсият шароит фароҳам меорад, ки он воситаи худинкишофдиҳии ӯ мебошад.

Ба ин мавқеи «аз доира берун будан»-и (М. М. Бахтин), ки дар он шахси дар муколама иштироккунанда онро аз берун мебинад, хуб мусоидат мекунад. Ин ба инсон имкон медиҳад, ки таҳлил кунад, ба рӯйдодҳо баҳо диҳад, ва ҳамзамон бисёр чизҳоро ба зиммаи худ гирад.

Дарки ин раванд имкон медиҳад, ки инсон зарурати барқарор кардани робита бо дигаронро дар худ тарбия кунад ва ин барои муттаҳидшавии байнишахсӣ шароит фароҳам меорад.

Барои ҳалли масъалаи дар таҳқиқ гузошташуда хулосаҳои назариявии зеринро метавон қайд намуд.

Муқаррароти асосӣ дар бораи муколама ва муколамапазирӣ аст. Муколама, ба гуфтаи олим, аз мунозира ва баҳс дур аст. Ин «муколамаи шуурҳо» аст. Ҳар кадоми онҳо «ҷаҳонбинӣ, ин як «нуқтаи назар», «овози иҷтимоӣ»-ро намоиш медиҳад. [2, 298] Ҳангоме ки мо «таносуби қувваҳо»-ро дар муоширати педагогӣ таҳлил менамоем, табиист, ки кӯшиш менамоем на фақат мавқеъҳои нақш ва иштирокчиёни он, балки мундариҷаи шуури арзишии онҳоро муайян намоем. Ҳамин тавр омӯзгори МОК ҷаҳонбинии педагогиро ҳамчун соҳибкасб, намояндаи фарҳанг, субъекти ахлоқ намоиш медиҳад. Ин ҷанбаҳои тафаккури арзишии ӯ дар низоми интизориҳои донишҷӯён сабт мешаванд. Аз ин рӯ, вақте ки воқеияти иҷтимоӣ ниҳоят маҳдуд мегардад ва омӯзгор танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилоот зуҳур мекунад, дар ин ҷо ҳамоно мавқеи ғоявии омӯзгор мушоҳида мешавад. Дониши фаннӣ (назария, далелҳо) дар ин маврид ҳамчун «илми соф», яъне бе ягон раҳнамоии иҷтимоӣ ва касбӣ пешниҳод мешаванд. Аммо ҳангоми бо тафаккури дигар – тафаккури донишҷӯ дар тамос шудан он тобиши иловагии маъноӣ пайдо мекунад, ки он ҳамчун инъикоси мавқеи ҷаҳонбинӣ қабул мешавад.

Ба андешаи М.М.Бахтин, сатҳи муколама аз дараҷаи ифоданокии субъективӣ вобаста аст. Хулосаҳо дар бораи он, ки «субъекти дуюм» дар шаклҳои инкишофёфтаи муколама (муошират) зоҳир мешавад, низ аҳамияти педагогӣ пайдо мекунад. М.М.Бахтин ақида дорад, ки дар чунин муколама барандаи муколама ҳуқуқи инҳисории овоздиҳиро надорад, ӯ дар паҳлӯи худ ва пешорӯи худ «шуурҳои бегона»-ро мебинад, эҳсос мекунад. Дар паси онҳо ҳаёти махсус, тарзи тафаккур ва эҳсосот, ҷаҳонбинии шахсии онҳо қарор дорад ва аз ин рӯ, «шуури одамони дигар»-ро наметавон мушоҳида ва таҳлил кард, онро ҳамчун объект, ашё муайян кард, - бо онҳо танҳо ба таври ғоявӣ муошират кардан мумкин аст» [1, 116]. М.М.Бахтин дар муошират-муколама мавҷудияти «ҳамвориҳои маъноии гуногун»-ро тасдиқ мекунад.

Омӯзгор ҳамчун субъекти муошират педагогӣ нисбат ба тарбиятгирандагон дар «ҳамвории маъноӣ»-и дигар қарор дорад.

Масалан, дар тадқиқотҳои педагогӣ қайд карда мешавад, ки ҳангоми муоширати таълимӣ омӯзгор ва донишҷӯён дар амалҳои рефлексия ҳамдигарро инъикос менамоянд. Вобаста ба ин, ба омӯзгор барои таҳти назорати худ гирифтан ба пеш рафтан зарур аст, «қобилияти рефлексияи минбаъда, яъне инъикоси сатҳи дуюм, ба вуҷуд овардани вазъияти бартарӣ, ба сатҳи болотар ноил шудан» зарурат дорад [6, с. 65- 69].

Инак, дар ташкили муоширати педагогӣ «фазо»-и ташкили ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён бо назардошти аҳамияти мавқеъҳои шахсии ҳар як субъекти муошират нақши муҳим дорад.

Ба андешаи мо, ошкор сохтани моҳияти мутаҳаррик будан, ки ҳаракати мавқеъҳои шахсии муоширатукунандаро инкишоф медиҳад, низ ҷиддӣ аст. Ҳамин тавр, вақте ки дар бораи омӯзгор сухан меронем, мо ҳаракати ҳам нақш ва ҳам мавқеи шахсии ӯро қайд мекунем, яъне имконияти гузаштан аз яке ба дигаре, ба дигар соҳаҳои маънавӣ, воқеиятҳои психологию ахлоқӣ. Ин предмети муоширатро аз нигоҳи кушоду возеҳ будан, ғайрихаттӣ будан ва гуногунҷанба будан ташкил медиҳад. Чунин ҳаракатпазирии мавқеъҳо дар сурате имконпазир аст, ки омӯзгор нисбат ба донишҷӯ ҳамчун шахсият муносибати мутобиқ дошта бошад. Дар ин маврид шавқмандӣ ва эҳтиёҷоти донишҷӯ моҳияти арзиши муайяни шахсиятии муҳимро пайдо мекунад.

Аҳамияти мавқеи шахсиятии омӯзгор дар ду ҷанба зоҳир мешавад.

1. Шахсияти омӯзгор дар маҷмӯъ ё хусусиятҳои инфиродии он ҳамчун амсилаҳои беназири рафтори касбӣ, мансабӣ ва намудҳои дигари рафтори иҷтимоӣ баромад мекунанд. Онҳо роҷеъ ба тарзи амал дастури бевосита намедиҳанд, балки «бинобар ҷолибият ва матлуб будани худ ба самти арзишмандӣ таъсир мерасонанд...»[12, с.26].

2. Мавқеи шахсии омӯзгор ва донишҷӯ на танҳо ҳар яки онҳоро дар фаъолияти муштарак намояндагӣ мекунанд. Эътиқод ва муносибатҳои эҳсосӣ-баҳодиҳии дар онҳо муаррифишуда дар раванди муошираги педагогӣ навсозӣ шуда, худро ҳамчун «овозҳои иҷтимоӣ» арз мекунанд (М.М. Бахтин) ва ҳамин тавр, «маводи сохтмонӣ»-и ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён мешаванд.

Агар тасаввур намоем, ки дар рафти ташкил ва шаклҳои амали ҳамкорӣ муносибат ва мавқеъҳои гуногуни субъектҳои муошират зоҳир мешаванд, он гоҳ комилӣ ва зичии муошираги педагогӣ ба таври равшан аён мегардад. Ғайр аз ин, вақте ки арзишҳо арзёбӣ ва аз нав баҳо дода мешаванд ва ҳангоми ба таври объективӣ тағйир додани хусусияти муошират онҳо ҳамеша дар ҳаракат қарор доранд.

Техникаи муошираги педагогӣ зоҳиран бо динамика ва ҳаракати мавқеъҳои шахсии омӯзгор ва донишҷӯён алоқаманд аст. Ин муколамаи омӯзгор ҳамчун ташкилкунандаи муошират аст, ки ӯ дар он бевосита бо донишҷӯён ва ё бо онҳое, ки шуури «гуногун»-ро муаррифӣ мекунанд: тарзи назариявӣ ё амалии тафаккур, тарзи илмӣ ё оддии маърифат, муколама мекунад.

Дар ин ҷо имкониятҳои гуногун имконпазир аст: ба ҳам наздик кардани мавқеъҳо то он даме, ки онҳо комилан якҷоя шаванд, вақте ки ҷомеаи психологӣ ташаккул меёбад, як «мо» ба вуыуд меояд. Ё баръакс, дуршавь то муқовимат, инчунин вариантҳои мобайнӣ: дастаҷамъӣ ва ҷуфт (мушоҳидашаванда), (намоён) ва дохилӣ, ки хусусияти бештар ё камтар ифодашударо доранд ва ғ.

Аз ҷониби донишҷӯён, ин изҳороти мустақим, баҳс ё муқоисаи зеҳнии мавқеъҳои «дигарон» ва интихоб аст. Аммо чунин вариант дар мавриде низ имконпазир аст, ки он танҳо тасаввур, ҳамоҳангии эҳсосотӣ, мушаххасгардонии шахсӣ-маънавӣ бошад, ки дар шуур ҳамчун «задани набзи» маъноҳои мухталифи илмӣ-маърифатӣ, маънавӣ, арзишӣ зуҳур мекунанд.

Дар заминаи муаммои тақвият бахшидани таъсири муошираги педагогӣ ҳамчун омили худинкишофдиҳии омӯзгори оянда бояд ба инобат гирем, ки муколама на баҳс ё мунозира, балки шаклҳои гуногуне мебошад, ки дар онҳо «эътиқод ба сухани каси дигар, пазироӣ (суханони дорои эътибор), шогирдӣ, ҷустуҷӯи маънои амиқ, ризоият, дараҷаҳо ва тобишҳои бепоёни он...» зоҳир мешавад [2, с.300].

Якчанд вариантҳои ҳаракати мавқеъҳои шахсиро дар муошираги педагогӣ баррасӣ менамоем.

Дар бештари мавридҳо дар фаъолияти муштарак, омӯзгорон ва донишҷӯён муносибатҳои гуногунро ба объекти муошират, ки хусусияти арзишҳои ҳардуро инъикос мекунанд, кашф мекунанд. Инсон доимо дар ҳолати интихоб байни «мо»-и азони худаш ва «онҳо»-и бегона қарор дорад. Дар муошират майдони тағйирпазир ба вуҷуд меояд – (ин «шумо»), ки муносибат ба он «дар як вақт ҳам ба монанди аз они худӣ ва бегона» зоҳир мешавад [11, с.57-61].

Дар шароити равобити мухолифи «омӯзгор-донишҷӯ» алтернативаро метавон ба яке аз ин «қутбҳо» «пайваст» кард. Барои он ки мавқеи омӯзгор (фикр, баҳо, муносибат) қабул карда шавад, бо донишҷӯён ба ягонагии эҳсосӣ-маънавӣ ноил шудан лозим аст. Дар акси ҳол субъекти фаъолияти педагогӣ метавонад ба ҳолати «муқовимати шахсият» дучор шавад [13,с. 121].

Барои ноил шудан ба ягонагӣ пешниҳод мешавад, ки мавқеи омӯзгор тағйир дода шавад ва ба нуқтаи назари донишҷӯ гузариш амалӣ шавад. Ин қабули ошкоро, бошууронаи нақш ва мавқеъҳои шахсии охирон аз ҷониби субъекти муошират, шиносоӣ бо онҳо мебошад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҷаҳони донишҷӯ - ақидаҳо ва афкоре мебошад, ки бо талошҳои рӯҳӣ ва маънавии ӯ ноил шудаанд ва ё ҳадди ақал одат шудаанд ва аз ин рӯ барои ӯ онҳо азиз ҳастанд.

Аз ин рӯ, шарти самаранокии интиқоли мавқеи омӯзгор ба нуқтаи назари донишҷӯ эътирофи аҳамият, дуруст будани андеша ва арзёбии ӯ, ҳуқуқ ба дарки шахсии худ мебошад. Эътиқоди мутақобила танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки «субъект зуҳуроти ҳамсӯҳбатро, аввалан, барои худаш ва дуюм, ҳамчун ифодаи эътимоди воқеӣ дарк мекунад...» [14, с.269].

Арзиши педагогии муколама - дар фаҳмиши моҳияти диалектикии он ва эътироф намудани он ҳамчун шакли классикии муошираги байни одамон, аз ҷумла ягонагии мутақобила ва якҷониба будан, вобастагӣ ва мустақилият, бефосилагӣ ва фосиланокии он аст. Муколама ҳамчун шакли ифодаи муносибатҳо – робитае мебошад, ки ба рушд мегузарад. Азбаски вобастагии мутақобилаи иштирокчиёни он ба истиқлолияти мутақобилаи рушди

фардии онҳо табдил меёбад, муносибатҳои байнисубъективӣ он воқеияти маънавӣ ва амалиро ба вуҷуд меоранд, ки дар заминаи он ҳар кас имкони пайдо кардани роҳи худтакомулро дорад. Он вақт муколама ҳамчун шакли муошırати педагогӣ, як навъи ҷадиди ҳамкории байни одамон амал мекунад, зеро маҳз тавассути муколама «инсон худ ва дигарро ҳамчун мавҷудоти як навъи махсус, ки бо олами равонӣ алоқаманд аст, дарк менамояд» [3,с.31].

Мо барои тадқиқоти худ зарур донистем, ки робитаи равандҳои ташаккули шахсият ва худинкишофиро бо муошırати педагогӣ, нақш ва таъсири он дар фаъолсозии худинкишофии касбӣ дарк карда шавад.

Ин робита ҳамчун таносуби байни «раванд» ва «маҳсул» амал мекунад: муошират равандест, ки дар фазои вақт ба вуҷуд меояд, муносибатҳо як намуди амалишавандаи робита мебошанд. Аз ин рӯ, тақвият бахшидани таъсири муошırати педагогӣ ба раванди худинкишофдиҳии касбӣ дар маҷмӯъ танҳо дар ҳолате самаранок буда метавонад, ки он (таъсир) тавассути муошират, ҳамкории эҷодӣ, яъне дар раванди муошırати озоди субъект ва субъект бо истифодаи бевоситаи принсипҳо, равишҳо, усулҳо нисбати субъекти мушаххас дар вазъияти мушаххас амалӣ шавад.

Раванди инкишофи инсон бо ташаккули эҳтиёҷоти ҳамкорӣ бо дигарон дар фаъолият ва муошират вобаста аст. Тамоси субъектҳои муошират бо ҳамдигар боиси пайдоиши ангезаи муайян мегардад. Дар фаъолият ва муошират бо аъзоёни даста фаъолона муомила намуда, ҳар як инсон, субъекти ҳамкорӣ дар асосноккунии ин зарурати фаъолияти муштарак тавассути «низоми ангезаҳо» бошуурона иштирок менамояд [10,с.61]. Таҳияи ҳадафҳо бо рушд алоқаманд аст. Масалан, М.Каган ҳадафи асосии муошıратро «ба даст овардани умумият (ё баланд кардани сатҳи умумият)-и субъектҳои амалкунанда тавассути саъю кӯшиши муштараки озоди онҳо дар ҳолати нигоҳ доштани фардияти беназир» медонад [7,с.163]. Ин вақте имконпазир мегардад, ки шарик озодона шарикашро интихоб мекунад, ба шахсияти ӯ баҳо медиҳад, барои тамос ҳаракат мекунад, бо онҳое, ки ӯро мефаҳманд ва қадр мекунанд, муошират мекунад, яъне кӯшиш мекунад, ки бо ӯ муттаҳид шавад. Муошират, ба ақидаи муҳаққиқи зикршуда, муносибати субъекту субъект мебошад. Ин на ҳама гуна муносибати байни одамон аст ва танҳо байни шариконни озод, баробарҳуқуқ ва масъул, шахсиятҳо, фардҳои беҳамто имконпазир аст. «Муошират - ин як навъи хоси фаъолияти инсон аст, ки дар он маъноҳои фарҳангӣ ва ҳастӣ заминагузорӣ шудаанд» [7,с.160], ки яке аз онҳо чунон зуҳур мешавад, ки муошират – падидаи умумифарҳангӣ «як ҷанбаи ҳастии субъективии инсон» мебошад ва ба тамоми зуҳуроти ҳаёти инсон: равандҳои ташаккул ва инкишофи шахсият, «ба ҳамдигар ҷалб шудан ва аз ҳамдигар бегона шудани одамон, таъсири мутақобилаи иттиҳод ва сохторҳои иҷтимоӣ, шаклҳои мушаххаси ифодаи зиддиятҳо» дахл дорад [7, с.196].

Ҳамин тариқ, низоми эҳтиёҷотӣ-ангезандае, ки бо равандҳои муошırати одамон алоқаманд аст, барои дар сатҳи нав аҳамият пайдо кардани зарурати худинкишофдиҳӣ мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Бахтин, М.М. Проблемы поэтики Достоевского. - М.: Наука, 1979. - 318с.
2. Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества. - М.: Наука, 1979. - 370 с.
3. Бердяев, Н.А. О назначении человека: Сборник. - М.: Наука, 1993. - 382 с.
4. Вопросы воспитания: системный подход//Под общ. ред. Л.И. Новиковой. - М.: Просвещение, 1981. - 135 с.
5. Григорьева, Н.Г. Саморазвитие личности учащегося среднего специального учебного заведения как педагогическая проблема./ Автореф. дис. канд. пед. наук. - Хабаровск, 1995.
6. Джемс, У. Психология. - М.: Просвещение, 1991. - 367 с.
7. Ильин, В.С. Формирование личности школьника. - М.: Просвещение, 1984. - 144 с.
8. Карсавин, Л.П., Бердяев, Н.А. Смысл истории. Опыт философии человеческой судьбы. Конец Ренессанса // К современному кризису культуры. - Спб.: Прометей, 1994. - С. 327-331.
9. Ковалев, А.Г., Мясищев, В.Н. Психические особенности человека. Т. 1. - М.: Просвещение, 1993. - 340 с.
10. Куликова, Л.Н. Проблема саморазвития личности как основа методологии воспитания и образования // Сб. науч. тр. - Комсомольск-на-Амуре, 1994.
11. Платонов, В.К. Структура и развитие личности. - М.: Наука, 1986. - 254 с.
12. Прихожан, А.М., Толстых, Н.Н. Дети без семьи. - М.: Просвещение, 1990. - 159 с.

13. Роджерс, К. Вопросы, которые я бы себе задал, если бы был учителем // Семья и школа. 1987. N 10. С. 22-24.
14. Сартан, Г.Н. Психотренинги для учителей и старшеклассников. - М.: Просвещение, 1992.

## МОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***ШУҲРАТИ Боғибек** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 900 21 64 64*

Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки тарбияи сифатҳои ахлоқӣ меҳвари асосии тарбияи педагогӣ буда, маҷмӯи амалҳои педагогиро дар насли наврас тарбия намудани ватандӯстии миллӣ, интернатсионализм, муносибати оқилона ба меҳнат, инсонпарварӣ, интизоми бошуурона, фарҳанги рафтор, эътиқоди баланди ахлоқӣ, эҳсосотро таъмин менамояд. Инчунин, қайд карда шудааст, ки барои мавҷудияти сулҳ, пойдории давлату миллат, нигоҳдошти арзишҳои миллӣ ва таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, фаҳмиш, дарки умум дар бораи ватандустӣ лозим аст.

Муаллиф хулоса кардааст, ки Ватан, меҳан, зодгоҳ албатта калимаҳои муқаддас аст, ки барои тамоми мардуми ҷаҳон азиз аст. Ин калимаҳоро ҷомеаи инсонӣ зимни иҷтимоишавии хеш аз калонсолон меомӯзад. Мазмун ва моҳияти ин калимаҳо тавассути шеърҳо, сурудҳо, асарҳо ва дигар унсурҳои эҷодӣ дар ҳиссиёти ахлоқии насли нав маншаъ мегирад.

***Вожаҳои калидӣ:** моҳият, иҷтимтмоӣ, тарбия, ватандустӣ, наврасон, шароит, ҷаҳонишавӣ, арзиш, ҷанба, назария, ахлоқ, мавқеъ, ташаккул, маърифат, принсип, проблема, эътиқод, эҳсосот, эътимод.*

## СОЦИАЛЬНАЯ СУЩНОСТЬ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***ШУҲРАТИ Боғибек** – соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 900 21 64 64*

В данной статье утверждается, что воспитание нравственных качеств является основной осью педагогического образования, а комплекс педагогических действий обеспечивает воспитание национального патриотизма, интернационализма, рационального отношения к труду, гуманизма, сознательной дисциплины, культуры поведения, высоких моральных убеждений, эмоций у подрастающего поколения. Также было отмечено, что для существования мира, стабильности государства и нации, сохранения национальных ценностей и толерантности необходимо, прежде всего, быть патриотом своего государства.

Автор делает вывод, что Родина – это, безусловно, священнще слово, которое дорого всем народам мира. Общество узнает эти слова от взрослых в процессе своей социализации. Содержание и суть этих слов берут начало в нравственных чувствах нового поколения через стихи, песни, произведения и другие творческие элементы.

***Ключевые слова:** сущность, социализация, воспитание, патриотизм, подростки, условия, глобализация, ценность, аспект, теория, этика, позиция, формирование, знание, принцип, проблема, убеждение, чувства, доверие.*

## SOCIAL ESSENCE OF PATRIOTIC EDUCATION OF ADOLESCENTS AND YOUTH IN THE GLOBAL CONDITIONS OF NATIONAL VALUES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***SHUHRAT Bogibek** – applicant at the Institute for Educational Development named after. Abdurakhman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov, **phone:** (+992) 900 21 64 64*

This article argues that the education of moral qualities is the main axis of pedagogical education, and a complex of pedagogical actions ensures the education of national patriotism, internationalism, a rational attitude to work, humanism, conscious discipline, a culture of behavior, high moral convictions, and emotions in the younger generation. It was also noted that for the existence of peace, the stability of the state and nation, the preservation of national values and tolerance, it is necessary, first of all, to understand, a common understanding of patriotism.

It is also stated that homeland, homeland, homeland are, of course, sacred words that are dear to all peoples of the world. Human society learns these words from adults in the process of their socialization. The content and essence of these words originate in the moral feelings of the new generation through poems, songs, works and other creative elements.

***Key words:*** *essence, socialization, education, patriotism, adolescents, conditions, globalization, value, aspect, theory, ethics, position, formation, knowledge, principle, problem, belief, feelings, trust.*

Тарбияи сифатҳои ахлоқӣ меҳвари асосии тарбияи педагогӣ буда, маҷмӯи амалҳои педагогиро дар насли наврас тарбия намудани ватандӯстии миллӣ, интернатсионализм, муносибати оқилона ба меҳнат, инсонпарварӣ, интизоми бошуурона, фарҳанги рафтор, эътиқоди баланди ахлоқӣ, эҳсосотро таъмин менамояд.

Ватан, меҳан, зодгоҳ албатта калимаҳои муқаддас аст, ки барои тамоми мардуми ҷаҳон азиз аст. Ин калимаҳоро ҷомеаи инсонӣ зимни иҷтимоишавии хеш аз калонсолон меомузад. Мазмун ва моҳияти ин калимаҳо тавассути шеърҳо, сурудҳо, асарҳо ва дигар унсурҳои эҷодӣ дар ҳиссиёти ахлоқии насли нав маншаъ мегирад.

Тавре ки ҳама медонанд, рушди ҷомеа ва фарҳанг аз мавҷудияти ватани орому осуда вобаста аст. Аммо ҷанг ва ноорромӣ ба ҷомеа зарар мерасонад, ин раванд танҳо тарсу ҳаросро ба бор меоранд, зеро ҷанги даҳшатбор дар як лаҳза боиси нобудшавии ҳазорҳо шаҳру деҳот, боғу гулгаштҳо ва ҳамаи он чизе, ки бо дасти одамон бо қувваи ақлонӣ ва ҷисмонӣ сохта шудааст, оварда мерасонад.

Халқи прогрессивӣ ва сулҳҷӯёнаи ҳар кишвар орзуи беҳбудии ватани худ, хушбахтии хешовандон ва фарзандони хешро дорад. Дуст доштани Ватан ва ҳимоя аз марзу бими он дар заминаи ҳиссиётҳои инсонӣ ба вуҷуд меояд, ки нақши иҷтимоишавӣ дар ин масоил авалидарача мебошад.

Албатта, тарбияи ватандустии Аскарони тоҷик дар сафи Артиши Сурх буд, ки онҳо то ба Берлин расида, дар ҷанги даҳшатноки асри XX ғалаба карда, пас аз хотимаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, онҳо барои барқарор кардани сулҳ ба ватани худ баргаштанд, дар якҷоягӣ бо мардум дар саҳроҳо ва водиҳои Тоҷикистон кор карданд, нерӯгоҳҳои барқиро сохтанд, то ватани хешро боз ҳам равшантар гардонад. Онҳо дар дили худ орзуи муқаддаси муҷаҳҳаз кардани заминро нигоҳ дошт, то инсон дар он хушбахтона зиндагӣ кунад. Вай ҳатто дар фикрҳои худ ҷанг намекард, ӯ танҳо дар бораи беҳбудӣ дар ҳаёти осоишта фикр мекард. Аз ин рӯ, ӯ ҷонибдори ватандӯстӣ, сулҳ ва таҳаммул буд.

Ҷанг зидди қонун аст. Барои мардуми давраи пас аз ҷанг он бегона аст. Вақте ки дар чашмони модар ашк хушк намешавад, захмҳо шифо намеёбанд, ва вақте ки нохушиҳо ва ҳалокат фаромӯш намешаванд, танҳо одамони золим метавонанд ба ҷанг даъват кунанд.

онҳо боовариро ба худ ҳосил менамояд, ки ин барои рушди фардияти онҳо омили муҳим ба шумор меравад.

Дар миқёси ҷаҳонӣ технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби омӯзгорони забонҳои хориҷӣ фаъолона ва ба таври васеъ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои пурсиши интернетии омӯзгорон, ки аз ҷониби Шӯрои Британиёӣ бо мақсади муайян кардани он, ки дар таълим кадом захираҳои интернетӣ аксар вақт истифода мешаванд, нишон доданд, ки омӯзгорони забонҳои хориҷӣ бештар чатҳо, луғатномаҳои онлаёнӣ, блогҳо ва муҳитҳои маҷозии (виртуалии) таълимиро истифода мебаранд [12].

Татбиқи муносибати ба шахсият нигаронидашуда ё ба ибораи дигар - шахсият - меҳвар бидуни истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ имконнопазир мебошад. Ба туфайли технологияҳои телекоммуникатсионӣ донишҳо ба иттилооти намуди гуногун дастрасӣ пайдо карда, бо донишҳои кишварҳои хориҷӣ ҳамкориро ба роҳ монда, дар конференсияҳои телевизионӣ (теле-конференсияҳо) иштирок намоянд. Чунин ҳамкорӣ донишҷӯёнро барои фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ҳавасманд мегардонад.

Дар таҳияи маводи нави таълимӣ оид ба фанни забони хориҷӣ дар даври иттилоотноккунии ҷомеа зарурати табиӣ ба миён омад. Таълими интерактивӣ дар асоси барномаҳои мултимедиявӣ имкон медиҳад маҷмӯи мукаммали принсипҳои методӣ, педагогӣ ва психологӣ татбиқ карда шуда, раванди маърифат ҷолибтару эҷодкоронатар гардонида шавад.

Намуди нави фаъолияти маърифатӣ дарки ғайрифаъоли иттиллотро истисно карда, фаъолнокии донишҷӯёнро дар раванди азхудкунии донишҳо пешниҳод мекунад.

Маҷозикунонии маводи таълимӣ ба соҳаҳои эҳсосотӣ ва мафҳумӣ таъсир расонида, ба азхудкунии амиқи маводи забонӣ мусоидат карда, ҳамзамон дар донишҷӯён якчанд каналҳои даркро барангехта, диққати донишҷӯёнро дастгирӣ намуда, ба коҳиш ёфтани хастагӣ мусоидат карда, истироҳати (релаксатсияи) заруриро таъмин менамояд.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ имкон медиҳанд усулҳои идоракунии фаъолият ба таври назаррас тағйир дода шуда, дар донишҷӯён малакаҳои таҳлил ва дарки фаъолнокии худ ташаккул дода шаванд.

Ҳамгиросозии технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ ба методикаи таълими фанни забони хориҷӣ инкишоф додани маҳоратҳои гӯшкунӣ; кор бо маводи видеоӣ, ки муҳити забони хориҷиро эҷод сохта, ҳавасмандии донишҷӯёнро ба изҳороти нутқӣ ба таҳрик медароранд; шарҳу тавзеҳи маводи таълимӣ бо кумаки ҳар гуна воситаи барномавӣ; таълими ҳар гуна намудаҳои мутолиа бо истифодаи маводи аслӣ; татбиқи лоиҳаҳои телекоммуникатсионии интернетӣ; кор бо луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои компютерӣ; иҷрои машқҳои тамринии луғавӣ дар компютерро, ки имкон медиҳанд каналҳои биноӣ ва шунавоӣ ба кор андохта шаванд, пешбинӣ менамояд [27].

Бо кумаки технологияҳои компютерӣ робитаи баръакс - ишораҳо ба хатогиҳои мавҷударо гузаронидан мумкин аст, ки ин ҳавасмандаии донишҷӯёнро тақвият медиҳад. Технологияҳои истифодашаванда имкон медиҳанд пойгоҳи супоришҳои забонӣ дар шабакаи компютерӣ ба таври фаврӣ тағйир дода шуда, пурра карда шаванд; забони хориҷӣ дар вазъиятҳои ба шароити таълими воқеӣ наздик кардашуда истифода бурда шавад; ба кори инфиродӣ ва гурӯҳии донишҷӯён таъкид карда шавад; мавзӯъҳои ҷолибтар интихоб карда шаванд; маводи забонӣ, намудаҳои супоришҳо ва пайдарпайии иҷрои онҳо интихоб карда шаванд; ва натиҷаҳои бадастомада ба донишҷӯён ба таври аёнӣ пешниҳод карда шаванд.

Имрӯз тамоюлҳои нави рушди иқтисод, технологияҳо ва ҷомеа дар маҷмӯъ ислоҳи муносибатро ба таҳсилоти олӣ талаб мекунанд. Такяи асоси дар низомҳои муосири маориф ба муносибати амалия - меҳвар ба таълим, ташаккули маҳорати таълим гирифтан (худтаълимдиҳӣ), таълими асосҳои заминавии коммуникатсия карда мешавад.

Дар низоми омодасозии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ фанни “Забони хориҷӣ” дар маҷмӯъ бо фанҳои дигари инсоншиносӣ аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад, зеро донишҷӯ дар вақти таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд доираи васеи донишҳоро азхуд карда, маҳорату малакаҳои истифодаи онҳоро дар амалия сайқал дода, на танҳо ба соҳибкасби баландсифат, балки ба шахсияте табдил ёбад, ки дорои ҷаҳонбинии илмӣ буда, қобили таҳлили кардани воқеияти иҳотакнунада мебошад. Бинобар ин, омодасозии забонии донишҷӯ дар муассисаи таҳсилоти оли пешзаминаи муҳим барои фаъолияти бомуваффақияти мутахассис дар оянда ба шумор меравад.

Ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар мсуасиссаҳои таҳсилоти олии техникӣ таъкид на ба муносибати умумифилологӣ, балки ба муносибатик касбӣ - прагматикӣ ба таълим карда

шуда, методологияи таълим бозбинӣ карда шуда, интихоби бодиққати методҳои лингводидактикие анҷом дода шавад, ки ба ташаккули маҳоратҳои ҳалли вазифаҳои аз ҷониби талаботи бозори муосири меҳнат муайншаванда мусоидат мекунанд.

Дар шароити муосири иттилоотикунонии ҷомеа маҳорату малакаҳои муҳимтари коммуникативии мутахассис дар донистани забони хориҷӣ инҳоро шуморидан мумкин аст:

- маҳорати амалӣ кардани коммуникатсияи шифоҳӣ ва хаттӣ дар соҳаи касбӣ;
- маҳорати мутолиаи матнҳои аслӣ аз рӯи ихтисос;
- маҳорати тарҷума кардани маводи махсус;
- маҳорати навиштани хабарҳо (маърӯзаҳо, нақшаҳо, фушурдаҳо, рефератҳо ва ғайар);
- маҳорати фаҳмидан бо шунидани хабарҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим.

Ба сифати шароите, ки рушди салоҳиятнокии касбӣ - меҳвари коммуникативии донишҷӯёне, ки дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ таҳсил мекунанд, А.С. Андриенко “рушди сифатҳои ҳавасмандӣ, иродавӣ, эҳсосотӣ ва шинохтии шахсият, дорои аҳамияти муҳими касбӣ мебошад, инчунин қобилият ба рефлексия, таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ ва ғайра” - ро [3, с. 249] нисбат медиҳад.

Таҷрибаи кор бо донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ нишон медиҳад, ки зеҳни нутқӣ ва рефлексияи забонӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таълим ба таври баробар муҳим мебошанд. Қобилияти рамзикунонии фонетикӣ дар марҳилаҳои ибтидоии таълим хеле муҳим мебошад, вақте ки донишҷӯён калимаҳои навро меомӯзанд, зарур аст донанд, ки чӣ тавр онҳо дуруст талаффуз карда мешаванд, дар мавриди ҳофиза бошад, он дар ҳамаи марҳилаҳои таълим муҳим мебошад.

Таъкид кардан лозим аст, ки ба муваффақиятнокии таълими забонҳои хориҷӣ “сатҳи салоҳияти забонӣ дар забони модарӣ ва “ҳисси “забон” - зуҳуроти шуури ташаккулёфтаи металингвистӣ таъсир мерасонад” [9, с. 182].

Сифатҳои шахсиятии донишҷӯён низ ба муваффақият дар омӯзиши забони хориҷӣ таъсир мерасонанд, ин пеш аз ҳама, ҳавасмандӣ ба омӯзиш, меҳнатдӯстӣ (имконнопазирии азхуд кардани забон бидуни меҳнат ва қавииродагӣ), маҳорати ҳамкорӣ, зоҳир кардани шавқу ҳавас ва кунҷковӣ мебошанд. Бешубҳа, вобастагии муваффақияти донишҷӯ аз ин омилҳо на он қадар баланд аст, чи қадар аз қобилиятҳои лингвистӣ (забоншиносӣ).

Усулби шинохтии донишҷӯ низ, ки аз маҷмӯи хусусиятҳои психикии фард иборат буда, афзалиятҳои маърифатии ӯро муайян мекунад, яъне онро, ки чӣ тавр донишҷӯ таҳсил карданро дӯст медорад, чӣ тавр ӯ иттилооти бадастомадаро пешниҳод менамояд, ба натиҷаҳои таълими забонҳои хориҷӣ таъсир мерасонад. Азбаски донишҷӯёнеи муасиссаҳои таҳсилоти олии техникӣ дорои сохти таҳлилии зеҳн мебошанд, ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ онҳо кӯшиш мекунанд ба сохтори падидаи забонӣ сарфаҳм рафта, донишҳои мавҷударо ҷамъбаст карда, чизи муҳимро ҷудо карда, онро ба таври схемавӣ пешниҳод намоянд. Забонҳои хориҷиро бомуваффақият азхуд карда, онҳо на ҳамеша бо одамони дигар ба таври самарабахш муошират карда, дар гурӯҳ якҷоя фаъолият карда метавонанд. Ҳангоми шарҳу тавзеҳи падидаҳои граммитикӣ ва луғат беҳтар аст ҳамаи онҳо дар ҷадвалҳо, графикаҳо ва нақшаю схемаҳо пешниҳод карда шаванд. Омилҳои мазкурро, ки ба азхудкунии самарабахши маводи таълимӣ таъсир мерасонанд, ба назар гирифта, шароити заруриро барои таълими бомуваффақияти забони хориҷӣ муҳайё сохта, сифати таълимгирифтагии донишҷӯёни муасисаи таҳсилоти олии техникиро ба таври назаррас баланд бардоштан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ фаъолнокии маърифатии таълимгирандагонро баланд бардошта, доираи назари онҳоро васеъ карда, имкон медиҳанд технологияи ба шахсият нигаронидашудаи таълими интерактивии забони хориҷӣ, яъне таълим дар амали муштарак истифода бурда шавад. Таълимгиранда худаш ба шахси аоссии амалкунанда табдил ёфта, худаш роҳро ба азхудкунии донишҳо боз мекунад. Омӯзгор бошад, ёрдамчии фаъол буда, вазифаи ӯ аз ташкил кардан, самт додан ва ҳавасманд гардонидани таълимгиранда ба раванди таълимӣ иборат мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Азимова, Э.Г. Новый словарь методических терминов и понятий [Текст]: (теория и практика обучения языкам) / Э.Г.Азимов, А.Н.Щукин. – М. : Издательство ИКАР, 2009. – 448 с.

2. Александров, К.В. Технология разработки электронного контента для развития лексических и грамматических навыков [Текст] / К.В. Александров, К.Г. Голубева, А.В. Александрова // Иностранные языки в школе. – 2014. – № 7. – С. 20-30.
3. Андриенко, А.С. Развитие иноязычной профессиональной коммуникативной компетентности студентов в условиях применения новых информационных технологий обучения // Известия Южного федерального университета. Технические науки. – 2009. – Т. 93. – №4. – С. 249–256.
4. Барномаи давлатии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 . Аз 29 сентябри соли 2017, № 44
5. Волкова, Е.А. Методические подходы к использованию интерактивных средств в процессе обучения студентов непедагогических специальностей // Образовательные технологии и общество. – 2015. – Т. 18. – № 3. – С. 502-510.
6. Ерчак, Н. Т. Иностранные языки: психология усвоения [Текст]: учеб. пособие. – Минск: Новое знание ; М. : ИНФРА-М. – 2016. – 335 с.
7. Иванова, Е.О. Электронный учебник – предметная информационно-образовательная среда самостоятельной работы учащихся // Образование и наука. – 2015. – № 5 (124). – С. 118-128.
8. Информационные технологии в образовании / Рос. гос. пед. ун-т им. Герцена А.И. URL: http://physics.herzen.spb.ru/teaching/materials/gosexam/b25.htm.
9. Кабардов, М.К. О диагностике языковых способностей // Психологические и психофизиологические исследования речи. – М.: Наука, 1985. – С. 176–202.
10. Кисунько, Е.И. Интерактивное обучение учащихся 10-11-х классов английскому языку с использованием компьютерных технологий / Е.И. Кисунько, Е.С. Музланова // Английский язык. - 2007. - № 16. - С. 5-8.
11. Комарова, Ю.А. Использование видео в процессе обучения иностранному языку в старшей школе [Текст] // Методика обучения иностранным языкам в средней школе: пособие для учителей, аспирантов и студентов. – СПб : Изд-во КАРО, 2008. – С. 188-203.
12. Корзан, Г.О. Использование интернет-ресурсов при обучении английскому языку [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://festival.1september.ru/articles/585591/ (дата обращения: 22.06.2017).
13. Корчажкина, О.М. Возможности создания интерактивных учебных материалов по иностранному языку [Текст] // Вестник Московского университета. Серия 19: Лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2009. – № 3. – С. 200-207.
14. Краснощекова, Г.А. Формирование иноязычной профессиональной компетентности студентов инженерных специальностей // Известия ЮФУ. Педагогические науки. – Ростов н/Д, 2015. – №11. – С. 99–102.
15. Кудрявцева, Л.В. Использование телекоммуникационных проектов для формирования иноязычной социокультурной компетенции у учащихся старших классов (на примере России и США) [Текст] // Иностранные языки в школе. – 2007. – № 4. – 2007. – С. 49-53.
16. Меркиш, Н.Е. Мультимедийная культурно-языковая среда как фактор успешного овладения иностранным языком и иноязычной культурой [Текст] // Иностранные языки в школе. – 2015. - № 8. – С. 9-16.
17. Падукова, М.С. Внеурочная деятельность как средство создания языковой среды [Текст] // Иностранные языки в школе. – 2014. – № 8. – С. 26-28.
18. Первухина, М.Н. Использование ИКТ на уроках английского языка. URL:http://урок.рф/blogs/tema_ispolzovanie_ikt_na_urokah_anglijskogo_yazika_181218.html
19. Подопригорова Л. А. Использование интернета в обучении иностранным языкам // Иностранные языки в школе, 2003. - № 5. - С. 25–31.

# МЕТОДИКА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВИДЕОМАТЕРИАЛОВ В ОБУЧЕНИИ АУДИРОВАНИЮ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В СТАРШИХ КЛАССАХ

***СОДИКОВА Матлюба Сайфуллоевна*** *– кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры русского языка Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино, г. Душанбе, проспект Рудаки, 139,* ***тел.:*** *(+992) 937 17 71 33*

Данная статья посвящена эффективному использованию видео (наглядных) материалов при обучении речевой деятельности, что помогает разнообразить виды учебной деятельности, активизировать психические процессы (внимание, мышление, память, эмоции) и повысить мотивацию. В системе образования республики особое внимание уделяется применению современных технологий в образовательном процессе, что и является основной целью данной статьи. Одной из основных целей коммуникативной методики обучения иностранным языкам является умение понимать устную речь учащихся.

В этой речевой деятельности необходимо целенаправленное обучение. Очень сложно освоить навыки общения на иностранном языке, не находясь в стране изучаемого языка. Для достижения этих целей необходимо на практике использовать реальные материалы, такие как аудио- и видеозаписи.

***Ключевые слова****: видеоматериалы, аудиовизуальный метод, технические средства обучения, зрительное и слуховое восприятие, видеопрограммы, стимуляции речевой и мыслительной деятельности, интеллектуальный уровень, интерактивная работа.*

# МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАБАРИИ МАВОДҲОИ ВИДЕОӢ (ТАСВИРӢ) ДАР ТАЪЛИМИ ФАЪОЛИЯТИ НУТҚИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСИИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

***СОДИҚОВА Матлюба Сайфуллоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 139,* ***тел.:*** *(+992) 937 17 71 33*

Мақолаи мазкур ба масъалаи истифодаи самараноки маводҳои видеоӣ (тасвирӣ) дар таълими фаъолияти нутқ бахшида шудааст, ки барои гуногунрангии намудҳои фаъолияти таълимӣ, фаъол кардани равандҳои равонӣ (диққат, тафаккур, хотира, эҳсосот) ва баланд бардоштани ҳавасмандӣ мусоидат мекунад. Низоми маорифи ҷумҳурӣ ба масъалаи татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст ,ки ҳадафи асосии мақолаи мазкур ба он равона шудааст.

Яке аз ҳадафҳои асосии методологияи коммуникатсионии таълими забони русӣ ин қобилияти фаҳмидани нутқи гуфтугӯии донишҷӯён мебошад. Омӯзиши мақсаднок дар ин фаъолияти нутқ зарур аст. Азхуд кардани малакаҳои муошират бо забони хориҷӣ бидуни дар кишвари забони омӯхташаванда хеле душвор аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки маводи воқеӣ, аз қабили сабти аудио ва видео дар амал истифода бурда шавад.

***Вожаҳои калидӣ****: Маводҳои видеоӣ, усули аудиовизуалӣ, воситаҳои техникии таълим, дарки визуалӣ ва шунавоӣ, барномаҳои видеоӣ, ҳавасмандкунии нутқ ва фаъолияти равонӣ, сатҳи зеҳнӣ, кори интерактивӣ*

# METHODOLOGY FOR USING VIDEO MATERIALS IN TEACHING LISTENING COMPREHENSION IN RUSSIAN LANGUAGE LESSONS IN HIGH SCHOOL

***SODIKOVA Matlyuba Sayfulloevna*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Russian Language of Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, Dushanbe city, Rudaki Ave., 139,* ***phone:*** *(+992) 937 17 71 33*

This article is devoted to the effective use of video (visual) materials in the teaching of speech activity, which helps to diversify the types of educational activities, activate mental processes (attention, thinking, memory, emotions) and increase motivation. The education system of the republic pays attention to the application of modern technologies in the educational process.

It shows that the main goal of this article is aimed at it. One of the main goals of the communicative methodology of teaching foreign languages is the ability to understand students' spoken speech. Targeted learning is necessary in this speech activity. It is very difficult to master communication skills in a foreign language without being in the country of the language being studied. To achieve these goals, it is necessary to use real materials such as audio and video recordings in practice.

***Key words***: *Video materials, audiovisual method, technical teaching aids, visual and auditory perception, video programs, stimulation of speech and mental activity, intellectual level, interactive work.*

Использование видеоматериалов может значительно повысить наглядность обучения, активизировать процесс овладения знаниями и развития речевых навыков и умений, обеспечить индивидуализацию обучения в случае необходимости восполнить отсутствие языковой среды и улучшить условия педагогического труда преподавателя и образовательной деятельности учащихся. В конечном счете, использование видеоматериалов позволяет оптимизировать преподавание в целом.

«Видеоматериалы» относятся к аудиовизуальным средствам обучения, которые способствуют зрительному и слуховому восприятию учебного материала. К таким средствам обучения относятся кино-, теле- и видеофильмы. Аудиовизуальный метод обучения языку использует интенсивное использование зрительной и слуховой наглядности. К достоинствам этого подхода относятся его направленность на общение и стимулирование речевой деятельности.

Впоследствии идеи аудиовизуального метода были использованы для создания коммуникативного метода обучения. Впоследствии эти идеи использовались в большинстве учебных видеокурсов для обучения РКП.

Технологии обучения развиваются вместе с научно-техническим прогрессом. В результате расширения возможностей ТСО произошли значительные изменения в том, как они играют роль в учебном процессе. В этой главе мы рассмотрим изменения в понимании роли видеоматериалов в обучении РКИ. На первом этапе развития, в 50-х–60-х годах, технические средства обучения рассматривались как иллюстративные дидактические материалы с целью реализации принципа наглядности. 70–80-е годы ознаменовали второй этап развития ТСО. Это было вызвано дальнейшим развитием технической базы средств обучения и распространением концепции аудиовизуальных средств обучения как самостоятельного источника знаний. Общая тенденция к развитию видеосредств обучения объясняется широкой доступностью телевидения в нашей стране. В результате в 80-х и 90-х годах XX века особенно важной была разработка дидактических стандартов для нового этапа использования технических средств обучения. В настоящее время видеоматериалы рассматриваются как одно из самых эффективных средств обучения иностранным языкам; они используются не только в качестве учебных программ, но и активно используются в информационных программах и новостях телевидения. Персональный компьютер считался единственным средством обучения в 2000-х годах. Тем не менее, в последние годы развитие телевизионных технологий позволило телевидению стать серьезным конкурентом компьютерному обучению.

Аудирование — это процесс восприятия и понимания иноязычной речи со слухом. Аудирование рассматривается в коммуникативной методике как особый вид речевой деятельности, а также как метод обучения. Аудирование помогает усваивать звуковую сторону речи, лексику и грамматические структуры языка. Аудирование помогает людям научиться говорить, читать и писать, что делает речевое общение возможным. Целью аудирования как особого вида речевой деятельности является развитие аудитивной компетенции, то есть способности понимать смысл звучащего текста, значения высказываний и умения выразить свое личное мнение о том, что было услышано. Таким образом, целью обучения аудированию является формирование речевых, языковых, социокультурных, компенсаторных и учебно-познавательных навыков в процессе освоения иностранного языка. Одной из основных целей коммуникативной методики обучения иностранным языкам является способность обучающихся понимать звучащую речь. Целенаправленное обучение этой речевой деятельности необходимо. Очень сложно владеть навыками общения на иностранном языке, не находясь в стране изучаемого языка. Для достижения этих целей необходимо иметь реальные материалы, такие как аудио- и видеозаписи. Аутентичными являются материалами, созданными носителями языка, которые способствуют реальной языковой коммуникации и делают процесс усвоения иноязычной информации более живым, интересным, проблемным, убедительным и эмоциональным. Один из самых распространенных источников достоверной

информации для медиаобразования — видеоролики. Е. Ильченко определяет видеоматериалы как любую телепродукцию (например, новости, интервью, ток-шоу, рекламные блоки и т. д.), а также художественные, документальные, мультипликационные фильмы, записанные на пленку или цифровые носители и используемые в качестве дидактического материала с возможностью многократного просмотра, использования режимов «стоп» и «пауза», а также быстрого поиска нужного фрагмента [1, с. 8]. Их использование повышает мотивацию к обучению: кино, также известные как видеофильмы, сами по себе очень мотивируют. Сюжеты и язык видеоматериалов происходят непосредственно из культуры изучаемого языка, что способствует расширению знаний о стране изучаемого языка и приобщению к культурным ценностям народа, носителя языка, а также изучению речевых страноведческих феноменов. Использование видеоматериалов, содержащих страноведческую информацию, позволяет использовать межкультурный подход, то есть смотреть на другую культуру с точки зрения другой культуры.

Межкультурный подход дает не только знания о том, как вести себя в определенных ситуациях общения, но и помогает построить диалог между культурой человека и культурой страны, изучаемого языка. Таким образом, использование видеоматериалов помогает выполнить основные требования коммуникативной методики: представить процесс овладения языком как постижение живой иноязычной культуры, индивидуализировать обучение и стимулировать речевые инициативы учащихся. Его эмоциональное воздействие на зрителя является дополнительным преимуществом видео, которое способствует формированию у студентов личных отношений к нему. Видеофильмы также способствуют развитию внимания и памяти у студентов. Прочность запечатления языкового и страноведческого материала улучшается при использовании различных каналов поступления информации, таких как моторное восприятие, зрительное и слуховое восприятие. Таким образом, психологические характеристики воздействия учебных видеофильмов на студентов включают в себя способность управлять вниманием учащихся и аудиторией в целом, влияние на объем долговременной памяти и прочность запоминания, эмоциональное воздействие на учащихся и повышение мотивации к обучению. Кроме того, эти видеофильмы создают благоприятные условия для развития коммуникативных (языковых и социокультурных) навыков учащихся. Наконец, основная цель обучения иностранному языку достигается путем использования видеоматериалов с конкретными методическими целями. В частности, это касается развития навыков восприятия и понимания иноязычной речи на слух, а также речевых навыков. Технические возможности видео в значительной степени способствуют достижению методических целей.

Во-первых, эти возможности позволяют варьировать различные каналы поступления информации, такие как работа с кадром, демонстрация видеоматериалов со звуком или без него, демонстрация видеоматериалов со звуком, но без изображения и так далее.

Во-вторых, можно многократно демонстрировать видеоматериалы для улучшения восприятия и понимания, особенно ключевых сцен и сложных пассажей [3, с. 23]. Когда вы используете стоп-кадр, вы можете остановить показ видео, сделать уточнение или обсудить конкретный эпизод, вернуться к нему еще раз и продолжить просмотр.

Таким образом, следующие факторы объясняют, почему использование видеоматериалов в учебном процессе является разумным: они доступны; они удобны с технической точки зрения; они влияют на студентов с психологической точки зрения; и они позволяют реализовать методические цели, направленные на развитие навыков восприятия и понимания иноязычной речи на слух и развитие речевых навыков.

Систематическое показывание видеоматериалов и правильно организованная демонстрация являются единственными способами достижения перечисленных целей. На каком этапе занятия использовать видеоматериалы, зависит от его цели. Это может быть на начальном этапе работы над темой, например, когда вы начинаете работать над новой темой, повышаете ее мотивацию, преодолеваете трудности с интерпретацией, или когда вы находитесь на заключительном этапе работы над темой. Видеоматериалы могут использоваться для любых целей, например, для новостей, репортажей о праздниках и важных международных и национальных событиях. Могут дополнять учебный материал, который тематически и содержательно определен. Построение системы упражнений, направленных на развитие аудитивных умений, является одной из важнейших проблем обучения аудированию. В структуре видеозанятия есть три этапа: подготовка к просмотру (преддемонстрация), показ видеофильма (демонстрация) и последемонстрация. Сегодня детям все труднее понимать информацию из учебников и книг. Чтение текстов, особенно с большим количеством терминов, требует не только терпения и усидчивости, но и желания понять, что вы читаете. Тем

не менее, способности школьников быстро обрабатывать большие объемы информации из электронных источников очень полезны. Важно использовать это умение в обучении современных детей, поскольку дети знакомятся с гаджетами в раннем возрасте.

Поскольку ученики в наши дни просматривают видео на YouTube, следят за различными видеоблоггерами и подписываются на обучающие каналы, они уже привыкли получать информацию из видео. Математика в средней школе довольно сложный предмет. Я считаю, что использование видеоматериалов для объяснения и тренировки различных тем может помочь ученикам лучше понять материал, а также заинтересовать их и вдохновить их. Включение видеоматериалов в структуру урока помогает разнообразить виды учебной деятельности, активизировать психические процессы (внимание, мышление, память,эмоции) и повысить мотивацию.

Использование видеоконтента способствует формированию у обучающихся навыков самостоятельной работы, развивает умения наблюдать и обобщать увиденное, а также активизирует процесс овладения знаниями. «Видеоряд является эффективным средством стимуляции речевой и мыслительной деятельности студентов, создавая условия для реализации проблемности обучения, активизации познавательной творческой деятельности, повышения интеллектуального уровня учащегося, расширения их кругозора».

За последние несколько лет накоплен положительный опыт использования ресурсов Интернета для обучения школьников и студентов. Исследователи отмечают, что введение сети Интернет в процесс обучения стимулирует активность учащихся, усиливает их желание учиться [5, с. 161].

Интерактивная работа предполагает следующее взаимодействие между всеми участниками общения (рис.**)**.




В традиционной практике использование видеоматериалов включает в себя три этапа работы — до просмотра, демонстрация после просмотра — каждый из которых выполняет определенную функцию [4, с. 3]. Демонстрация видеоматериала должна сопровождаться активной учебной деятельностью зрителей и учащихся. По ходу видеофрагмента учащиеся могут заполнять таблицы, записывать примеры и составлять различные конспекты. Работа с видеоконтентом — это обязанность учителя.

Помочь студентам научиться смотреть фильмы является важной задачей учителя. Конечно, есть очень мотивированные и талантливые студенты, которые могут приобрести эти навыки самостоятельно, но большинство заинтересованных студентов требуют помощи [2, с. 52]. Репродуктивные, аналитические и поисковые, творческие задачи могут быть выполнены на каждом этапе работы над видеофильмом.

Каждая учебная группа наверняка состоит из учащихся разных национальностей, которые имеют различные правила общения. Можно провести круглый стол, чтобы обсудить актуальные вопросы, касающиеся этой темы. Участники должны просмотреть видеолекции. «Особенности русского коммуникативного поведения» и «Особенности русского речевого этикета», а также поговорить о следующем:

- Из-за чего важно закреплять правила поведения в детстве? Приведите примеры, чтобы подтвердить вашу позицию;
- Какие из ваших национальных пословиц отражают идею речевого этикета? Приведите следующие примеры:
- В каких ситуациях мы должны применять этикет?
- Какие типы обращений можно найти в русском языке?
- Каковы особенности использования личных имен в русском языке, есть ли какие-либо особенности использования личных имен в вашей культуре?

Ученики смогут лучше слушать, задавать вопросы и аргументировать, работая с видеоматериалом.

Школьникам можно предложить использовать видео для самостоятельной работы в дополнение к аудиторной работе. Например, для изучения темы «Нормы современной русской литературы» предлагается составить урок на основе лекции «Русский язык XXI века». Хотя обычно рекомендуется составлять контекстный конспект, лучше всего составить конспект в виде таблицы, содержащей следующие темы: уровень грамматики, изменения и примеры языка. В результате такого задания учащиеся приобретают навыки анализа, синтеза и передачи информации.(6, стр. 350)

Одним из вариантов творческих задач является создание проекта с родителями, коллегами и одноклассниками в рамках проектов «История моего округа», «Тайны на улицах», «Путешествие по истории имен» или «Что значит моё имя?».

Работа воспитывает любознательность, способность анализировать и устанавливать причинные связи, способность делать выводы и уверенность в себе.

Таким образом, можно использовать репродуктивные и творческие задания в процессе работы с видеоматериалами, начиная с простого выполнения правил и заканчивая завершением проекта. В этом конкретном случае видео поможет развить навыки самостоятельной работы, а также способность воспринимать чужую речь. Включение видеороликов в процесс обучения стимулирует интерес учащихся к предмету и заставляет их самостоятельно решать задачи.95 страница 356) Электронные обучающие видео могут помочь улучшить общий процесс обучения, давая более глубокое объяснение определенных концепций или предоставляя ученикам понятные визуальные эффекты, которые просто невозможно передать с помощью текста.

Главная задача преподавателя — не бросать учеников одних с видео, а обязательно встроить ролик в логику урока. Важно помнить, что видео — это прежде всего важный инструмент, а не легкая возможность совсем не готовится к занятию.

Создание уроков для интерактивной доски требует не только определенных навыков, но и времени для подготовки к занятию. Очень важно, чтобы администрация понимала это и поддерживала преподавателей в этом начинании. Постепенно каждый преподаватель создаст свои собственные наработки. Необходимо создать возможность для преподавателей обмениваться своими идеями и ресурсами между собой. (7.с.258)

- Чтобы эффективно использовать современные технические средства обучения в учебных заведениях, этот процесс должен стать как можно более простым для всех преподавателей. Возможные технические проблемы, с которыми может столкнуться преподаватель, должны быть сведены к минимуму, и эта задача чаще всего возлагается на преподавателей информатики. Высокий уровень технической поддержки преподавателей — необходимая составляющая компьютеризации учебных заведении.

Преподаватели, работающие с интерактивной доской, отмечают положительные изменения в качестве уроков, в объеме понимаемого студентами материала. Они утверждают, что интерактивная доска помогает преподнести больше информации за меньшее время, и при этом студенты активно работают на уроке и лучше понимают даже самый сложный материал. Интерактивная доска становится незаменимой для преподавателей по любому предмету, будь то использование интерактивной доски в начальной школе, средней школе, колледжах, ВУЗах, или даже в детском саду.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Артамонова, Г.В. Аутентичные видеоматериалы как средство повышения мотивации студентов к самостоятельной работе // Азимут научных исследований: педагогика и психология. Т. 5. 2016. № 4. С. 51–54

2. Азимов, Э. Г., Щукин, А. Н. и др. Средства массовой информации и ТСО на современном этапе развития методики // X Международный конгресс МАПРЯЛ: Тезисы докладов и сообщений. Братислава, 1990. - С. 546-559.

3. Использование обучающих видеоматериалов на уроках математики. Бердышев Андрей МБОУ СОШ №210, 6Г класс, Ленинский район г. Новосибирска.

4. Батраева, О.М. Использование видеоматериалов на занятиях по языку специальности иностранных учащихся, изучающих русский язык в техническом вузе // Apriori. Серия: Гуманитарные науки.2015. № 3. С. 6. W www.apriori-journal.ru (дата обращения: 12.06.2017).

5. Баранова, Н.Т. Русский язык / Н. Т. Баранова. - Москва, 1984. - 360 с.: – Текст : непосредственный.
6. Искусство интерактивного урока: зачем использовать обучающие видео? – Текст: электронный // Преподавание. – 2019. – URL: https://pedsovet.su/metodika/6991_iskusstvo_interaktivnogo_uroka (дата обращения: 02.06.2023).
7. Содикова, М.С. Педагогические технологии как средство активизации речевой деятельности старших школьников. //Материалы республиканской научно-практической конференции народная педагогика и современное образование: традиция, опыт и инновация /М.С. Содикова [Текст]. – Душанбе, 28.03.2019.– С.103-106.
8. Содикова, М.С. Пути формирования коммуникативно-речевых навыков и умений у старшеклассников на уроках русского языка / М.С. Содикова [Текст] // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе. - № 3/5 (173). - 2015 .-- С. 250-252.

## ПАНДНОМАҲОИ АБӮАЛӢ АҲМАД МИСКАВАЙҲ ДАР БОБИ ФАЗИЛАТҲОИ ТАРБИЯ

***МУМИНОВ Асатуло Холмуродович*** *– омӯзгори кафедраи методикаи таълими географияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67.* ***E-mail:*** *Asatullo 65 @ mail. ru,* ***тел:.*** *(+992) 93-784-26-00*

***РАУПОВ Ҷамшед Усмонович*** *– омӯзгори кафедраи методикаи таълими географияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар,* ***тел:. (+992) 935 89 94 34***

***ХОЛОВ Саидшо Каримович*** *– омӯзгори кафедраи методикаи таълими географияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар,* ***тел:. (+992) 900 64 25 64***

Муаллифон дар мақола қайд кардаанд, ки Ибни Мискавайҳ яке аз мутафаккирони эронинажод ва арабизабони сутургест, ки тазкиранависони пешин ва муҳаққиқони барин мақому манзалати ӯро ҳамчун ҳаким, файласуфи ахлоқ, адиб ва шоир, донишманди забону фарҳанги ниёкон ба қалам додаанд. Дар мақола перомуни дидгоҳи Абӯалӣ Аҳмад Мискавайҳ доир ба фазилатҳои тарбия маълумот фароҳам оварда шудааст. Муаллифон дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи асарҳои Ибни Мискавайҳ собит намудаанд, ки дар мазмун ва муҳтавои мероси адабии Мискавайҳ ҷойгоҳи панду ҳикмат ва андарзу насиҳатномаҳо мавқеи калидиро ичро намуда, дар тарбияи хосу ом ва хурду бузург нақши бориз дорад.
Муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёти илмиву адабӣ қайд менамояд, ки ҳамасронаш дар боби тарбият ва парвариш ӯро **“Муаллими ассолис” (муаллими сеюм)** арҷгузорӣ намудаанд. Ҳамчунин, муаллифон дар мақолаи мазкур мазмун ва муҳтавои асарҳои панду ҳакимонаи Мискавайҳро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосае омадаанд, ки манбаъ ва маншаи таълимоти тарбиявии ӯ на фақат ҷавҳари панду андарзии мутафаккирони олами ислом ва Юнон, балки аз мероси фарҳангии қадимтаре бархӯрдор мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *мутафаккир, панд, ҳикмат, насиҳат, фазилат, тарбия, андарз, муҳаббату садоқат, ҳаким, ахлоқ.*

## НАСТАВЛЕНИЯ АБУАЛИ АХМЕД МИСКАВАЙХ О ДОСТОИНСТВАХ ОБРАЗОВАНИЯ

***МУМИНОВ Асатуло Холмуродович*** *– преподователь кафедры методики преподавания географии Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава, г. Бохтар, проспект Айни, 67.* ***E-mail:*** *Asatullo 65 @ mail. ru,* ***тел:.*** *(+992) 93 784 26 00*

***РАУПОВ Джамшед Усмонович*** *– преподователь кафедры методики преподавания географии Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава, г. Бохтар, проспект Айни, 67,* ***тел:.*** *(+992) 935 89 94 34*

***ХОЛОВ Саидшо Каримович*** *– преподователь кафедры методики преподавания географии Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава, г. Бохтар, проспект Айни, 67,* ***тел:.*** *(+992) 900 64 25 64*

Ибн Мискавайх – один из мыслителей иранской расы и арабоязычный Сутург, о котором ранние писатели и подобные ему исследователи писали как о мудреце, моральном философе, писателе и поэте, исследователе языка и культуры своих предков. В статье представлена информация о взглядах Абуали Ахмада Мискавайха на достоинства образования. В результате изучения и исследования произведений Ибн Мискавайха авторы доказали, что в содержании литературного наследия Мискавайха советы, мудрость играют ключевую роль в воспитании детей и взрослых.

На основе изучения научной и классической литературы авторы отмечают, что современники отдавали ему должное как «учителю Ассолиса» (третьему учителю) в области образования. Также в данной статье авторы исследовали содержание учения и мудрости Мискавайха и пришли к выводу, что источником и происхождением его просветительского учения является не только суть учения мыслителей мира ислама и Греции, но также имеет более древнее культурное наследие.

***Ключевые слова***: *мыслитель, увещевание, мудрость, совет, добродетель, образование, манеры, любовь и верность, мудрость, этика.*

## INSTRUCTIONS OF ABUALI AHMED MISKAWYKH ABOUT THE MERITS OF EDUCATION

***MYMINOV Asatulo Kholmurodovich*** *– lecturer at the Department of Methods of Teaching Geography, Bokhtar State University named after Nosira Khusrav, Bokhtar, Aini Avenue, 67.* ***E-mail:*** *Asatullo 65 @ mail. ru,* ***phone:*** *(+992) 93 784 26 00*

***RAUPOV Jamshed Usmanovich*** *– lecturer at the Department of Methods of Teaching Geography, Bokhtar State University named after Nosira Khusrav, Bokhtar, Aini Avenue, 67,* ***phone:*** *(+992) 935 89 94 34*

***KHOLOV Saidsho Karimovich*** *– lecturer at the Department of Methods of Teaching Geography, Bokhtar State University named after Nosira Khusrav, Bokhtar, Aini Avenue, 67,* ***phone:*** *(+992) 900 64 25 64*

Ibn Miskawaikh is one of the thinkers of the Iranian race and the Arabow -speaking Sukhur, about which the early writers and similar researchers wrote about the sage, the moral philosopher, the writer and the poet, the researcher of the language and the culture of their ancestors. The article presents information about the views of Abuali Ahmad Miskawaha on the dignity of education. As a result of the study and study of the works of Ibn Miskawaikha, the author proved that in the content of the literary heritage of Miskawaikh the place of the Council, Wisdom and Soviets plays a key role in raising children and adults.

Based on the study of scientific and classical literature, the author notes that contemporaries gave him his due as the “teacher of assolis” (the third teacher) in the field of education. Also in this article, the author studied the content and content of the teachings and wisdom of Miskawahah and came to the conclusion that the source and origin of his educational teaching is not only the essence of the teachings of the thinkers of the world of Islam. And Greece, but also has an older cultural heritage.

***Key words:*** *thinker, exhortation, wisdom, advice, virtue, education, manners, love and fidelity, wisdom, ethics.*

Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад тақрибан соли 932-и милодӣ дар шаҳри Райи Эрон ба дунё омада, соли 1030 дар Ҳамадон аз дунё гузаштааст. Дар ваҷҳи тасмия ва тарзи дурусти талаффузи номаш танокузи оро ба чашм мехӯрад. Дар сарчашмаҳои форсӣ, ба вижа осори муҳаққиқини навин “Мушкия” меноманд ва гоҳе дар шакли “Мушкуяи Розӣ” ҳам ном бурда мешавад. Бархе дар он ақидаанд, ки “Мискавайҳ” бар он сабаб ном гирифтааст, ки мушкро бисёр дӯст медоштааст ва ин вожа дар арабӣ ба гунаи “Миск” мустаъмал аст. Пасванди “вайҳ” ба ҳамон шакли форсӣ-тоҷикии худ боқӣ мондааст. “Мушкуя”, бино бар ривояти дигар, маъхуз аз номи шаҳраке бошад воқеъ дар наздикии Рай дар роҳи Сова. Аммо ин ақида мавриди тааммул аст. Ба ҳар сурат, худи Мискавайҳ дар осораш хешро бештар дар шакли

"Абӯалӣ Мискавайҳ", "Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Мискавайҳ" зикр кардааст. Аз ин бармеояд, ки "Аҳмад" номи ӯ буда, "Мискавайҳ" лақабаш ҳаст [1. 76].

Дар бораи зиндагии Мискавайҳ ҳам чандон маълумоти пурра дар даст нест, ба ҷуз он навиштаҳои пароканда ва маълумоти мухтасаре роҷеъ ба ин ё он саҳифаи фаъолияти илмӣ ва сиёсии ӯ, дар манобеи куҳан ба чашм бармехӯранд. Муаллифони ин сарчашмаҳо ӯро "ҳаким, файласуф, муаррих, риёзидон, муҳандис, забоншинос, адиб, шоир, нависанда, шахси бисёр огоҳ аз номҳои қадим ва забонҳои бостон, мутакаллим, мунаққид"ва ғайра муаррифӣ кардаанд. Илова бар ин, ӯро унвонҳои "Хозин" (мудири китобхона, хазинадори китобхона) ва "Надим" додаанд ва унвони дуюмӣ аз он аст, ки ҳамнишини чанд тан аз подшоҳони Олӣ Бӯя буд.

Мискавайҳ дар ибтидо аз пайвастагони вазири Муиззуддавла-Абӯмуҳаммади Муҳаллабӣ будааст ва дар назди ӯ вазифаи хозинии кутуби ӯро адо мекард. Пас аз он Мискавайҳ дар хидмати Ибни Амид (ваф. с. 971) ва писараш-Абулфатҳи Зулкифоятайн ҳам будааст. Ибни Амид, нафақат чун сиёсатмадор, балки ҳамчун шахси фозил, чирадаст дар адаб ва балоғату фасоҳати забони арабӣ шухрат дорад, китобхони машҳуре бунёд карда буд бо теъдоди зиёди кутуб. Мискавайҳ вазифаи китобдори ин китобхонаро ба уҳда дошт ва қавли теъдоди кутуби он беш аз 100 уштури боркаш буд. Пас аз марги фоҷиабори Абулфатҳ ӯ ба хидмати Азудуддавла махсус гашт ва дар дарбори ӯ ба ҳайси надим ва хозини ӯ ифои вазифа кард.

Мискавайҳ умри дароз дид, ки он тақрибан баробар ба як аср аст. Дар тӯли ин умри бобарокати хеш осори зиёдеро таълиф кардааст, ки теъдоди онро беш аз 30 китоб донистаанд. Китобҳои "Мухтасару-н-набзӣ" ва "Китоб фӣ-л-адвияти-л-муфрадати" дар боби тиб мебошанд. Ибни Мискавайҳ яке аз мутафаккирони эронинажод ва арабизабони сутургест, ки тазкиранависони пешин ва муҳаққиқони барин мақому манзалати ӯро ҳамчун ҳаким, файласуфи ахлоқ, адиб ва шоир, донишманди забону фарҳанги ниёкон ба қалам додаанд. Қобили тазаккур аст, ки ҳамаронаш дар боби тарбият ва парвариш ӯро **"Муаллими ассолис" (муаллими сеюм)** арҷгузорӣ намуда балоғату фасоҳат додаанд. Мероси дар боби тарбият ва парвариш таълиф намудаи Ибни Мискавайҳ тариқи зайл аст:

| | |
|---|---|
| **1."Таҳзиб – ул- ахлоқ"** | **4. "Алҳикмат – ул – холида"** |
| **2. "Тартиб – ус – саодат"** | **5. "Одоб –уд – дунё ва дин"** |
| **3. "Китоб – ус – сияр"** | **6. "Васиятнома"** |

Аз мазмун ва муҳтавои асарҳои панду ҳакимонаи Мискавайҳ бармеояд, ки манбаъ ва маншаи таълимоти тарбиявии ӯро на фақат ҷавҳари панду андарзии мутафаккирони олами ислом ва Юнон, аз зумраи Ибни Муқаффаъ, Киндӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ, Афлотуну Арасту, Ҷолинус, балки аз мероси фарҳангии қадимтаре бархӯрдор аст. Зеро далел ва мисоли равшани онро мо дар пандномаҳои тарбиявии "Андарзи Ардашери Бобакон," "Суханронии Анӯшервон," "Андарзҳои Озарбоди Меҳраспандон," "Андарзи Хусрави Каводон" ва "Минуи хирад" мушоҳида менамоем. Ибни Мискавайҳ дар дебочаи асари "Таҳзиб –ул- ахлоқ" чунин ишора дорад: "Ман дар айёми ҷавонӣ тарбияи хуби ахлоқиро наомӯхта, аз парасторӣ ва навозишҳои падар маҳрум монда, бо қабоҳату бадахлоқӣ майл доштам. Бар замми ин, руасо ва машоих ба ман инъом медоданд. Аз ин роҳ ман баъди калонсол шудан баргаштам. Инак, дар насиҳати ту – хонандаи ҷавон, аз ҳадди худ таҷовуз намудам, то ки он чи дар ибтидо бо ман буд, ту худро аз он дур гирӣ ва ҳама бероҳагардиро барҳам зада, бо роҳи савоб равӣ. Ба ту қаблан бодбоне пешниҳод намудам, ки дар баҳри пурталотуми ҳаёт ғарқ нагардӣ" [2,32].

Бино бар қазовати пажӯҳишгарон Ибни Мискавайҳ асари "Таҳзиб – ул – ахлоқ"- ро нахуст дар шакли "Васиятнома" таълиф намуда, сониян, такмилу таҳмил ва бобҳои навине ба он ҳамроҳ кардааст.

**Ҳикмат** дар тафсири мутафаккир фазилати беҳтарини нафси нотиқа буда, ба ҷиҳатҳои ақлонии ахлоқи инсон робита дорад. "Моҳияти ҳикмат дар он аст, ки инсон шууран дарк ва қазоват намояд, ки кадом амалҳо касро ба мақсуд бирасонад ва аз кадом амалҳо бояд парҳез кард"[2,18].

Мискавайҳ ҳикматро аз шаш равза иборат медонад:

| | |
|---|---|
| 1. Заковат | 4. Сафои зеҳн |
| 2. Вирду зикр | 5. Ҷавдати фаҳм |
| 3. Тааққул | 6. Суҳулати тааллум. |

Мискавайҳ **заковатро** малакае меҳисобад, ки ба воситаи он ба зудӣ натиҷа бардоштан аз чизҳои олами атроф ва ба осонӣ онро ба нафс додан аст;

**Вирду зикр**–пойдор нигоҳ доштани чизест, ки ақлу ваҳм онро ба даст меоваранд.

**Тааққул** – (тавассути ақл зуд фаҳмидани моҳияти ашёҳо) мувофиқати баҳси нафс аст аз ашёи омӯхташаванда, чуноне ки онҳо дар асл вуҷуд доранд.

**Сафои зеҳн** – омодагии нафс аст, баҳри берун сохтани чизи матлуб;

**Суҳулати тааллум** – ин неруи ақлу тезии фаҳм аст, ки ба воситаи он умури назарӣ дарк карда мешавад.

Шарҳу тавзеҳҳои ҳикмат аз дидгоҳи Ибни Мискавайҳ тафсири фалсафии он буда, бештар ба андешаҳои фалсафии мутафаккирони Юнони қадим такядор аст.

Ибни Мискавайҳ дар панду ҳикматҳояш шахсро ба омӯзиши касбу пеша ва корҳои судманде, ки ҳам ба худаш ва ҳам ба ҷомеа нафъовар бошад, ҳидоят менамояд. Яъне, ҳар шахсе, ки даъвои саодатманд шудан дорад, бояд барои худ касбу ҳунарҳоеро интихоб намояд ва пайи омӯзиши онҳо қарор дошта бошад, ки он касб василаи зиндагии ӯ шаванд. Ё мулку мояе дошта бошад, ки дигарон дар он амал кунанду рӯзгузаронии ӯ аз он ҷо шавад. Дар ҳосил кардани мол аз рӯйи касбу кори ҳалол ахбори зиёде ворид аст.

Табиист, ки баъзе ашхос сармояву мулке надоранд ва аз омӯхтани санъату касб низ худро ба ғафлат мезананд. Ё ин ки агар касбе ё ҳунареро омӯзанд ҳам, василаи зиндагиро бар ваҷҳи ҳалол аз он касби омӯхтаашон ҳосил накарда, роҳи танбалиро пеш мегиранд. Ин ашхос аз он роҳи пешгирифтаашон аз он чӣ ки дигарон ҳосил кардаанд, мегиранду сарфи зиндагии хеш мегардонанд. Ин фирқаи мардум ғолибан ду касби пастро ихтиёр мекунанд, **ки яке дуздӣ ва дигаре гадоӣ ном дорад.**

**Фирқаи якум** роҳи дуздиро пеш гирифта, роҳзанӣ мекунанду мардум ва хонаҳоро бо усулҳои гуногун ғорат менамоянд. Гурӯҳи **дуюм** – гадоён аснофи зиёде мебошанд. Ин тоифа баъзе худро нобино ё фалаҷ вонамуд карда, ё худро ба беморӣ меандозанд, ё ин ки тифлеро бар сари роҳҳо ба тариқи мурда мехобононанд. Баъзе гиряву зориро пеша қарор медиҳанд, ҷамъе бо суханони ғарибу корҳои аҷиб, бархе бо хушомадгӯйӣ ва тамаллуқу тамаъкорӣ ва гурӯҳе бо шаъбадабозӣ ва тоифае бо қиссахониву қаландарӣ бозори гадоии худро равнақ медиҳанд. Синфе дигар худро табиб ё ҷарроҳ, ё гиёҳҳои бефоидаро бар гирди худ фароҳам оварда, як навъ давоҳо сохта, занону беақлонро ба он фиреб медиҳанд. Навъи дигар худро дар маъризи мунаҷҷимӣ, фолбинӣ, тилисму дуонависӣ ва тадбири хоб гуфтан даровардаанд. Маҷмуи инҳо ҳамон тоифаҳое мебошанд, ки имрӯз ҳам дар байни мо вуҷуд дошта, ба ҷомеа ва ба афроди ҷомеа нафъе намерасонанд.

Ибни Мискавайҳ онҳоеро, ки бо роҳи зуҳду тарки дунё худро фозил нишон доданӣ мешаванд, мазаммат намуда, таъкид менамояд, ки фазилат гадоӣ набуда, балки афъолу аъмолест, ки дар муомила бо мардум зоҳир мешавад. Адиб бо аснод ва далоил собит менамояд, ки инсон низ дар радифи дигар мавҷудоту махлуқот молики неру ва афъоли хосест, ки ба василси он бо ғайри худ дар муомилот аст. Фарде шахси фозил шуда метавонад, ки ба афъоли хоси худ қодиру ба шартҳои ҷавҳарияш, ки аз дигар мавҷудот фарқ мекунанд, дилбастагӣ дошта, барои иҷрои корҳои хайр ҷидду ҷаҳд намояд ва аз аъмоли шар худро нигаҳ дорад.

Кӯдак, ба андешаи Ибни Мискавайҳ, "фазилатҳоро ё бо ҳукми ирсият, агар зираку закӣ бошад, ё бо роҳи падару модар тариқи тақлид кардан аз худ мекунад"[2, 18]. Мутафаккир дар панду ҳикматҳои оид ба тарбиявии хеш васият менамояд, ки "одамон бояд ба якдигар дӯст бошанд, чунки ҳар як шахс саодати худро аз фарди дигаре дарёфт карда, бе он саодати худро комил карда наметаваонад"[2, 18].

Ибни Мискавайҳ шарти нахустини ҳосил намудани фазилатро дар андӯхтани илму дониш медонад. "Аз ин рӯ, инсон набояд дар ҳолати табиии худ истад, балки барои омӯхтани усули маорифу маърифат шуғл бандад" (ҳамон ҷо). Адиб барои ба даст овардани фазилат на фақат илм, балки боз омилҳои дигаре низ вуҷуд доранд. Ирода аз чунин омилҳои асосии фазилатҳои равонии шахс аст. Афъоли инсон ҳамон вақт фозилона шуда метавонад, ки аз ирода ва ихтиёр содир шуда бошад. Ибни Мискавайҳ ба иродаи инсон таваҷҷуҳи зиёде мекунад, зеро ирода ба тамоми масири руҳии инсон алоқа дорад ва ба воситаи ирода инсон дар нафси худ ва афъолу аъмоли содиркардааш масъулият ҳис мекунад. Ба воситаи иродаи шахс мақсаднокӣ, ҷасурӣ, суботкорӣ, сабру тоқат, мардонагӣ, ташаббускорӣ ва хулқи хешро аз зиштиҳо дур ва ба некиҳо наздик месозад. Мартаба ва фазилати инсон ба василаи ирода муайян мегардад. Агар шахс ҳаёти оқилонаро пешаи худ қарор диҳад, дар он сурат, ҳаёти комилу фозилу солимро соҳиб шуда метавонад. Шарифтарин инсон ҳамон касест, ки аз нафси нотиқа ҳиссаи бештареро бархурдор аст.

Панду ҳикматҳои Ибни Мискавайҳ дар боби муҳаббат ва садоқат дар таърихи илми педагогика ва равоншиносӣ яке аз падидаҳое мебошад, ки дар ростои фарҳанги башарӣ

мавқеи босазоеро касб кардааст. Муҳаббат ва садоқат таҷассуми он муносибату муоширати фалсафӣ – ахлоқие мебошанд, ки дар ҳамаи давру замон дар атрофи онҳо баҳсу мунозира сурат мегирифт. Мафҳуми муҳаббат – ҳамчун тасаввурот доир ба навъи махсуси умумияти байни одамон, аз ибтидо дар тафаккури ахлоқии онон падид меояд. Муҳаббат ҷидду ҷаҳди одамонро барои дар ҷамъият барқарор кардани алоқаи аслии онҳо ва барҳам додани тарафҳои акси манфиатҳои шахсиро ифода мекунад.

Дар таърихи афкори тарбиявии хирадмандони форсу арабизабон дар радаи дигар падидаҳо категорияҳои муҳаббат ва садоқат низ ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Мискавайҳ низ яке аз нахустин мутафаккиронест, ки оид ба муҳаббату садоқат ва интихоби рафиқ изҳори андеша намуда, дар таълимоташ нисбат ба ин падидаҳо нуқтаи назари хоси худро иброз ва афкори мутафаккирони салафро ҷамъбаст намудааст.

***ҲАЙДАРОВА Наргис Мансуровна** – ассистенти кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. **E-mail:** rusamhajdarov@gmail.com, **тел.:** (+992) 92 799 83 27*

Муаллиф ҳадаф, мазмун ва сохтори тарбияи ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсолро тавассути истифода аз адабиёти бадеӣ муайян ва ошкор намуд, ки дар сурати истифода аз он самаранокии ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагон смаранок гардонида суръат бахшидан мумкин аст.

Амсилаи таҳиянамудаи раванди педагогии муаалиф нишон дод, ки баъд аз татбиқӣ он сатҳи ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсол боло рафт. Натиҷаи озмоиши ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои ахлоқӣ - гуманистӣ нишон доданд, ки ҳангоми таҳияи шароити махсус ташкилгардидаи таълимӣ дар шакли хониши асарҳои бачагонаи бадеӣ шавқи маърифатии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ- гуманистӣ ба таври назаррас афзуда афзуда, қобилиятҳои мустақилона ба маҷрои таълиму тарбия равона ва дар ҳолатҳои номуайяни ҳаёти истифода намудани салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии ташаккулёфтаашон инкишоф ёфта динамикаи дараҷаи азхудкунии барномаи таҳсилоти ибтидоӣ баланд мегардад.

Раванди тарбияи гуманистии хонандагон тавассути адабиетҳои бадеӣ марҳилаҳои муайян дорад. Муаллиф нишон медиҳад, ки пас аз истифодаи методи ташаккули гуманистии хонандагон муваффақиятҳои муайянро ба даст овардан мумкин аст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки модели нави таълим, ки дар шакли мактаби хонагӣ пешниҳод шудааст, ба мустаҳкам шудани дониши хонандагон дар рушди арзишҳои гуманистӣ тавассути таълим ва тарбия ва инчунин дар ҳаети ҳаррӯза бо истифода аз адабиётҳои бадеӣ дар ин раванд ба рушди босуръати барномаи таҳсилоти ибтидоӣ мусоидат мекунад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *арзишҳои гуманистӣ, салоҳиятҳои ахлоқӣ- гуманистӣ, адабиёти бадеӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, тарбияи ақлонӣ, инсонгароӣ, фаъолгардонии таълим, амалисозӣ.*

## НАЧАЛЬНЫЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЛИТЕРАТУРЫ В ПРОЦЕССЕ ВОСПИТАНИЯ ГУМАНИСТИЧЕСКИ НАПРАВЛЕННЫХ ЛИЧНОСТЕЙ СРЕДСТВАМИ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

***ХАЙДАРОВА Наргис Мансуровна*** *– ассистент кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.* ***E-mail:*** *rusamhajdarov@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 92 799 83 27*

Автор представляет содержание и методику воспитания гуманистически нацеленных личностей через использование определенной литературы, которая, в случае ее использования, может способствовать развитию самосознания гуманистически нацеленных читателей. Приведен пример реализации педагогического процесса, который в последствии приводит к развитию гуманистически нацеленных личностей.

Результаты саморазвития проявления гуманистических ценностей указывают на то, что новая модель специально организованного образования в форме домашней школы, улучшила уровень знаний учащихся в развитии гуманистических ценностей в форме обучения и воспитания, а также в повседневной жизни, использование литературы способствует динамичному развитию программы начального образования.

Процесс воспитания гуманистически настроенных личностей через литературу имеет определенные этапы. Автор обозначает, что после применения данной методики развития гуманистически ориентированных читателей, были достигнуты определенные успехи.

Эти результаты указывают на то, что новая модель образования, представленная в виде домашней школы, способствовала улучшению знаний студентов в развитии гуманистических ценностей через обучение и воспитание, а также в повседневной жизни. Использование литературы в этом процессе способствует динамичному развитию программы начального образования.

***Ключевые слова:*** *гуманистические ценности, гуманистическая компетенность, детская литература, национальная идентичность, развитие интеллекта, гуманизация, активизация обучения, практическое применение.*

## EARLY STAGES OF DEVELOPING THE USE OF LITERATURE IN THE PROCESS OF EDUCATING HUMANISTICALLY ORIENTED INDIVIDUALS THROUGH CHILDREN'S LITERATURE

***KHAIDAROVA Nargis Mansurovna*** *– assistant at the Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadridin Ayni, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.* ***E-mail:*** *rusamhajdarov@gmail.com,* ***phone:*** *(+992) 92 799 83 27*

The author presents the content and methodology of educating humanistically oriented individuals through the use of specific literature, which, when used, can contribute to the development

of self-awareness of humanistically oriented readers. An example of implementing the pedagogical process is given, which subsequently led to the development of humanistically oriented individuals.

The results of self-development in manifesting humanistic values indicate that the new model of specially organized education in the form of homeschooling has improved students' knowledge levels in developing humanistic values through teaching and upbringing, as well as in everyday life.

The use of literature in this process contributes to the dynamic development of the primary education program.

The process of educating humanistically inclined individuals through literature has certain stages. The author indicates that after applying this methodology for developing humanistically oriented readers, certain successes have been achieved.

These results indicate that the new model of education, presented in the form of homeschooling, has contributed to improving students' knowledge in developing humanistic values through education and upbringing, as well as in everyday life. The use of literature in this process contributes to the dynamic development of the primary education program.

***Key words:*** *humanistic values, humanistic competence, children's literature, national identity, intellectual development, humanization, activation of learning, practical application.*

Воридшавии муносибати гуманистӣ дар низоми таҳсилот, ки маҳаки асосиаш нодирияти ҳастии инсон ба шумор меравад, таълими ба шахсият нигаронидашударо тақозо менамояд, ки дар он принсипи асосии таълимӣ - муколама ба шумор рафта дар он арзишҳо, мавқеъҳо ва тафаккурҳои гуногуни фарҳангӣ, ки дар онҳо инсон ҳамчун арзиши олӣ, нодир ва такрорнашаванда арзёбӣ мегардад.

Дар ин ҳол маводи таълимӣ мазмунан бой пешниҳод карда шуда, бояд ҷанбаҳои амиқи фалсафӣ, психологӣ, иҷтимоии таҳсилот ва сифату арзишҳои ахлоқӣ-гуманитариро инъикос намуда, дар хонандагони хурдсол инкишофи зеҳнӣ ва эмотсионалиро ба миён орад.

Гуманизацияи таълим ба доираи фанҳои академии сикли гуманитарӣ ва ҳамзамон бой кардани мазмуни фанҳои табиатшиносӣ ва техникӣ бо маводе, ки муборизаи қувваҳои некӣ бо аҳриманӣ, сарнавишти инсонии шахсиятҳои муваффақу пешқадамро ифода мекунад, бартарӣ дода, алоқамандии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникиро бо сифатҳои ахлоқӣ, гуманистӣ, қобилияти эҷодии шахсият ошкор месозад.

Яке аз восита ва омилҳои асосии ташаккули шахсияти дорои ахлоқӣ гуманистӣ дар раванди таълим ин мазмун ва мундариҷаи таълим мебошад.

Дар педагогикаи анъанавӣ, ки ба амалисозии вазифаҳои асосии таълимии низоми таҳсилот нигаронида шудааст, мазмуни таълим ҳамчун маҷмӯи дониш, малака, муносибат ва эътиқоди ба низом даровардашуда, инчунин сатҳи муайяни инкишофи неруҳои маърифатӣ муайян карда шудааст. Ин равияест, ки ба дониш ҳамчун натиҷаи азхудкунии моҳияти мазмун ва мундариҷаи таълим муносибат менамояд.

Дар ин равия, диққати асоси ба дониш ҳамчун сарвати маънавии инсоният, ки дар ҷараёни ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии таҷрибаи таърихӣ ҷамъ оварда шудааст дода мешавад. Дониш, албатта, арзиши муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, мундариҷаи ба донишҳои илмӣ нигаронидашудаи таълим аҳамияти мутлақ дорад. Он ба иҷтимоишаваии фард ва воридшавии ӯ ба ҷомеа мусоидат мекунад.

Аз ҷиҳати методологӣ бошад модели ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият нигаронидашудаи таълим - ба гуманизатсиякунонии шуури ҷомеа ва фаъолияти ҷамъиятӣ, ташаккул додани ҷомеаи башардӯстона, ки қодир ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни шахсият ва давлат мебошанд нигаронида шуда аст. Ин модели таълимӣ на талаботи давлат ва бозор, балки аз ниёзҳои ҷомеа ба шумор рафта, ба гуманизатсияи таҳсилот ва раванди таълим ҳидоят мекунад, ки то андозае ба рафъи мушкилоти болотар зикр гардида мусоидат менамояд.

Аммо, дар ин ҳолат, ки диққати асосӣ ба дониш ва мазмуни таълим дода шудааст, дониш ба арзиши мутлақ табдил ёфта ва худи диққат ва фаъолияти шахсро ба пуррагӣ ба худ банд менамояд, боиси идеологизатсия ва мутамарказияти дониш гардида, инкишофи хонандаи миёнахон ба меъёрӣ асосии арзёбии натиҷаи таҳсилот табдил меёбад, ки он боиси зуҳури оқибатҳои манфӣ мегардад.

Идеяи гуманизатсияи таълим, ба равияи ба шахсият нигаронидашудаи таълим ҳамкорӣ намуда, ба мазмун ва мундариҷаи таълим таъсиргузор мегардад. Ин муносибат дар асарҳои Бим-Бад Б.М., Леднев Б.С., Петровский А.В. ва Скаткин М.Н. инъикос ёфтааст[1,31с.].

Ҳамин тавр, М.Н. Скаткин, мафҳуми мазмун ва мундариҷаи таълимро ҳамчун системаи педагогии мутобиқшудаи дониш, малака ва маҳорат, фаъолияти эҷодӣ,муносибати эҳсосӣ-

идрокӣ, ки азхудкунии он барои таъмини ҳифз ва рушди фарҳанги моддӣ ва маънавии ҷомеа омода шуда фаҳмида, ташаккули шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфтаро аз вазифаҳои асосии он мешуморад[8,79с.].

В. С. Леднев чунин мешуморад, ки мазмун мундариҷаи таълим раванди тағирёбии прогрессивии хосиятҳо ва сифатҳои шахсро ифода карда, шарти зарурии он фаъолияти махсус ташкилшуда мебошад. Бинобар ин, мундариҷаи таълими гуманистӣ, раванди ҷудонашавандаи тарбияи шахсият тавассути аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ, гирифтани тарбия ва мақсаднокони инкишоф додани шахсият дониста мешавад [5, 224 с].

Ба гуфтаи Б.М.Бим-Бад ва А.В.Петровский, мазмун ва мундариҷаи таълиме, ки аз ҷониби хонандагон аз худ карда мешавад, муайянкунандаи дараҷаи инкишофи шахсият муайян карда шуда, як ҷузъи таркибии таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ ба шумор меравад[1,31с.].

Ин раванд озодии интихоби мундариҷаи таълимро бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳои таълимӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳаётии шахс, муносибати инсондӯстона ба шахсияти рушдёбанда, ташаккули шахсияти ӯ ва фароҳам овардани рӯҳияи оштинопазириро ба худпарастӣ (эгоизм) таъмин мекунад( Красова Т.Д) [4,68с.]

Таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ исботгарӣ он аст, ки омӯзиши мушкилоти тарбияи муносибатҳои ахлоқӣ гуманистӣ аз синни хурди таҳсилот зарур аст.

Аҳамияти осори адибон ва шоирони кӯдакона, фолклор дар ташаккули андешаҳои ахлоқӣ-гуманистӣ ва муносибатҳои башардӯстонаи кӯдакон бисёр бузург аст. Л. Лидак тавсия медиҳад, ки бояд асарҳои бадеӣ барои инкишофи ақидаҳои башардӯстонаи кӯдакон истифода шаванд, зеро дар онҳо на танҳо ҳолатҳои мунокишавӣ тафсир карда мешаванд, балки некиву бадӣ ба ҳам муқобил гузошта шуда манфурияти ахлоқи бад ва зарурияти ахлоқи ҳамидаи инсонпарварона бо рангу оби бадеӣ тасвир карда мешаванд. Ба андешаи муаллиф, усули ҳикояи нотамом хеле таъсирбахш мебошад.(идомаи фикр ва васеътар тавсифи ин метод дар қисмати озмоиши педагоги баррасӣ мешавад) [6, 270с].

Е.Е. Шишлова пешниҳод мекунад, ки тафаккури муносибатҳои инсондӯстонаро дар кӯдакон на танҳо тавассути додани саволҳои мустақим, балки бо ташкил ва гузаронидани сӯҳбатҳои махсус оиди матн ва ё асари хондашуда, эҷоди ҳолатҳои гуногуни педагогӣ, ки дар он кӯдакон ба коре анҷом додан ва ё зуд қарор қабул кардан барангехта мешаванд, то аз мушкилот раҳо шаванд, ҳосил кунонидан хеле муфид аст[9,160 с].

А.Д. Кошелева ба одат кунонидани кӯдакон ба фикр кардан дар бораи ҳодисаҳои дар асарҳои бадеӣ гузаранда, мусоидат ба рушди огоҳии онҳо дар бораи муносибатҳои башардӯстона диққати ҷиддӣ дода, зарурати бештар эҷод кардани вазъиятҳои проблемавиро, ки дар онҳо кӯдак метавонад мустақилият ва фаъолият нишон диҳад, таъкид мекунад [3,159с].

Пешниҳоди Е.Е. Шишлова оид ба системаи фаъолсозии зуҳуроти инсонии кӯдакон нисбатан шавқбарангезтар ба назар мерасад. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар фаъолияти муштараки омӯзгор бо кӯдакон алгоритми пайдарпаии иҷрои амалҳо бояд истифода шавад. Дар марҳилаи аввал, омӯзгор таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба ҳодисаю воқеаҳои дар матнҳо ва асрҳои бадеӣ тасвирёфта равона мекунад, яъне дарки оқилонаи вазъиятро дар маҷмӯъ таъмин мекунад. [9,160 с].

Дар марҳилаи дуввум омӯзгор кӯдаконро ба амали инсондӯстона ташвиқ карда, ба онҳо дарки ҳолати эмотсионалии қаҳрамонони асари бадеӣ, ки ба кӯмак, дастгирӣ, муносибати хуб ниёз доранд (тавассути арзёбии ҳолати эмотсионалӣ) ташвиқ мекунад.

Дар марҳилаи сеюм, омӯзгор зуҳуроти инсонпарваронаи кӯдаконро фаъол карда, ба соҳаҳои эҳсосотӣ ва зеҳнии онҳо таъсир мерасонад (бо пешгӯии оқибатҳои амалҳо, ҳавасманд кардан ба амали башардӯстона, фаҳмонидани аҳамияти он барои дигарон) .

Дар асарҳои Г. Узбекова, Л. Колберг ва дигарон роҳҳои гуногуни муайян кардани сатҳи ташаккули тасаввуротҳо дар бораи муносибатҳои башардӯстона, меъёрҳои арзёбии дараҷаи инкишофи ахлоқӣ-гуманистии кӯдакон дар рафти мутолиаи асарҳои махсус тавсия гардида нишон дода шудааст [10,260с].

Дар дарсҳои хониши бадеӣ таҳлил ва баррасӣ намудани хислатҳои нек ва бади инсонӣ, гуманизми ҳақиқӣ ва дуруғини намоишӣ, адолати иҷтимоӣ ва беадолатӣ хонандагони хурдсолро бо ҷаҳони мураккаби муносибатҳои инсонӣ ошно сохта, онҳоро ба дарк кардан ва қадр кардани ғояҳои гуманистӣ таҳрик медиҳад [10,260с].

Мундариҷаи таълими муосир бояд танҳо ба ахбороти навтарини илмию техникӣ такя накарда, дониш ва малакаҳои рушди шахсии башардӯстона, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ,

муносибати ҳассос ва арзишманд ба ҷаҳон ва шахсиятҳои он, инчунин системаи эҳсосоти ахлоқӣ ва маънавиро дар бар мегирад, ки муайянкунандаи рафтори ӯ дар шароити ҳаётии гуногун шуда метавонад.

Ҳамин тариқ, интихоби мундариҷаи таҳсилот ба зарурати рушди фарҳанги ахлоқӣ-гуманистӣ, ки барои фард асосӣ ба шумор меравад, аз ҷумла фарҳанги муайянкунии мавқеъ ва мақоми худ дар зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатӣ вобаста аст. Аз ҷумла, ахлоқи гуманистии ҳар як шахсияти навташаккулёфтаистода аз фарҳанги сиёсӣ, иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, муошират байни миллату қавмҳо ва байнишахсиятҳо вобаста мебошад. Бе системаи дониш ва адабиётҳое, ки мазмуни фарҳанги ахлоқӣ-гуманистиро ташкил медиҳанд, фаҳмидани тамоюлҳои раванди тамаддуни муосир ғайриимкон аст.

Хусусияти муҳими технологияи гуманистии таълим на дар азхуднамоии мундариҷаи адабиёти бадеӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои мувофиқ, балки дар инкишофи эҷодкорӣ, озодии зеҳнӣ ва ахлоқии шахс, инкишофи ҳамгирои шахсии муаллим ва шогирдони хурдсолаш таҷассум меёбад. Аммо, илми педагогика, ки объекти омӯзиш ва таҳқиқи он хусусиятҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ қарор дорад, хусусияти хоси худро дорад. Мисол дар фанҳои сикли табиӣ мавриди таҳқиқ ҳодисаҳое қарор мегиранд, ки новобаста аз шуур ва иродаи мо дар таҳти қонуниятҳои табиии мегузаранд. Вале объекти таҳқиқи илми педагогика ҳодисаҳое қарор гирифтаанд, ки танҳо дар таҳти таъсири шуур ва иродаи бевоситаи инсон ва ҷомеаи инсонӣ амалӣ мешаванд ва мақсаднокона дар таҳти нақшаи муайян сурат мегиранд.

Ба ибораи дигар, интихоби мундариҷаи адабиёти бадеии ба кӯдакон тавсияшаванда, ки шуури насли навро дар раванди тарбия ва омӯзиш ташаккул дода гуманизатсия мекунад, муносибати инсондӯстонаи шахсро бо худ ва одамони дигар таъмин намуда, кафолати гуманизатсияи ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонро медиҳад.

Таълим фаъолияти маърифатие мебошад, ки дар раванди он муаллим бо роҳу усулҳои махсус ба ҳолати равонии кӯдак таъсир расонида, фаъолиятҳои маърифатии онро идора менамояд. Яъне муаллим дар раванди таълим ба талаба таъсир расонида, аз болои фаъолияти таълимӣ-тарбиявии ба ӯ нигаронидашуда назорат мекунад. Ин таъсироти берунии муаллим бояд бо ниёзҳо ва амалҳои ботинии хонанда мувофиқ гардонида шуда ҳамгирои онҳо таъмин гарданд.

Аз ҳамин сабаб раванди идоракунии фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсолро тавассути воситаҳои фаъолгардонӣ амалӣ карда алоқамандии зарурии байни фаъолияти таълимии омӯзгор ва фаъолияти маърифатии хонандаро таъмин намудан мумкин аст. Бинобар ин, барои муайян ва ҳал кардани душвориҳои маъмулии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар идоракунии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагони хурдсол, махсусан дар ташаккули сифатҳои инсондӯстона ва инсон буданашон зарур аст, ки мушкилоти асосии раванди таҳсилот, ки дар истифодаи воситаҳои фаъолгардонии таълим монеа эҷод мекунанд муайян карда шаванд.

Ҳамин тавр, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар марҳилаи таҳсилоти ибтидоӣ хониши асарҳои бадеиро барои хонандагони хурдсол он қадар зарур нашуморида танҳо ба машқҳои имлоӣ иктифо карданро зарур мешуморанд. Аксари онҳо ба он назаранд, ки истифодаи хониши асарҳои бадеӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки фаъолгардонии таълиму тарбия ва ҳосилшавии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ инсонпарваронаи хонандагон танҳо дар давраи наварасӣ ва синфҳои болоӣ имконпазир мегардад.

Маълум гардид, ки баъзе муаллимон дар моҳияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва ба хондани китобҳои бадеии мазмуни ахлоқӣ – гуманистидошта ҷалб кардани хонандагони хурдсолро нафаҳмидаанд.

Вазъи мушкилибарангезро чун ангезаи фаъолияти маърифатӣ ва ташаккулдиҳандаи сифатҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсол ба назар гирифта, масъаларо дар шакли мустақим таҳлил намуда муайян карда мешавад, ки омӯзгорон шакли проблемавии таълимро дар амалияи педагогӣ дуруст намефаҳманд.

Камбудии асосӣ дар он аст, ки онҳо дараҷаи мураккабӣ ва ё мушкилии саволи додашударо аз сабаби надоштани дониши дахлдор ва паст будани сатҳи тасаввуроти хонанда кам мекунанд, масалан: «Инсондӯстӣ чист?».

Дар ин ҷо нуктаи муҳимтарин - мавҷудияти зиддияте, ки аз ҷониби хонандагони хурдсол бояд дарк карда шавад, нодида гирифта шудааст, ки он заминаи асосии ташаккули барангезандаи маърифатӣ мебошад.

Дар ин ҷой дар тафаккур ва тасаввуроти хонанда пеш аз ҳам ҷавоб ба саволи «Инсон кист?»-ро ҳосил кунонида сифатҳои муайянкунандаи «инсоният»-ро бояд нишон дод, то ин ки

хонанда донад, ки инсон кист ва кадом инсонро бояд дӯст дошт ва ё чи гуна инсон бояд буд то туро дӯст доранд.

Ҳамаи ин нишондиҳандаи аз он аст, ки дар таҷрибаи педагогӣ гурехтан аз ҳолати проблемавӣ, ки ҳамчун ангезаи пешбарандаи фаъолияти маърифатии хонанадагон ба шумор меравад ва ба раванди таълим бемаксъулиятона муносибат намуда аз тарафи омӯзгорон мушоҳида гардида аксари омӯзгорон моҳияти ин мкшкилиро дарк намекунанд ва ё дарк кунанд, ҳам ба он бетавофутона назар мекунанд.

Ақидаҳои илман асосноки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст омада нишон доданд, ки дар раванди ташкили раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ақидаҳои педагогии тарбияи ахлоқӣ-гуманистиро, ки дар адабиёти бадеии халқи тоҷик таҷассум меёбад истифода намудан барои тарбияи гуманистии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир муфид буда, раванди ташаккули шахсияти ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯйро самаранок карда метавонад.

Аҳамияти назариявии масъалаи мазкур дар он зоҳир гардид, ки адабиёти бадеӣ ҳамчун омили муҳими ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсол дар ташкили корҳои тарбиявии низоми таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун шакли махсуси анъанавии тарбиявӣ нақшгузор мебошад. Хосияти хоси тарбиявӣ-ахлоқии адабиёти бадеӣ дар он зоҳир мегардад, ки тамоми паҳлӯҳои воқеии ҳайётро иникос карда таърихан дар инкишофи ахлоқи ҳамидаи умумиинсонӣ нақши бузурге бозидааст ва хусусияти ғоявӣ дошта, муайянкунандаи самтҳои муносибати ахлоқӣ, эстетикӣ, фарҳангӣ, анъанавӣ ва забони миллӣ ба шумор меравад.

Салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсол, ҳамчун яке аз мақсадҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ, амалинамоии фаъолиятҳои ақлонӣ ва амалиро дар ҷодаи тарбия ва ташаккули инсони комил, бо мақсади ба даст овардани донишҳои нави субъективӣ, ки ба ташаккули сифатҳои инсондӯстӣ, инсонгароӣ ва муносибати инсонона бо дигар аъзоёни муҳити зист(табиати зинда ва ғайризинда) таҷассум намуда, барои самаранок гардидани фаъолиятҳои универсалии таълимӣ, чун замина хидмат менамояд.

Тарбияи ақлонӣ ва ахлоқӣ-гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифода аз адабиёти бадеии бачагона ва ё матнҳои алоҳида аз он пеш аз ҳама аз қобилиятҳои эҷодии муаллим ва интихобу истифодаи оқилонаи онҳо аз тарафи муаллим самаранок ташаккул меёбад.

Адабиёти бадеии бачагона ҳамчун яке аз шакли эҷодиёти фарҳангии халқи тоҷик ва ҷаҳон, маданияти миллию ҷаҳониро аз ҷиҳати маънавӣ дар худ таҷассум намуда, дар маҷмӯъ ҷузъҳои зеҳнӣ, маърифатӣ, эҳсосӣ ва ахлоқӣ-гуманистиро дар бар гирифта дар ташаккули сифатҳо ва салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ нақши бузург бозида метавонад.

Бо истифодаи адабиёти бадеии бачагона раванди таълиму тарбия самаранок гардида тафаккур ва рафтори кӯдак ба низом дароварда мешавад, салоҳиятҳои ахлоқию маънавӣ, эстетикӣ, маданию фарҳангӣ, ки аз ҷузъиёти таркибӣ ва бунёдии салоҳиятҳои гуманистӣ ба шумор меранд ташаккул ёфта, ҳамчун сарчашма ва воситаи ташаккули ҳувияти миллӣ хизмат мекунад.

Истифодаи бомуваффақияти адабиёти бадеӣ, ҳамчун мазмуни асосии шакли анъанавии таҳсилоти ибтидоӣ ба самаранокии раванди таълим, рушди пояҳои фарҳангӣ ва ҳуввияти миллӣ дар байни кӯдакон мусоидат карда, ба раванди ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии дар назди низоми таҳсилот гузоштаи ҷомеаи муосир суръату нерӯи тоза мебахшад.

## АДАБИЁТ


1. Бим-Бад, Б.М. Борис Михайлович (28.12.1941, Илецкая Защита Чкаловской области, ныне Соль-Илецк, Оренбургская область.2023, Москва. – 31с.
2. Колберг, Л. "Развитие ориентаций детей на моральный порядок: I. Последовательность в развитии морального мышления". Vita Humana, 6(1), 11-33. (1963).
3. Кошелева, А.Д. Взаимодействие "взрослый - ребенок" и функциональная роль эмоциональных процессов в онтогенезе 1996 г. ISBN.159с.
4. Красова, Т.Д Развитие познавательных интересов старших дошкольников посредством мультфильмов (Красова Т. Д.) - Каталог. Каталог. Парциальная программа "Всезнайка". Развитие познавательных интересов старших дошкольников посредством мультфильмов.68с.2021
5. Леднев, Б.С. Содержание образования: сущность, структура, перспективы [Текст] / В. С. Леднев. - 2-е изд., перераб. - Москва : Высшая школа, 1991. - 224 с. : ил. - Б. ц. Рубрики: Педагогика.

6. Лидак, Л. Педагог как объект научной психологии. В. Издательство - Ставрополь. Ставропольское книжное издательство. Страниц - 189 с. Год издания - 2000 г. Переплет - Твердый Формат - Обычный Вес - 270 гр. ISBN - 5-7644-0922-5.

7. Петровский, А.В. ети и тактика семейного воспитания / А. В. Петровский. – Москва : Знание, 1981. – 93, [4] с. : ил. – (Народный ун-т. Пед. ф-т; № 6).

8. Скаткин, М.Н. О политехническом обучении в общеобразовательной щколе. М., 1953 (500247) Скаткин, М. Н. О путях повышения эффективности обучения в связи с переходом школы на новые программы. М., 1971 (А146245) 79с.

9. Шишлова, Е.Е. Социокультурный подход в высшем профессиональном образовании: теоретико-методологические аспекты: монография / Е.Э.Шишлова. — Москва: Издательство Русайнс, 2020. — 160 с.

10. Узбекова, Г. Искусство игры в русскоязычных романах В. Набокова : $b автореферат дис. ... кандидата филологических наук : 10.01.01 $c Узбекова Гузель Филаесевна; [Место защиты: Тамб. гос. ун-т им. Г.Р. Державина]. 260с.

## САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ҶАРАЁНИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБИИ МУОСИР

***ШАРИПОВ Ҳалим Ҳакимович*** *– омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Ориён,* ***тел.:*** *(+992) 902 50 27 87*

Муаллиф дар таълифоти хеш оид ба самтҳои асосии инкишофи ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии муосир андешаҳои мушаххас баён намуда, таъкид намудааст, ки тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ унсури ҷудонопазири ҷараёни педагогӣ мебошад, ки маданият ва шахсияти мутахассиси ҷавонро баланд мебардорад. Дар айни ҳол низоми умумӣ бояд барои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷойгоҳи лозимаро ҷудо намояд. Ин чиз барои барқарор кардани мувозинат ва таҳкими алоқаҳои мутақобила, ки унсурҳои таҳсилотро ташкил медиҳанд зарур мебошад.

Ҳамчунин муаллиф қайд кардааст, ки дар таркиби воситаҳое, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ мавриди истифода қарор мегирад машқҳои ҷисмонӣ асосӣ махсуб меёбанд. Фақат машқҳои ҷисмонӣ имкон медиҳанд, ки вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ иҷро гарданд. Воситаҳои дигари тарбияи ҷисмонӣ барои баланд бардоштани самараи тамринҳо, ки дар натиҷаи иҷроиши машқҳои ҷисмонӣ ба вуҷуд меоянд, мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ истифодаи самараноки машқҳои ҷисмониро дар маҷмуъ бо омилҳои табиӣ ва гигенӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз ин лиҳоз тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз воситаҳои асосие мебошад, ки дар тарбияи шахсияти ҳаматарфа инкишофёта, ки ба он омодагии оптималии ҷисмонӣ ва психофизиологӣ нисбат ба фаъолияти ояндаи касбӣ лозим аст, баромад мекунад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ, машқҳои ҷисмонӣ, талаботҳои санитарию гигиенӣ, ҳифзи саломатӣ, муассисаи таълимӣ, майдончаи варзишӣ, либоси варзишӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, технологияҳои тарбияи ҷисмонӣ, варзиш.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ПРОЦЕССА ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

***ШАРИПОВ Халим Хакимович*** *– преподаватель кафедры физического воспитания и начальной военной подготовки факультета педагогики и физической культуры, Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, Хатлонская область, Кушониёнский район,* ***тел.:*** *(+992) 902 50 27 87*

В статье автор рассматривает основные направления развития физического воспитания в современных средних профессиональных учебных заведениях и подчеркивает, что физическое воспитание в средних профессиональных учебных заведениях является неотъемлемой частью педагогического процесса, повышающей культуру и личность молодого специалиста. В то же время в общей системе должно быть выделено необходимое пространство

для занятий физкультурой и спортом. Это необходимо для восстановления баланса и укрепления взаимоотношений, составляющих элементы образования.

Автор также отмечает, что физические упражнения являются основной частью средств, которые используются в процессе физического воспитания в среднем профессиональном образовательном учреждении. Только физические упражнения позволяют выполнить задачи физического воспитания. Другие средства физической подготовки помогают повысить эффективность тренировки, происходящей в результате выполнения физических упражнений. Поэтому учителю необходимо эффективно использовать на занятиях по физическому воспитанию физические упражнения в сочетании с природными и гигиеническими факторами.

С этой точки зрения физическое воспитание в учреждениях среднего профессионального образования является одним из основных средств воспитания всестороннего развития личности, требующего оптимальной физической и психофизиологической подготовки к будущей профессиональной деятельности.

***Ключевые слова:*** *процесс физического воспитания, физические упражнения, санитарно-гигиенические требования, охрана здоровья, образовательное учреждение, спортивная площадка, спортивная одежда, учреждения среднего профессионального образования, технологии физического воспитания, спорт.*

## THE MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF THE PHYSICAL EDUCATION PROCESS IN MODERN SECONDARY VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

***SHARIPOV Halim Khakimovich*** *– teacher of the Department of Physical Education and Primary Military Training, Faculty of Pedagogy and Physical Culture Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Khatlon region, Kushoniyon district,* ***phone:*** *(+992) 902 50 27 87*

In his article, the author examines the main directions of development of physical education in modern secondary vocational educational institutions and emphasizes that physical education in secondary vocational educational institutions is an integral part of the pedagogical process, enhancing culture and personality. young specialist. At the same time, the necessary space for physical education and sports must be allocated in the general system.

This is necessary to restore balance and strengthen the relationships that make up the elements of education. The author also notes that physical exercises are the main part of the means that are used in the process of physical education in a secondary vocational educational institution. Only physical exercises allow you to complete the tasks of physical education. Other physical training aids help increase the effectiveness of the training that occurs as a result of physical exercise. Therefore, the teacher needs to effectively use physical exercises in combination with natural and hygienic factors in physical education classes.

From this point of view, physical education in institutions of secondary vocational education is one of the main means of educating the comprehensive development of the individual, requiring optimal physical and psychophysiological preparation for future professional activity.

***Key words:*** *process of physical education, physical exercises, sanitary and hygienic requirements, health protection, educational institution, sports ground, sportswear, secondary vocational education institutions, physical education technologies, sports.*

Ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ аз рӯйи моҳияти худ қабл аз ҳама ҷараёни педагогӣ мебошад. Ба монанди ҳамаи дигар низомҳои педагогӣ вай бояд ҷавобгӯи назарот ва талаботи вақту замон бошад, ки онҳо бар асари шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Пас, мақсад ва мазмуни тарбияи ҷисмонӣ аз сӯйи супориши иҷтимоӣ маншаъ мегирад, ин раванд ҳамеша дар зери таъсири дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа рух медиҳанд тағйиру таҳаввул меёбад. Дар ин робита корҳо дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ бобати такмили ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ба таври доимӣ сурат мегирад.

Дар ҳоли ҳозир таҷрибаи бойе доир ба ташкил тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таълимии гуногуншакл ва гуногнусатҳ андӯхта шудааст. Назарияҳои гуногун ва андешаҳои илмие бобати тарбияи ҷимсонӣ мавҷуд мебошанд. Дар сартосари мамлакат таҷрибаи пешқадам ва инноватсия тавзеъ мегардад. Табиатан, дар чунин шароитҳо бо оғози таҳқиқ дар ин соҳа зарур аст, ки тамоми он корҳое, ки то ба ҳол дар ин соҳа анҷом дода шудаанд, омӯхта ва таҳлил карда ва дар корҳои минбаъда онҳоро мавриди истифода қарор додан лозим аст.

Дар ин бахш мо муқаррароти нисбатан маъруферо, ки дар ин соҳа нисбат ба тарбияи

ҷисмонӣ дар мактаби олӣ ва дурнамои инкишофи минбаъдаи ҷараёни тарбияи ҷисмонии донишҷӯён мавҷуд мебошанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ба назари донишмандон [12, с.48], мураккабии ташаккули назарияи мукаммали тарбияи ҷисмонӣ чунин шарҳ дода мешавад, ки сохтори илмҳое, ки инсонро меомӯзанд ба таври фавқулода гуногун буда, дар аксари маворид ҷиҳати иҷтимоӣ-педагогии ин масъала ва махсус ҷараёни тарбияи ҷисмониро меомӯзанд.

Низоми муосири тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар ташаккули тарзи ҳаёти солим ва тарзи зиндагии донишҷӯён, ҳамчун мутахассисони ояндаи истеҳсолот, илм, тандурустӣ, фарҳанг ва амсоли инҳо афзалият дорад.

Мутахассисон аксаран дар бораи он сухан мекунанд, ки омилҳои асосии объективии истиқрори тарбияи ҷисмонӣ, зарурати омодагии инсон ба шароитҳои муосир, фаъолияти касбӣ ва муҳофизатӣ мебошад.

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фанни таълимӣ барои аксари донишҷӯён аз замони кӯдакии онҳо маълум аст. Дар айни ҳол дар мактаби олӣ рисолати он ҳамчун фанни таълимӣ бо он муайян карда шудааст, ки таҳсилоти олӣ бояд аз таъмини донишҷӯён бо тамоми ҷанбаҳои донишҳо дар бораи ҳаёту фаъолияти инсон, саломатии он ва тарзи ҳаёти солим, инчунин аз худ кардани ҳамаи лавозими маҳорат ва малакаҳое, ки ҳифз ва таҳкими саломатӣ, инкишоф ва такмили хусусиятҳои психофизиологии маҳорати сифати шахсиятро таъмин мекунад, иборат бошад [15, с.73].

Тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таълимӣ унсури ҷудонопазири ҷараёни педагогӣ мебошад, ки тарбияи маданияти шахсият ва мутахасси ҷавонро таъмин мекунад. Ҳамчун фанни ҳатмӣ тарбияи ҷисмонӣ дар мактаби олӣ чун яке аз воситаҳои асосии тарбияи шахсияти ҳаматарфа инкишофёта, ки ба он омодагии оптималии ҷисмонӣ ва психофизиологӣ нисбат ба фаъолияти ояндаи касбӣ лозим аст, баромад мекунад.

Фанни таълимии «Тарбияи ҷисмонӣ» дар муассисаҳои касбӣ як қатор вазифаҳои иҷтимоиро ҳаллу фасл мекунад аз қабили: дигаркунанда-созанда, тарроҳӣ-эҷодкорӣ, ҳамгирой-ташкилӣ, арзишӣ-тамоюлӣ, иртиботиву интизомӣ, тарроҳию ташхисӣ ва вазифаи иҷтимоисозӣ. Чунин ҳисоб карда мешавад, ки дар чаҳорчӯби вазифаҳои иҷрокунанда тарбияи ҷисмонӣ дар ҷиҳати таъмини талаботи биологии инсон ва фаъолонокии ҳаракатӣ, ки ба фаъолияти муносиби он мусоидат мекунад, дорои аҳамияти калон мебошад. Ба ҷузъ аз вазифаҳои асосие, ки дар боло дида баромада шуданд, тарбияи ҷисмонӣ боз вазифаҳои хусусиро иҷро мекунад, аз қабили: маърифатӣ, татбиқӣ, варзишӣ, рекреативӣ, беҳдоштӣ, тарбиявӣ, меъёрӣ, эстетикӣ ва амсоли инҳо [15, с.57].

Тарбияи ҷисмонӣ дар мактаби олӣ дар ҷараёни фанни тарбияи ҷисмонӣ амалӣ карда мешавад. Ҳадафи он тарбияи шахсият ва мутахассиси ҳамаҷониба инкишофёфта мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ маҷмуи вазифаҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, инкишофдиҳанда ва хислати беҳдоштиро назорат намоянд. Аз он ҷумла, бояд вазифаҳои зерин ҳаллу фасл карда шавад:

- инкишофи шахсият ва омодагии ӯ ба иҷрои вазифаҳои касбӣ;
- инкишофи шахсият ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти ояндаи касбӣ;
- ташаккули асоси донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим;
- ташаккули талабот ва шавқу рағбати донишҷӯён дар бобати машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш;
- аз тарафи донишҷӯён аз худ кардани донишҳои методию амалӣ, малака ва маҳоратҳое, ки имкон медиҳанд сифатҳои ҷисмонии ҳаётии организм дар сатҳи лозима нигоҳ дошта мешаванд;
- омодагии касбӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва равонии донишҷӯён нисбат ба фаъолияти касбии оянда;
- истифодаи мақсадноки машқҳои ҷисмонӣ, методҳо, методика ва технологияҳои тарбияи ҷисмонӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои ҳаётӣ ва касбӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, дар сарчашмаҳои илмӣ руйхати вазифаҳо ва ифодаҳои тарбияи ҷисмонии аз якдигар фарққунанда дар мактаби олӣ ба чашм мехӯранд [16, с.34]. Аммо ҳангоми таҳлил ва муқоисаи онҳо ба мушоҳида расида буд, ки ҳамаи онҳо ба якдигар мушобеҳанд ва вазифаҳои гурӯҳи ягонаро ташкил медиҳанд, ба самҳои зерин нигаронида шудаанд:

- дар донишҷӯён ба хотири фаъолияти пурсамар ва муфид ташаккул додани зарурати фаъолияти ахлоқӣ ва иродавӣ ва сифатҳои ҷисмонӣ;
-таъмини шароит барои инкишофи ҳамаҷонибаи донишҷӯён, таҳким ва ба муддати тӯлонӣ нигоҳ доштани саломатии онҳо;
- омодагии ҳамаҷонибаи ҷисмонии ҷавонон ва ҷавондухтарон;

- омодагии ҷисмонии махсус бо дарназардошти фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён;

- касби донишҳои назариявӣ ва ташаккули маҳоратҳои методӣ ва амалии донишҷӯён доир ба муайян кардани мазмун ва ташкили машғулиятҳои машқҳои ҷисмонӣ дар фаъолияти меҳнатӣ;

- баланд бардоштани сатҳи навъҳои гуногуни омодагии донишҷӯёне, ки ба намудҳои гуногуни варзиш шуғл меварзанд;

- дар донишҷӯён ташаккул додани талаботи устувор нисбат ба машғулиятҳои варзишӣ ва спорт.

Дар муассисаҳои касбӣ ҷараёни таълимӣ, тарбиявӣ ва муносибати системавӣ нисбат ба фаъолияти маърифатӣ ва омодагии касбии донишҷӯён асос меёбад, ки бо он навъҳои гуногуни тарбия ба монанди ахлоқӣ ва ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва зебоипарастӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ба таври органикӣ мутобиқат пайдо мекунанд. Дар айни ҳол тарбия чун воқеияти объективӣ, бахши муҳимтарини фарҳанги башарӣ, таърих ва тамаддун боқӣ мемонад.

Дар ҳоли ҳозир дар муассисаҳои касбӣ низомҳои инсонгароёнаи тарбия шакл гирифта истодаанд. Дар айни ҳол низоми умумӣ бояд барои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷойгоҳи лозимаро ҷудо намояд. Ин чиз барои барқарор кардани мувозинат ва таҳкими алоқаҳои мутақобила, ки унсурҳои таҳсилотро ташкил медиҳанд зарур мебошад.

Дар таркиби воситаҳое, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ мавриди истифода қарор мегирад машқҳои ҷисмонӣ асосӣ маҳсуб меёбанд. Фақат машқҳои ҷисмонӣ имкон медиҳанд ҳамаи се гурӯҳи вазифаҳои тарбияи ҷисмониро иҷро намоянд. Ҳамаи воситаҳои бақияи тарбияи ҷисмонӣ барои баланд бардоштани самараи тамринҳо, ки дар натиҷаи иҷрои машқҳои ҷисмонӣ ба вуҷуд меоянд мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ истифодаи самараноки машқҳои ҷисмониро дар маҷмуъ бо омилҳои табиӣ ва гигиенӣ мавриди истифода қарор диҳад [17,с.69].

Ба таркиби унсурҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои касбӣ инҳо дохил мешаванд:

1) тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар унсури гуманитарии таҳсилот, ки бахши муҳимми таркибии омодагии касбии донишҷӯён маҳсуб меёбад;

2) вазифаҳои маърифатӣ ва инкишофёбандаи тарбияи ҷисмонӣ, ки нисбатан мукаммалтар дар ҷараёни мақсадноки тарбияи ҷисмонӣ амалӣ карда мешаванд;

3) машғулиятҳои бевоситаи академӣ доир ба тарбияи ҷисмонӣ, ки дар ҷараёни онҳо маҷмуи вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва беҳдоштии тарбияи ҷисмонӣ ҳаллу фасл карда мешаванд:

-ба вазифаҳои маърифатие, ки дар ҷараёни таълими донишҷӯён дар муассисаҳои касбӣ ҳаллу фасл карда мешаванд, аз худ кардани донишҳои махсус доир ба назария ва методикаи тарбияи ҷимсонӣ, ташаккул ва такомули малака ва маҳоратҳои умумии ҳаракатӣ ва амалию касбӣ дохил мешаванд;

- ба вазифаҳои тарбиявие, ки дар муассисаҳои касбӣ дар ҷараёни машғулиятҳои академӣ доир ба тарбияи ҷисмонӣ ҳаллу фасл карда мешаванд: ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавии донишҷӯён ва мусоидат нисбат ба тарбияи зеҳнӣ, меҳнатӣ ва дигар намудҳои тарбия дохил мешаванд;

- ба вазифаҳои беҳдоштии тарбияи ҷисмонӣ беҳтар кардани ҳолати функсионалии низоми организм, таҳким ва ҳифзи саломатӣ дохил мешаванд.

Риояи принсипҳои зерин фаъолияти самараноки тарбияи ҷисмонии донишҷӯёнро таъмин мекунад;

- инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият;
- садоқат ба фаъолияти меҳнатӣ ва муҳофизатӣ;
- дорои тамоюли беҳдоштӣ.

Тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои касбӣ бахши ҷудонашавндаи омодагии касбии мутахассисони оянда маҳсуб меёбад. Дар айни ҳол вай дорои вазифаҳои хеш доир ба инкишофи муносиби ҷисмонӣ ва дастрасӣ ба сатҳи зарурии омодагии ҷисмонии донишҷӯён мебошад. Дар натиҷаи ин дар муассисаҳои касбӣ тарбияи ҷисмонӣ бо тамоми шаклҳои гуногуни он низоми муккамалро ташкил медиҳад, ки барои тамоми давраи таҳсили донишҷӯён пешбинӣ шудааст.

Шакли асосии тарбияи ҷисмонии донишҷӯён машғулиятҳои академӣ мебошанд. Бавежа ба онҳо нақши пешбаранда дар ҳаллу фасли вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ нисбат дода мешавад. Онҳо мутобиқ ба нақшаҳои таълимӣ барои ҳамаи ихтисосҳо ҳаллу фасл карда мешаванд ва доир кардани онҳо аз тарафи омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ таъмин

карда мешавад.

Мазмуни барномаи намунавӣ доир ба фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» барои бакалаврҳо 400 соат дар назар гирифта шудааст. Дар айни ҳол вай метавонад бо курсҳои интихобие, ки самти тамоюли онҳо вобаста ба манфиатҳо ва шавқу завқи ҳайти таълимгирандагон, шароитҳои моддӣ-техникӣ ва омилҳои иқлимию ҷуғрофии муассисаҳои касбӣ мушаххас гуногун мебошад, такмил карда шавад.

Мутобиқ ба талаботи принсипи умумипедагогии дастрасӣ, ҳамаи ҳайати донишҷӯён бо таваҷҷуҳ ба сатҳи омодаги ҷисмонӣ ва ҳаракатӣ, вазъи саломатӣ ба гурӯҳҳои зерин: варзишӣ, асосӣ, омодагӣ ва махсуси шуъбаҳои таълимӣ бо нақшаҳои лозимаи омодагӣ ҷудо карда мешаванд.

Вақте ҷараёни ташкили тарбияи ҷисмонӣ дар мактаби олӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, қайд кардан ба маврид аст, ки ба намудҳои асосии ташкилӣ корҳои таълимӣ ва варзишию дастаҷамъона дохил мешаванд. Барои амалӣ намудани ин намуди корҳо шакли дарсӣ ва шакли мустақилонаи машғулиятҳо мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар низоми таҳсилоти миёнаи касбии ватанӣ низоми устувори илман асосноккардашуда дорои таъминоти методии тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ташаккул ёфтааст. Аммо муқаррароти асосии онро доир ба ташкил ва татбиқи ин ҷараён таҳлил карда, мо ба хулосае омадем, ки:

1) ин низом дорои самти равшан ва возеҳи маърифатӣ буда, дар он ҷо мазмуни таълим, сатҳи аз худ кардани малакаҳои ҳаркатӣ ва арзёбии натиҷаҳои таълим ба таври мушаххас зикр ва замонбандӣ карда шудаанд;

2) асоси барномавӣ ва меъёрии сохтани ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ мушаххасоти он ва мушаххасоти инфиродӣ ва имконоти донишҷӯёнро дар назар намегирад;

3) дар пасманзари эълон намудани ғояи инсонгароӣ ва демократикунонии ҷомеа дар таҳсилот низоми тарбияи ҷисмонии мавҷуда буда, куҳнашуда ба назар мерасад.

Дар ҳоли ҳозир аксари мутахассисон ба зарурати тағйироти бунёдии гузариш аз муносибатҳои мавҷудаи ташкили тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба технологияҳои инноватсионии педагогии моиланд, ки имкон медиҳад ба таври самаранок вазифаҳои таҳким ва ҳифзи саломатии ҷавонону донишҷӯён ҳаллу фасл карда шаванд [11, с.77]. Ҳамин тариқ, ба мақсад мувофиқ будани такмили асосҳои методологии тарбияи ҷисмонӣ, ки имкон медиҳад, инҳирофоти гуногунро дар саломатии донишҷӯён ба ислоҳ дарорем, онҳоро ба унвони омилҳои баланд бароштани сифати ҷараёни маърифатӣ доир ба тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор додан лозим аст.

Тарбияи ҷисмонӣ дар маҷмуъ ва навъҳои он бо кумаки ташкили оқилонаи ҳаракати фаъол дар чаҳорчӯбаи вазифаҳои вогузоршуда, бо истифода маҷмуи воситаҳо шароитро барои татбиқи максималии имконоти донишҷӯён ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар фаъолияти касбӣ таъмин мекунад [10, с.49].

Зарурати такмили мазмун ва ташкили тарбияи ҷисмонии ҷавонони донишҷӯ дар ҳоли ҳозир бидуни шак аз зиддиятҳои мавҷудбуда муайян мегардад:

-дар байни талаботи иҷтимоъ нисбат ба тарафҳои гуногуни шахсият, шомили саломатии хуб, қобилияти баланди ҷисмонӣ ва адами имконоти самараноки ҳаллу фасли ин супориш;

-дар байни зарурати ба назар гирифтани манфиатҳои донишҷӯён нисбат ба таркиби воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омода набудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба татбиқи муносибати тафриқавӣ дар чаҳорчӯби машғулиятҳои академии тарбияи ҷисмонӣ;

-дар байни зарурати азнавсозии бунёдии мазмун ва ташкили тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ва сатҳи пасти касбияти ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олӣ.

Ба ғайр аз ин мутобиқ ба андешаҳои дар ҳоли ҳозир ташаккулёфта нисбат ба сохтори идоракунии тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои касбӣ чунин муқаррароти принсипиалӣ ва тарзи амалкардҳои зеринро дар назар гирифтан лозим аст:

- ҳамхонии мутавозини фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ;
- мустақилият дар сохтани пойгоҳи моддӣ-техникии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ;
- ягонагии ҳамаи унсурҳои низоми тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Дар айни ҳол таҷриба нишон медиҳад, ки таъминоти илмӣ-методии кории донишҷӯён ба таври назаррас аз талаботи давру замон ақиб монда ва ба таври оҷилӣ ба такмили ҷиддии методологӣ, ташкилӣ ва ҷанбаҳои мазмунии тарбияи ҷисмонӣ ниёз дорад [21, с. 56].

Ин масъалаҳои муассисаҳои касбӣ ҳангоми ба иқтисодиёти бозоргонии гузаштани Ҷумҳурии

Тоҷикистон боз ҳам буғранҷтар гардиданд.

Зарурати ҳаллу фасли ин масъала боз ҳам дар робита ба он ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳоли ҳозир яке аз самтҳои на он қадар зиёди воқеӣ мебошанд, ки тезу тунд гардида, мутобиқ ба онҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонанд корҳои тарбиявиро дар муҳити донишҷӯён пеш бибаранд. Ба муҳиммияти ин самти таълимӣ-тарбиявӣ доир ба тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои касбӣ далели бад шудани саломатӣ ва омодагии ҷисмонӣ ва функсионалии донишҷӯён ишора мекунанд.

Дар ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки суръати баланди инкишофи варзиши донишҷӯӣ, бо таваҷҷуҳ ба инкишофу рушди варзиши муосир намояндаи асосӣ дар бахши ҳаваскорӣ хоҳад шуд. Дар робита ба ин, бисёр муҳим аст, ки инкишофи низоми идоракунии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши донишгоҳӣ ба унвони самти афзалиятноки такмили корҳои донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирад.

Пас, ҷараёни маърифатӣ-тарбиявӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ низоми ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои донишҷӯён мебошад, ки ҳаллу фасли вазифаҳои худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳии ҷавонписарон ва ҷавондухтаронро дар раванди ҳаёту фаъолияти онҳо ифода мекунад. Омили асосие, ки самаранокии ин ҷараёнро таъмин мекунад, омили ягонагӣ ва таркиби он мебошад, ки шомили ҷараёни таълимӣ-тамринӣ, тиббӣ ва назорати педагогӣ, худназоратӣ, меъёри самаранокии тарбияи ҷисмонӣ, технологияиислоҳи мазмуни ҷараёни тамринӣ, таркиби воситаҳои муосир ва методҳои самараноки тарбияи ҷисмонӣ, низоми омодагии мутахассисони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошанд.

Ин далели равшан аст, ки низоми тарбияи ҷисмоние, ки дар ҳоли ҳозир дар макотиби олии мамлакат ҷорӣ аст, таҷдиди назарро талаб мекунад, чунки самари инкишодиҳандагӣ ва беҳдоштӣ, тарбиявӣ ва маърифатии он аз воқеият хеле дур рафтааст. Имрӯз тавассути машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ мо метавонем самараҳои бештар ба даст биоварем. Гап дар сари он аст, ки ҷараёни мақсадноки мураттаби педагогии тарбияи ҷисмонӣ, ки пайдарҳамиро дар муассисаҳои гуногуни маърифатӣ таъмин мекунад, қодир ба таъсири назаррас ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва функсионалии организм мебошад.

Ба назар чунин мерасад, ки дар амал татбиқ кардани шароитҳои дар боло зикршуда ба муассисаҳои маърифатӣ имкон медиҳанд, ки онҳо ба сатҳи болотари таъмини ҷараёни педагогӣ доир ба тарбияи ҷисмонӣ дар асоси пайдарҳамии мақсадҳо вазифаҳо ва мазмуни тарбяи ҷисмонии донишҷуён бирасанд. Табиатан ин чиз шароитҳои муносиб барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои ҷисмонии рушд ва омодагии ҷисмонӣ ва функсионалии ҳолати организми тамринкунандагон эҷод мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Ахметов, С. М. Кубанский государственный университет физической культуры, спорта и туризма: стратегия настоящего и будущего /СМ. Ахметов // Физическая культура, спорт - наука и практика. - Краснодар, 2007. - № 1-4. - С. 6-8.

2. Ахромова, А. Г. Подготовка специалистов нового профиля в области оздоровительной физической культуры / А. Г. Ахромова // Актуальные вопросы физической культуры и спорта: тр. НИИ пробл. физ. культуры и спорта КубГАФК. - Краснодар, 1998. - С. 227-231.

3. Амонашвили, Ш. А. Размышления о гуманной педагогике / Ш. А. Амонашвили. - М., 1996. С. 88– 92.

4. Ахромова, А. Г. Специалисты нового профиля в области оздоровительной физической культуры - веление времени / А. Г. Ахромова // Человек в мире спорта: Новые идеи, технологии, перспективы: тез.докл. Междунар. конгр. - М, 1998. - Т. 2. - С. 471-472.

5.Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект / Ю. К. Бабанский. - М., 1977. - 106 с.

6.Баженов, А. Е. Особенности управления подготовкой специалистов физической культуры / А. Е. Баженов // Теория и практика управления физической культурой и спортом: материалы очно-заоч. науч. конф. / Федер. агентство по физ. культуре и спорту, Моск. гос. акад. физ. культуры. - Малаховка, 2006. - С. 14-18.

7. Бальсевич, В. К. Конверсия высоких технологий спортивной подготовки как актуальное направление совершенствования физического воспитания и спорта для всех / В.К. Бальсевич // Теория и практика физ. культуры. - 1993. - № 4. - С. 21-23.

8. Бальсевич, В. К. Непрерывное физкультурное образование / В. К. Бальсевич, Г. И.

Попов, Н. И. Санникова // Теория и практика физ. культуры. - 2004. - № 12. - С. 10-13.
9. Бальсевич, В. К. Физическая подготовка в системе воспитания культуры здорового образа жизни человека (методологический, экологический и организационный аспекты) / В. К. Бальсевич // Теория и практика физической культуры. - 1990. - № 1. - С. 22-26.
10. Бабанский, Ю. К. Педагогический процесс: избранные педагогические труды / Ю.К. Бабанский; сост. М.Ю. Бабанский. - М, 1989. – 35-41 с.
11. Балашова, В. Ф. Оценка профессиональной готовности будущих специалистов по АФК / В. Ф. Балашова // Теория и практика физической культуры. - 2008. - № 7. - С. 48-53.
12. Беспалько, В. П. Слагаемые педагогической технологии / В. П. Беспалько. - М., 1989. - 192 с.
13. Бикмухамедов, Р. К. Содержание процесса физического воспитания в системе педагогического образования // Теория и практика физической культуры. - 2003. - № 7. - С. 45-50.
14. Бондаревская, Е. В. Гуманистическая парадигма личностно-ориентированного образования / Е. В. Бондаревская // Педагогика. -М., 1997.-№ 4.-С. 11-17.
15. Вайнбаум, Я. С. Гигиена физического воспитания и спорта. - М.: Академия, 2002. - 156 с.
16. Давиденко, Д. Н., Пономарев, Г. Н. Размышления о понятиях и сущности образования в области физической культуры // Теория и практика физической культуры. - 2004. - № 5. - С. 55-58.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ВА ПЕШГИРИСОЗИИ ЗУҲУРОТИ АНГЕЗАҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ ДАР МУҲИТИ ҶАВОНОН

***ШОХОЛИҚЗОДА Шаҳбози Шорозиқ*** *– унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *shahboz-0505@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 938 79 27 50*

Дар мақолаи мавриди назар хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқӣ ва пешгирисозии зуҳуроти ангезаҳои экстремистӣ дар муҳити ҷавонон бо такя ба андешаҳои олимони соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.
Инчунин, оид ба методикаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ сухан ронда, вазифаи асосии пешгирии рафтори девиантӣ ва пешгирии ангезаҳои экстремистӣ номбар гаштанд, ки аз ҷумла пешгирӣ аз қадами беандеша ин пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ин васила бекор кардани фаъолияти ҷиноятии ноболиғон мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *тарбияи ҳуқуқӣ, инҳироф, ангезаҳои экстремистӣ, пешгирии инҳироф, пешгирии зуҳуроти экстремистӣ, манбаъҳои зуҳури рафтори девиантӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ ПРОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИСТСКИХ МОТИВОВ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ

***ШОХОЛИКЗОДА Шахбози Шорозик*** *– соискалель кафедры общей педагогики Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *shahboz-0505@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 938 79 27 50*

В статье рассматриваются особенности правового воспитания и профилактики проявлений экстремистских мотивов в среде молодежи на основе мнений ученых данной области.
Автор освещает вопрос метода правового воспитания и обучения, а также назвал главную задачу профилактики девиантного поведения и предотвращения экстремистских мотивов, включающих предупреждение необдуманных действий, то есть предупреждение правонарушений и тем самым отмену преступной деятельности несовершеннолетних.

***Ключевые слова:*** *правовое воспитание, девиантность, , девиантное поведение, экстремистские мотивы, профилактика девиантности, источники девиантного поведения.*

# FEATURES OF LEGAL EDUCATION AND WARNING MANIFESTATIONS OF EXTREMIST MOTIVES AMONG YOUTH

***SHOHOLIKZODA Shahbozi Shorozik*** *– candidate of the university-wide Department of Pedagogy of the Academician Bobojon Gafurov Khujand State University, Khujand, Mavlonbekov Passage, 1. .* ***E-mail:*** *shahboz-0505@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 938 79 27 50*

In the article in question, the features of legal education and prevention of manifestations of extremist motivations in the environment of young people are discussed based on the opinions of scientists in the field.

They also spoke about the method of legal education and training, and mentioned the main task of preventing deviant behavior and preventing extremist motives, which includes prevention of thoughtless steps, which is the prevention of law violations and thus canceling the criminal activity of minors.

***Key words:*** *legal education, deviance, deviant behavior, extremist motives, prevention of deviance, sources of deviant behavior.*

Дар баробари бакамолрасии кӯдакон ногузир ҳар як инсон бо мушкилоти тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқии фарзандони худ рӯ ба рӯ мешавад. Новобаста аз нақши мо дар раванди тарбия-мураббӣ, роҳнамо, муҳаққиқ ё волидайн – аксарияти мо ба сарнавишти фарзанди худ хеле масъул мебошем.

Тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ инҳо унсурҳои алоҳидаи тамоми раванди таълим буда, аксар вақт муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ин ду мафҳум ҳамчун унсурҳои як кулл иваз карда мешаванд.

Мо чунин мешуморем, ки таълими ҳуқуқӣ натиҷаи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, яъне амали мақсадноки тарбияи ҳуқуқӣ ғанӣ гардонидани дониш дар бораи ҳуқуқ – тарбия ва таълимро дар назар дорад.

Вазифаи асосии пешгирии рафтори девиантӣ ва пешгирии ангезаҳои экстремистӣ пешгирӣ аз қадами беандеша, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ин васила бекор кардани фаъолияти ҷиноятии ноболиғон мебошад.

Методикаи кори ҳуқуқии тарбиявиро маҷмӯи равиш ва усулҳое ташкил медиҳанд, ки вазифаи онҳо таъсири мақсаднок ба инсон аст ташкил менамояд ва ин пеш аз ҳама ба баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ, саводнокии ҳуқуқӣ ва дониш дар бораи зарурати онҳо аҳамиятнок мегардад, ки дар китоби худ "Тарбияи ҳуқуқии ҷавонони донишҷӯ" соли 1984 олимони рус В.В. Мамонов ва М. В. Лукяненко таъкид мекунанд [6, 335].

Донишҳои бадастоварда ба насли наврас имкон медиҳад, ки:

- воқеиятро худ қабул намояд, дуруст дарк кардани ҷомеаро омӯзад;
- натиҷаи қарорҳоро пешгӯӣ намояд ва хатогиҳои эҳтимолиро пешгирӣ кунад;
- баҳодиҳии муносиб ва солимфикронаи ҳодиса, вазъиятро доро гардад;
- мувофиқи ахлоқи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқ амал намояд.

Дар шароити кунунии зиндагӣ шахсе, ки дониши ҳуқуқӣ надорад, аксар вақт ба ҳолатҳои гуногун дучор мешавад ва дар ин ҳолат мушовири ӯ метавонад дониши ҳуқуқиаш бошад, зеро чунин мешавад, ки инсон ҳатто аз нияти нек, аксар вақт наметавонад қарори дуруст қабул кунад [6, 338].

Ғайр аз дониши ҳуқуқӣ омилҳои муҳим низ мавҷуданд, ба монанди:

- ташаккули эътиқоди устувор дар ҷавонон;
- кори самаранок-муташаккили ҳамаи субъектҳои механизми тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқ;
- мутобиқат дар арзёбии худи объекти раванди таълим.

Дар асари илмии худ "Фаъолияти беруназзинфӣ оид ба таълими ҳуқуқии мактаббачагон" муаллифон масъалаҳои мубрами зеринро матраҳ намудаанд:

- тарбияи ҳуқуқӣ, бидуни дониши ҳатмии ҳуқуқ ва қонун;
- эътиқоди устувор ба моҳият ва зарурати ҳуқуқ;
- риоя ва итоат [4,105]

Ҳамзамон эътиқоди худро бо он асоснок мекунанд, ки донишҷӯ бояд:

- на танҳо нуқтаи назари худро ҳимоя кунад, балки далелҳои дигаронро низ дарк карда тавонад;
- андешаҳо ва қобилияти баҳодиҳии худро дошта бошад;
- қобилияти худтанқидкунӣ дошта бошад, танқидро қабул карда тавонад ва ба дарки хатогиҳои худ қодир бошад ва хоҳиши ислоҳи онҳоро дошта бошад.

Дар таълими ҳуқуқӣ ин хусусиятҳо аввалиндараҷа буда, ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ фаврӣ ва чандирии тафаккури мантиқии шахсро талаб мекунад.

Фаромӯш набояд кард, ки вазифаи асосии таълими ҳуқуқӣ ин на танҳо дар рӯҳияи эҳтиром ба худ ҳамчун як шахс тарбия ёфтан аст, балки таҳаммулпазирӣ ба дигарон низ мебошад, ки ба ин принсипҳои демократӣ асос мегузорад ва рушд мекунад.

Таълими ҳуқуқӣ, ки маҷмӯи равандҳои таълим ва тарбия мебошад, ба баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи ҳуқуқ мусоидат мекунад, шахсро на танҳо бо маҷмӯи муайяни мафҳумҳои ҳуқуқӣ мусаллаҳ мекунад, балки ба шахс дар такмили ахлоқӣ кӯмак мекунад. Дар натиҷаи ҷузъҳои ҳамдигарро пурракунанда таҳсилоти ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқии инсон ташаккул меёбад [4, 110].

"Роҳхат ба ҳаёт" на танҳо шомил кардани шахси ҳуқуқӣ ба ҷомеаи ҳуқуқиро дар бар мегирад, балки фаъол шудани он дар раванди ташаккули муносибатҳо бо одамони дигар аст, яъне сатҳи тарбияи ҳуқуқӣ наметавонад танҳо бо риояи талаботи меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс маҳдуд карда шавад. Маҳз фаъолияти татбиқи ҳуқуқҳо аз ҷониби шахс ин иҷрои ӯҳдадориҳои худ тибқи низоми арзишии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ бояд ба системаи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои давлатӣ дохил карда шавад ва лозим ба таъкид аст, ки мақомоти масъул бояд ба фароҳам овардани шароити ташаккул ва рушди фарҳанги ҳуқуқии шахс диққати махсус диҳанд.

Тарбия категорияи иҷтимоӣ бо аломатҳо ва хусусиятҳои хоси он мебошад ва хусусиятҳои асосии иҷтимоикунонии ҳуқуқии шахс инҳоянд:

1. Тарбияи ҳуқуқӣ;
2. Амалияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъсир ба шахс.

Раванди тарбияи ҳуқуқӣ бо амалияи ҳуқуқӣ, ки ҷузъи муҳим аст, алоқаманд аст ва дар айни замон:

- дониш ва муносибат ба ҳуқуқро ташаккул медиҳад;
- қобилияти истифодаи ҳуқуқро инкишоф медиҳад.

Тарбия, ки ба мақсадҳои муайяни иҷтимоӣ, педагогӣ ва ахлоқӣ тобеъ аст, танҳо фаъолият дар якҷоягӣ бо амалҳо мебошад, ки дар он муносибати "фаъолият" бо таҷрибаи бисёрсолаи мактабӣ асоснок карда шудааст. Тарбия берун аз фаъолият вуҷуд надорад ва ин маҳз дар асоси шаклҳои асосии фаъолияти тарбиявии ҳуқуқӣ бо мактаббачагон муайян карда шудааст [1,45].

Фаъолиятҳое, ки ба ислоҳи рафтори девиантӣ ва муқовимат ба паҳншавии рӯҳияи экстремистӣ равона карда шудаанд, бар зиммаи мақомотҳои зерин вогузор ҳастанд:

- Мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ, яъне мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
- муассисаҳои таълимӣ, ки дар доираи салоҳияти худ ба таври афзалиятнок барои амалӣ намудани чораҳои пешгирикунанда, аз ҷумла тарбиявӣ, таблиғотӣ, ки ба пешгирии ихтилоли рафтор ва хуруҷи экстремизм равона шудаанд, пешбинӣ шудаанд.

Ҳалли ин мушкилотро мо дар ташкили "системаи худтаъсис"-и ғояҳо ва роҳҳои паҳн кардани он мебинем, ки метавонанд мустақилона аз давлат ба ташаккули шуури мусбати ҷамъиятӣ мусоидат кунанд, ки имкони истифодаи зӯровариро барои ноил шудан ба ҳама гуна ҳадафҳо истисно мекунад [4,108].

Унсурҳои сохтории пешбинишудаи ин система бояд мақомотҳои зерин бошад:

- мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, иттифоқҳои касаба;
- ҷомеаҳои эҷодӣ ва илмӣ;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳо;
- ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ғайритиҷоратӣ;
- ҳамаи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакл ва намуд;
- воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ғайридавлатӣ, ки вазифаи онҳо на танҳо огоҳ кардани аҳолӣ дар бораи рӯйдодҳои кишвар, балки тақдиси мавқеи одамони дигарандеш мебошад.

Дар баробари корҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо насли наврас кор оид ба бартараф кардани худи ғояҳо дар зеҳни онҳо, роҳҳои ҳалли мушкилот бо зӯроварӣ зарур аст.

Ҳуқуқи интихоб бехатарии ҳаёти инсонро муайян мекунад, вақте ки ҷаҳонбинии ӯ доираи ҳамфикронро муайян мекунад.

Эҳсосоти зиддиятнок, муқобилияти бо "Ман"-и худ, ғояҳо ва эътиқоди худ ба дигарон метавонад ба ҳолатҳои номусоид оварда расонад. Мумкин аст, ки ангезаҳои эътирозӣ, роҳҳои

ғайричамъиятии ҳалли низоъ ё расидан ба ҳадафҳо ба вуҷуд оянд, ки ин эътироз ҳамеша ғайриқонунӣ ва ифротӣ аст.

Экстремизм ва ангезаҳои тавлидкунандаи он гуногун аст ва он ҳам ба шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва ҳуқуқ, ҳам ба муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳо, синфҳо ва ғайра таъсир мерасонад. Ҳама ташкилотҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳое, ки зӯроварӣ ва нафратро таблиғ мекунанд, бояд дар заминаи экстремизм баррасӣ карда шаванд ва вазифаи аввалини чораҳои пешгирикунанда ин пешгирӣ кардани таҷрибаи аввалини амали ғайриқонунӣ, ба истилоҳ, нобуд кардан "аз реша" мебошад, ки пайдоиши шумораи ҷинояткорони наврас ва миқёси худсарии наврасонро пешгирӣ менамояд [2,68].

Фаъолгардонии корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ бояд яке аз шаклҳои афзалиятноки фаъолияти пешгирикунанда бар зидди экстремизм гардад. Бо ҷалби одамон ба сафи худ чунин гурӯҳҳо, ташкилотҳо на танҳо доираи паҳншавии ҷинояткории экстремистиро васеъ мекунанд, балки онҳо рӯҳияи одамонро "шикаста", онҳоро ба артиши номуташаккили ҷинояткорони ғоявӣ табдил медиҳанд.

Силоҳи муассир, ки ба экстремизм муқобилат мекунад, пешгирӣ мебошад. Пешгирӣ махсусан дар муҳити ҷавонон, дар гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ҷавонон муҳим аст. Корҳои пешгирикунанда бояд ҳатман ба муайян ва бартараф кардани сабабҳои пайдоиши рӯҳияи экстремистӣ ва татбиқи онҳо равона карда шаванд.

Таъсиси муҳити оптималии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкорӣ бо онҳо вазифаи мустақими давлат аст. Илова бар ин, давлат мақоми асосии назораткунандаи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади пешгирии пайдоиш ва рушди ҷараёнҳои экстремистии зиддиҷамъиятӣ мебошад ва қадамҳои оперативӣ оид ба саривақт пешгирии фаъолияти экстремистии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, дигар ташкилотҳо, шахсони воқеӣ – гарави рушди устувори худи давлат мебошад[3,70].

Муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баробар ба манфиатҳои қонунии ташкилотҳо мебошад;
- қонуният ва ошкорбаёнӣ;
- афзалияти таъмини амнияти кишвар;
- афзалияти тадбирҳо оид ба пешгирии фаъолияти экстремистӣ;
- ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, дигар ташкилотҳо, шаҳрвандон дар муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ;
- ногузирии ҷазо барои иҷрои фаъолияти экстремистӣ [5,54].

Муқовимат ба фаъолияти экстремистии гурӯҳҳои ғайрирасмии зиддиҷамъиятӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷавонон, паҳн кардани идеологияи экстремистии ҷиноятӣ бояд мақсаднок бошад. Маҷмӯи чораҳои муассир бояд на танҳо ба чораҳои ҷиноятӣ, балки ба корҳои пешгирикунанда низ дахл дошта бошад. Маҳз дар бораи фаъолияти пешгирикунанда дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 9 апрели соли 1997 таҳти №691 таъкид шудааст.

Мо хуб медонем, ки бо чораҳои" ҷазоӣ " манъи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва усулҳои зӯрӣ ҳалли мушкилоти экстремизм ғайривоқеӣ аст. Аз ин рӯ, дар ин вазъият бояд чорабиниҳои пешгирикунанда дар муттаҳид кардани қувва ва кӯшишҳои ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ афзалиятнок бошанд [5,56].

Синну соли қаториёни созмонҳои ҷавонон, ки ҳамчун "экстремистӣ" тавсиф карда мешаванд, аз 14 то 30 сола буда, аксари онҳо наврасони аз 14 то 18 сола мебошанд. Барои кам кардани мавҷи ҷинояткории экстремистӣ, ҳалли ҷинояткорӣ ва экстремизм дар байни ҷавонон пешгирии чунин рафторро ҳанӯз аз мизи мактаб оғоз кардан лозим аст.

Тадбирҳои пешгирикунандаи хусусияти зиддиэкстремистӣ инҳоянд:

Пешгирии ибтидоӣ - кор оид ба пешгирии воридшавӣ / ҷалби аъзои нав ба ташаккулҳои экстремистӣ.

Пешгирии дуюмдараҷа - кори пешгирикунанда бо иштирокчиёни ташкилотҳои экстремистӣ. Аз ҳама муҳим пешгирии ибтидоӣ мебошад ки бо ёрии он монеаҳои гуногун барои наврасон ба ташаккулҳои экстремистӣ ба вуҷуд меоянд.

Самаранокии пешгирии экстремизм дарсҳои таҳаммулпазирӣ буда, он саводнокии ҳуқуқӣ - шиносоии хонандагон бо фарҳангҳои гуногунро медиҳад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки чунин дарсҳо танҳо дар сурати баланд будани фарҳанги умумии наврасон самаранок буда метавонанд.

Пеш аз он ки ӯ ба гурӯҳи ғайриҷамъиятӣ дохил шавад, “сафари наврас” чӣ қадар тӯлонӣ буд бояд ба назар гирифта шавад ва бояд муайян кард, ки чӣ наврасро водор кард, ки ин доираи "ҳамфикр" -онро интихоб кунад?

Наврас фавран ба доираи одамони ифротгаро дохил намешавад. Онҳо аз як созмони ғайрирасмии дигар меоянд, ки аллакай "сироят ёфтаанд" ва гумроҳ шудаанд. Чунин наврасон ба тӯъмаи осони ҷиноят табдил меёбанд, ки потенсиали экстремистии ташкилотҳои террористиро тақвият медиҳанд.

Тадбирҳои пешгирикунанда оид ба муқовимат ба экстремизми ҷавонон амалҳои зеринро дар назар дорад:

1. Тарбияи наврас дар руҳияи таҳаммулнопазирӣ ба идеологияи бегона ва махсусан экстремистӣ;

2. Тарбияи наврас дар руҳияи нафрат ба зӯроварӣ;

3. Ташаккули эътиқоди устувор дар рад кардани экстремизм, ташаккулҳои экстремистӣ ва пешвоёни он.

Чунин чорабиниҳо, дар маҷмӯъ, бо зарурати ҷазо барои амалҳои ғайриқонунии содиршуда бояд ба саводнокии ҳуқуқии насли оянда асос гузоранд. Тарбияи шуури устувор ва эътиқод ба зараровар будани ғояҳои экстремистӣ, ҷонибдорон ва пешвоёни он, ки ба паҳншавии идеологияи экстремистӣ-миллатгароӣ монеъ мешавад.

Пешгирӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарбиявӣ дар сатҳи ибтидоӣ калиди ташаккули бомуваффақияти эътиқоди устувор дар наврасон дар рад кардани амалҳо ва амалҳои экстремистӣ мебошад ва аз ин рӯ, мунтазам ташкил кардани сӯҳбатҳои пешгирикунанда, семинарҳо, тренингҳо бо мақсади шарҳи сиёсати экстремистӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ мақсаднок хоҳад буд.

## АДАБИЁТ

1. Агафонов, А.Н. Социальная работа с молодёжью девиантного поведения / А.Н. Агафонов. - Петропавловск, 2000. - 42с.; 45с.

2. Бакаев, А.А. Система профилактики правонарушений несовершеннолетних: учеб. пособие. М.: Логос, 2004. - 65 с.; 68с.

3. Бакаев, А.А., Баранов, В.Н. Система. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание / В.Н. Баранов // Теория государства и права; под ред. В.К. Бабаева. - М.: изд. «Лань», 2003. - 70с.; С. 301-319.

4. Внеурочная деятельность по правовому образованию школьников (Методическое пособие для учителей) / И. Е. Уколова, И. Л. Друбачевская, А. П. Вакуленко, С. И. Володина, А. М. Полиевктова, Н. Г. Суворова. М.: Полтекс, 1999. - С.105-110.

5. Гуров, Д. В. Педагогические аспекты профилактики правонарушений среди несовершеннолетних в системе работы органов внутренних дел (на примере Ставропольского края). Ставрополь, 2004. - 54 с.; С.56-57.

6. Лукьяненко, М.В., Мамонов, В.В. Правовое воспитание учащейся молодёжи. Алма-Ата: Мектеп, 1984. - 335 с.

# ОМИЛҲО ВА ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ХУДТАРБИЯКУНИИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВИИ НАВРАСОН ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИИ МАКТАБИ ВАРЗИШӢ

***ҚОДИРОВ Зайдулло Кубриёевич*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. академик А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 918 51 46 31*

Дар мақола муаллиф масъалаи басо мубрам – шароитҳои педагогии худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон дар раванди таҳсилотии мактаби варзишӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Зикр карда мешавад, ки дар мактаби варзишӣ дар тӯли тамоми раванди таълим, аз марҳилаи ибтидоии омодагӣ сар карда, то марҳилаи маҳорати олии варзишӣ, наврасон ва духтарон бо душвориҳои гуногун дучор меоянд, ки ҳалли онҳо на ҳамеша танҳо аз онҳо вобаста мебошад. Дар мақола ангезандаҳои беруна ва дохилаи мушкилот муайян кард шудааст.

Муаллиф дар такя бо таҳқиқотҳои олимони соҳа ду ҷанбаи мафҳуми шароити фаъолияти таълимӣ-умумипедагогӣ ва дидактикии худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасонро дар раванди таҳсилотии мактаби варзишӣ баррасӣ намудааст. Муаллиф

оид ба сифатҳои худтарбиякунии ахлоқӣ-иродавии наврасон озмоиш гузаронида, маълумоти муътамад ба даст овардааст, ки дар матни мақола натиҷаҳо оварда шудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *мактаби варзишӣ, сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ, худтарбиякунӣ, наврасон, омилҳо, рушди шахсият, озмоиши педагогӣ, волидайни хонандагон.*

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ И УСЛОВИЯ САМОВОСПИТАНИЯ НРАВСТВЕННО-ВОЛЕВЫХ КАЧЕСТВ МОЛОДЕЖИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ СПОРТИВНОЙ ШКОЛЫ

***КАДИРОВ Зайдулло Кубриёевич*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. академика А. Адхамова, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 918 51 46 31*

В статье автор исследует весьма актуальный вопрос – педагогические условия самообразования нравственно-волевых качеств подростков в образовательном процессе спортивной школы. Отмечается, что в спортивной школе на протяжении всего учебного процесса, начиная с начальной подготовительной стадии и заканчивая стадией высшего спортивного мастерства, подростки сталкиваются с различными трудностями, решение которых не всегда зависит только от них. В статье были определены внешние и внутренние трудности.

Автор, опираясь на исследования ученых в этой области, рассмотрел два понятийных аспекта условий учебной деятельности – общетехническую и дидактическую самодисциплину нравственно-волевых качеств подростков в образовательном процессе спортивной школы. Автор провел эксперимент по качествам нравственно-волевых качеств подростков и получил достоверную информацию, результаты которой изложены в тексте статьи.

***Ключевые слова:*** *спортивная школа, нравственно-волевые качества, самовоспитание, подростки, факторы развития личности, педагогический эксперимент, родители учащихся.*

# PEDAGOGICAL FACTORS AND CONDITIONS FOR SELF-EDUCATION OF MORAL AND VOLUNTARY QUALITIES OF YOUTH IN THE EDUCATIONAL PROCESS SPORTS SCHOOL

***KADIROV Zaidullo Kubrievich*** *– applicant at the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. Academician A. Adkhamov, 11/2,* ***phone:*** *(+992) 918 51 46 31*

The author, based on the research of scientists in this field, considered two conceptual aspects of the conditions of educational activity -general technical and didactic self-discipline of moral and volitional qualities of adolescents in the educational process of a sports school. The author conducted an experiment on the qualities of moral and volitional qualities of adolescents and received reliable information, the results of which are set out in the text of the article.

In the article, the author explores a very relevant issue – the pedagogical conditions of self-education of moral and volitional qualities of adolescents in the educational process of a sports school. It is noted that in sports schools throughout the entire educational process, starting from the initial preparatory stage and ending with the stage of higher sports skills, teenagers and girls face various difficulties, the solution of which does not always depend only on them. The article identified external and internal difficulties.

***Keywords:*** *sports school, moral and volitional qualities, self-education, adolescents, factors of personality development, pedagogical experiment, parents of students.*

Барои рушд ва ҷараёни бомуваффақияти раванди таҳсил дар мактаби варзишӣ дар тӯли тамоми раванди таълим, аз марҳилаи ибтидоии омодагӣ сар карда, то марҳилаи маҳорати олии варзишӣ, наврасон ва духтарон бо душвориҳои гуногун дучор меоянд, ки ҳалли онҳо на ҳамеша танҳо аз онҳо вобаста мебошад. Варзишгарони наврас баъзан бо душвориҳое дучор меоянд, ки ангезандаҳои беруна мебошанд. Масалан: нокомиҳо дар муошират бо рафиқон, интихоби дӯст, мушкилоти моддӣ, мураккабиҳо дар муносибат бо гурӯҳ ва ғайра. Ин аҳамияти баррасии омилҳои беруна ва дохилиро, ки дар амсила таҳия гардида, ба ташаккул ва рушди раванди худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасон мусоидат мекунанд, муайян кард.

Омилҳои беруние, ки самаранокии раванди таҳсилотиро дар мактаби варзишӣ афзоиш ё коҳиш медиҳанд, инҳоянд:
– қоидаҳо ва талаботҳои мактаби варзишӣ ва мураббӣ;
– муҳити иҷтимоӣ: ҷомеаи варзишӣ, волидон, дӯстон;
– васоити ахбори омма ва оммавигардонии муносибатҳои моддӣ – шайъӣ;
– муносибатҳои ҳуқуқии давлат дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
– хусусиятҳои этнофарҳангӣ ва ҷуқрофӣ (урфу одатҳо, анъанаҳои мардум ва қайра);
ҷойгоҳе, ки дар оила, гурӯҳи таълимӣ ё дигари иҷтимоӣ ишқол шудааст, сатҳи даъвоҳои шахсият.

Омилҳои ботинии ташаккул ва рушди шахсият дар мактаби варзишӣ он тағйирот ва ихтилофоте мебошанд, ки дар олами ботинии кӯдак ва ҷисм ба амал омада, фаъолияти ӯро аз ҷиҳатҳои гуногун равона месозанд. Хусусияти тағйирот дар олами ботинӣ ва ҷисми шахсияти бавоярасанада ногузирии бавуҷудоии онҳо маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқоти мазкур омилҳои зерини худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ- иродавии хонандагони мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон фарқ карда мешаванд:
– хусусиятҳои шахсиятии организм: хусусиятҳои синну сол, хислат, сатҳи тарбия;
– самтҳои арзиши наврас;
– хусусиятҳои генетикӣ ва физиологии инчон;
– таҷрибаи иҷтимоӣ;
– сатҳи даъвоҳои шахсият ва хусусияти пешравандаи фаъолият.

Дар таҳқиқотҳои педагогии В.М. Андреев [18], Ю.К. Бабанский [25], В.А. Беликов [27], Л.В. Мешерякова [151], А.Л. Найна [163] ва олимони дигар ду ҷанбаи мафҳуми шароити фаъолияти таълимӣ-умумипедагогӣ ва дидактикӣ баррасӣ мешаванд. Таърифҳои ин мафҳумҳо танҳо аз рӯйи мавзӯъе, ки онҳо нисбат ба он баррасӣ мешаванд, фарқ мекунанд: раванди таълим (шароити дидактикӣ), раванди таҳсилот (шароити педагогӣ). Ҳамин тавр, Л.В. Мешерякова зери маҷмӯи шароити дидактикии ташаккули шахсият «маҷмӯи вазъиятҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи раванди таълим, ки натиҷаи интихоби мақсаднок, тарҳрезӣ ва истифодаи унсурҳои мазмун, методҳо ё усулҳо, инчунин шаклҳои ташкилиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни дидактикӣ мебошанд, мефаҳмад.

Барои таҳқиқоти мо нуктаҳои назари олимон М.М. Поташник ва В.С. Лазарева мавриди таваҷҷуҳ мебошад. Дар таҳқиқоти худ ин муаллифон шароити ботинии рушди раванди таҳсилотиро ҷудо мекунанд: ташкилӣ- педагогӣ (сатҳи ташкил, тартибот, интизом); равоншиносӣ (фазои маънавӣ-психологӣ дар гурӯҳ); моддӣ (заминаи моддӣ-техникӣ); иҷтимоӣ-маишӣ (ҳимояи иҷтимоӣ); санитарӣ-беҳдоштӣ; зебоишиносӣ; фазоӣ.

Муҳаққиқ И.В. Шманева шартҳои зеринро муайян мекунад: сатҳи баланди салоҳиятнокии омӯзгор оид ба масъалаи фаъолгардонии фаъолият аз нуқтаи назари тамоюлҳои арзишии хонандагон; самтнокии иҷтимоӣ-арзишии раванди таълимӣ-маърифатӣ; фароҳам овардани муҳити иҷтимоӣ-арзишӣ.

Мавриди зикр аст, ки машғулиятҳо дар мактаби варзишӣ аз ҷониби мо дар ҷанбаи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсияти наврас, ки маҷмӯъи он рушди шахсиятии ӯро таъмин мекунад, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар таҳқиқотҳои педагогии В.М. Андреев [18], Ю.К. Бабанский [25], В.А. Беликов [27], Л.В. Мешерякова [151], А.Л. Наина [163] ва олимони дигар ду ҷанбаи мафҳуми шароити фаъолияти таълимӣ-умумипедагогӣ ва дидактикӣ баррасӣ мешаванд.

Озмоиши педагогӣ оид ба ошкор намудани самаранокии татбиқи амсилаи худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон, ки дар мактаби варзишӣ тамрин мекунанд, дар давраи таътили тобистона дар ҷамъомадҳои таълимӣ-тамринӣ гузаронида шуд.

Дар озмоиш ду гурӯҳ иштирок карданд: озмоишӣ ва назоратӣ. Таҳлили ташхиси вазъи рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасоне, ки дар мактабҳои варзишӣ таҳсил мекунанд, имкон дод: мафҳумҳои сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсият муайян карда шавад; таъсири муносибат ба фаъолияти варзишии волидайни хонандагон мавриди омӯзиш қарор дода шавад; омилҳо, воситаҳо ва методҳои гузаронидани машғулиятҳои таълимие, ки ба раванди худтарбиякунӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шавад;

Дар таҳқиқот ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ мутаносибан 25 ва 27 нафар ҷалб карда шуданд. Дар гурӯҳи озмоишӣ таълим бо назардошти самтнокии муайян ба ташаккули раванди худтарбиякунӣ, ҳавасмандгардонӣ ва идоракунии назорати рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврас сурат гирифт. Дар гурӯҳи назоратӣ таълим тибқи методикаи анъанавӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимии қаблан таҳияшуда дорои самтнокӣ ба ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши касбӣ гузаронида мешуд.

Барои муайян кардани самарабахшӣ ва татбиқи бомуваффақияти амсилаи худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар кӯдакон дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ назарсанҷии волидон, сипас маҷлиси падару модарон оид ба муҳокимаи маълумоти бадастомада гузаронида шуданд. Азбаски муносибати волидон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди машғулиятҳои кӯдак дар варзиш мебошад, ошкор карда шуд, ки шумораи волидони нафароне, ки қаблан дар гурӯҳи озмоишӣ бо варзиш машғул буданд, 24, 94 нафар, ва дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 28, 50 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳамчун хусусияти наврасон хоҳиши дар гурӯҳи дӯстон фарқ кардан, аҳамияти худро нишон додан ва сарвар шудан мегардад. Дар гурӯҳи озмоишӣ муносибати фардӣ ба таълими усулҳои техникии мубориза тибқи технологияи муайян ва бо назардошти қобилиятҳои ҷисмонии наврас, инчунин хоҳишҳои онҳо сурат гирифт.

Кори инфиродӣ бо таълимгирандагон барои рафъи шиддати эҳсосотӣ мувофиқи сатҳи рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавии онҳо амалӣ карда шуд.

Маълум аст, ки мактаби варзишӣ муассисаи таҳсилотест, ки кӯдак дар он ҷо миқдори зёди вақтро сарф мекунад. Дар таҳқиқоти мо кор оид ба худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ тамоми сол, дар шароити назорати доимӣ на дар давоми соли таҳсил, балки дар давоми соли тақвимӣ гузаронида мешуд. Дар давраи таътили тирамоҳӣ, зимистонӣ ва баҳорӣ ба хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ҳузури ихтиёрона дар тамринҳо пешниҳод карда шуд. Дар вақти таътил раванди таълимии гурӯҳи озмоишӣ бо самтгирӣ ба гузаронидани машғулиятҳои бозингарии тамринӣ, мусобиқаҳо оид ба рафъи хати монеаҳо, эстафетаҳои варзишӣ ва бозиҳои варзишӣ сурат гирифт. Дар гурӯҳи назоратӣ таълим бо методикаи анъанавӣ гузаронида шуд.

Соли хониши муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ – ин давраи вақте мебошад, ки аз нӯҳ моҳ, чор семоҳа ва се таътил иборат мебошад. Соли хониши мактаби варзишӣ аз дувоздаҳ моҳ иборат буда, таътил вуҷуд надорад. Соҳаи фаъолият, самтнокии тамринҳо ва хусусияти гузаронидани машғулиятҳо тағйир меёбанд. Далели ҷолиб он аст, ки раванди таҳсилотии мактаби варзишӣ ба давраи тобистона, вақте, ки кӯдак истироҳат мекунад, дахл мекунад.

Кор оид ба ташкили истироҳати кӯдакон муоширати шабонарӯзиро бо наврас дар назар дошт. Чунин муошират бояд аз марҳилаи таълимӣ- тамринӣ оғоз карда шавад, зеро дар ин вақт кӯдак аллакай ба омӯзгор одат карда, муносибатҳо бо дӯстон беҳтар гардида, дар гурӯҳи таълимӣ гурӯҳҳои хурд ташаккул ёфта, сарварон ва пайравони ҷомеа пайдо шудаанд.

Кор бо кӯдакон дар давраи тобистона дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз рӯйи се намуди фаъолият (мусобиқавӣ, бозингарӣ, меҳнатӣ) асос ёфта буд. Тахмин карда мешуд, ки бартарӣ дар мазмун ва ташкили фаъолияти ин ё он ҷанба (оқилона, эҳсосотӣ ё муассир) бояд ба тарзи худ ба мубрамсозӣ ва фаъолияти ягонагии фикрҳо, ҳиссиёт, амалҳои хонандагони мактаби варзишӣ таъсир расонад. Ҳамзамон дар давраи тобистон варзишгарони наврас ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ (тоза кардани утоқҳо, ҳудуд, навбатдорӣ ва ғайра) ҷалб карда шуданд.

Барои ташхиси мувофиқат ё номувофиқатӣ бо нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва тиббӣ як қатор санҷишҳо барои муайян кардани ин сифатҳо таҳия карда шудаанд. Дар таҳқиқот нишондиҳандаи мазкур ҳамчун нишондиҳандаи рушди ҷисмонии наврас баррасӣ карда шуд. Барои мо муҳим буд, ки натиҷаҳои маълумот дар бораи омодагии ҷисмонӣ дар гурӯҳи озмоишӣ аз гурӯҳи назоратӣ паст набошанд.

*Ҷадвали 2. Динамикаи рушди омодагии ҷисмонии умумӣ ва махсус дар наврасон (бо %).*

| **Гурӯҳ** | **Сатҳҳои рушд** | **Баланд** | **Миёна** | **Паст** |
|---|---|---|---|---|
| Назоратӣ | Пеш аз озмоиш | 10 | 36 | 54 |
| | Пас аз озмоиш | 19 | 52 | 29 |
| Озмоишӣ | Пеш аз озмоиш | 11 | 34 | 55 |
| | Пас аз озмоиш | 20 | 52 | 28 |

Барои муайян кардани сатҳҳои инкишофи омодагии ҷисмонии умумӣ ва махсус рӯйхати меъёрҳои назоратӣ таҳия карда шуд. Се сатҳи рушди сифатҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуданд: баланд, миёна ва паст. Ба сатҳи баланди рушд 64 хол ва зиёда аз он, ба сатҳи миёна – 48– 64, ба сатҳи паст камтар аз 48 хол мувофиқат карданд. Сатҳи баланди рушд дар 19% хонандагони гурӯҳи назоратӣ ва 20% дар гурӯҳи озмоишӣ ошкор карда шуд. Сатҳи миёнаро 52% хонандагони ду гурӯҳ, сатҳи пастро – 29% дар гурӯҳи назоратӣ ва 28%–ро дар гурӯҳи озмоишӣ нишон доданд. Ҳамин тариқ, дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи рушди омодагии

ҷисмонӣ аз гурӯҳи назоратӣ пасттар нест, ки барои таҳқиқоти мо нишондиҳандаи кофии самаранокии амсила мебошад.

Сатҳи донистани амалҳои техникӣ-тактикиро мо дар шароити мусобиқавӣ аз назар гузаронидем. Аз рӯйи ҷамъбасти мусобиқаҳо азназаргузаронии сабти мубориза ва баҳисобгириии амалҳои иҷрошудаи техникӣ (партофтҳо, нигоҳдориҳо, усулҳои дардовар) гузаронида шуданд. Маълумот ба ҷадвали 3 ворид карда шуд.

*Ҷадвали 3. Динамикаи рушди амалҳои техникӣ-тактикии мубориза дар наврасон (%)*

| Маҷмӯи амалҳои гузаронидашудаи техникӣ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Пеш аз озмоиш | Пас аз озмоиш | Пеш аз озмоиш | Пас аз озмоиш |
| Партофтҳо ё тобхӯриҳо | 78 | 186 | 76 | 182 |
| Нигоҳдориҳо | 12 | 24 | 14 | 26 |
| Усулҳои дардовар | 18 | 11 | 7 | 16 |

Нишондиҳандаи мазкур ҳамчун нишондиҳандаи омодагии техникии наврасон ҳисобида шуда, барои таҳқиқоти мо зарур ва кофӣ буд, то ки натиҷаҳо дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ паст набошанд. Дар гурӯҳи назоратӣ миқдори партофтҳо ва тобхӯриҳо дар давраи мавриди таҳқиқ 186, ва дар гурӯҳи озмоишӣ – 182, миқдори нигоҳдориҳо – 24 ва 26 ва миқдори усулҳои дардовар – 11 ва 16-ро, мутаносибан, ташкил доданд.

Ташаккул ёфтани сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ ва тамоюлҳои арзишӣ нишондиҳандаи пешбарандаи самаранокии амсилаи худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ мебошад. Барои муайян кардани ин нишондиҳанда мо методи маҷмӯиро истифода кардем. Ин метод аз анҷом додани як қатор корҳо оид ба муайян кардани муносибат ба сифатҳои иродавӣ, муайян кардани арзишҳои пешбари назаррас дар ҳаёти наврас, муносибати наврас ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, муайян кардани хоҳиши наврасон ба худтакмилдиҳӣ ва худрушддиҳӣ дар варзиш иборат буд. Дар ҷадвали зер динамикаи рушди нишондиҳандаҳои сифатҳои ахлоқӣ- иродавӣ дар наврасони варзишгар оварда мешавад

*Ҷадвали 4. Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои сифатҳои ахлоқӣ- иродавӣ дар наврасон*

| **Т/р** | Нишондиҳандаҳо | Сатҳҳои рушд | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Пеш аз | Пас аз | Пеш аз | Пас аз |
| 1. | Шавқу ҳавас ба дарк ва худтарбиякунии «сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ» | Баланд | 24 | 25 | 24 | 52 |
| | | Миёна | 30 | 28 | 32 | 32 |
| | | Паст | 46 | 47 | 44 | 16 |
| 2. | Муносибати арзишӣ ба худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ | Баланд | 30 | 31 | 32 | 60 |
| | | Миёна | 37 | 51 | 40 | 20 |
| | | Паст | 33 | 18 | 28 | 20 |
| 3. | Муносибат ба арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар ҳаёти варзишӣ | Баланд | 26 | 29 | 40 | 56 |
| | | Миёна | 37 | 56 | 40 | 20 |
| | | Паст | 37 | 15 | 36 | 24 |
| 4. | Саъй ба худрушддиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ дар варзиш | Баланд | 19 | 19 | 20 | 48 |
| | | Миёна | 37 | 29 | 44 | 28 |
| | | Паст | 44 | 52 | 36 | 24 |

Нишондиҳандаи «таваҷҷӯҳ ба дарки «худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ» дар мавқеъҳои зерин зоҳир шуд: 52% наврасони мавриди таҳқиқи гурӯҳи озмоишӣ дар ҳама гуна шароити фаъолият таваҷҷӯҳ зоҳир карданд, дар байни хонандагони гурӯҳи назоратӣ – 25%; дар айни замон, 32% посухдиҳандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 28% гурӯҳи назоратӣ ба мафҳуми мазкур таваҷҷӯҳ зоҳир карданд, аммо дар шароити муайян; ба саволи 16% дар гурӯҳи озмоишӣ ва 44% дар гурӯҳи назоратӣ таваҷҷӯҳ зоҳир накарданд. Аз таҳлили маълумоти бадастомада ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи наврасоне, ки дар бораи сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсият фикр мекунанд, хеле афзудааст, мутаносибан сатҳи худтарбиякунии сифатҳои мазкру дар гурӯҳи озмоишӣ гурӯҳ зиёд шудааст. Ҳамзамон, дар гурӯҳи назоратӣ нишондиҳандаҳо дар сатҳи қаблӣ боқӣ монданд.

Ҳангоми ошкор кардани муносибати арзишӣ ба сифатҳои ахлоқӣ- иродавӣ сатҳи баландро 60% хонандагони дар гурӯҳи озмоишӣ ва 32% дар гурӯҳи назоратӣ нишон доданд. Сатҳи миёнаи рушди нишондиҳандаи мазкур дар гурӯҳи озмоишӣ 20% ва дар гурӯҳи назоратӣ 33%-ро ташкил дод. Дар айни замон, шумораи наврасоне, ки сифатҳои ахлоқӣ-иродавиро ҳамчун яке аз муҳимтарин дар ҳаёти инсон муайян накардаанд, дар гурӯҳи озмоишӣ 20% ва дар гурӯҳи назоратӣ 18%-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили маълумоти бадастомада ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи баланди муносибати арзишӣ ба сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар аксарияти озмоишшавандагон буда, дар айни замон, дар шумораи бештари озмоишшавандагони гурӯҳи назоратӣ сатҳи миёнаи нишондиҳандаи мазкур ошкор карда шуд.

**АДАБИЁТ**

1. Андреев, В.М. Диалектика воспитания и самовоспитания творческой личности [Текст]. – Казань, 1998. – 117 с.
2. Бабаджанов, А.К. История физической культуры Таджикистана. – Душанбе, 2002. С. 11 – 14.
3. Бабанский, Ю.К. Повышение эффективности педагогических исследований [Текст]. – М.: Педагогика, 1982. – 192 с.
4. Беликов, В.А. Личностная ориентация учебно-познавательной деятельности (дидактическая концепция) [Текст]. – Челябинск : Факел, 1995. – 141 с.
5. Мещеряков, А.И. Как формируется человеческая психика при отсутствии зрения, слуха и речи [Текст] // Вопросы философии, 1968. №9. – С. 12 – 16.
6. Наин, А.Я. Инновации в образовании. - Челябинск, 1997. – 279 с. – М.: Просвещение, 1969. – 423 с.
7. Поташкин, М.М. Проблемно-ориентированный анализ состояния школы [Текст] / Поташкин М.М., Лазарев В. С. / Управление развитием школы. – М., 1995. – С. 195 – 205.
8. Шманева, И.В. Ценностные ориентации старшеклассников как фактор активизации учебно-познавательной деятельности старшеклассников [Текст]: автореф. дис... канд. пед. наук. - Магнитогорск, 1997. – 22 с.

## ТАЪРИХ ВА ВАЗЪИ КУНУНИИ МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКИИ ШАХСИЯТ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ПЕДАГОГӢ

***САИДЗОДА Аҳмадшо Раҳматшо*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, ш. Душанбе, к. Мухаммадиева,17/6.* ***E-mail****: ahmadsho1984@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 911 25 02 03*

Таҷрибаи эстетикии инсоният бой ва гуногун аст. Сарчашмаҳои донишҳои эстетикӣ аз умқи таърихи башарият бармеоянд ва ба таърихи таълимоти эстетикӣ таваҷҷуҳ намуда, ба осонӣ боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки онҳо натиҷаи раванди дуру дарози таъсири мутақобилаи эстетикии одам ва олами атроф мебошанд. Дар баробари ин, ҳисси зебоипарастӣ ва талоши пайваста ба ҳамоҳангӣ яке аз қонунҳои асосии табиати инсонӣ аст, ки дар ибтидо аз ҷониби Худованди дар мо сиришта шудааст. Ӯ дар симои инсон як мавҷуди равшанфикр, ҷустуҷӯкунанда, тобеъкунандаи тамоми кирдори худ ба фаҳмиши некӣ, дорои қобилияти нозуки дарки оҳанг ва зебоиро офарид.

Дар оламӣ муосир ба омӯзиши этикаи муносибатҳои корӣ, ки доираи васеи масоилро фаро мегирад таваҷҷуҳи хос дода мешавад. Фаҳмиши маънавият, тасаввурот доир ба рафтори инсон дар ҷомеа бо шарофати зиндагии муштарак бо одамони дигар ба вуҷуд омада аст. Донистан ва риояи этикаи корӣ, фарҳанги рафтор ва этикети корӣ кӯмак мекунад, ки одамон дар коллектив худро бароҳат ва дилпур ҳис кунанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** эстетикии, табиатшиносӣ, фалсафӣ, теологӣ, филологӣ, *тарбиякунӣ, худтарбиякунӣ,* таваҷҷуҳ, муносибат, муваффақият, фарҳанг, эҷодкуӣ, азхуднамоӣ, истифодабарӣ.

# ИСТОРИЯ И СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ВОПРОСА ФОРМИРОВАНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ ЛИЧНОСТИ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ

***САИДЗОДА Ахмадшо Рахматшо*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии, Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотима Улугзода, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.* ***E-mail****: ahmadsho1984@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 911 25 02 03*

Эстетическая культура организует концентрацию направлений системы способностей человека в восприятии мира через портал идеалов, который сам по себе представляет формы, способы поведения, а также непосредственное понимание этого эстетического идеала. В этом определении эстетическая культура описывается как опыт, посредством которого человек с юных лет учится воспринимать красоту мира на основе стандартов, закономерностей и правил, принятых широкой публикой. Однако, несмотря на общепринятые правила и нормы, существует субъективный подход к восприятию идеала. Такой способ восприятия позволил добиться многих изобретений в искусстве (жанрах, стилях, направлениях).

Эстетическая культура проявляется во всех сферах жизни и деятельности человека. В ней, как неотъемлемая часть, важное место занимает художественная культура, то есть совокупность художественных ценностей, воспроизводящихся и функционирующих в обществе. Произведения искусства играют важную социальную роль. Следует отметить, что эстетическая культура и ее важная часть, т. е. художественная культура, являются фундаментальной организацией вхождения человека в общество.

***Ключевые слова****: эстетическое, натуралистическое, философское, богословское, филологическое, образование, самообразование, внимание, взаимоотношения, успех, культура, творчество, саморазвитие, использование.*

# HISTORY AND CURRENT STATE OF THE ISSUE OF FORMATION OF THE AESTHETIC CULTURE OF PERSONALITY IN PEDAGOGICAL THEORY AND PRACTICE

***SAIDZODA Akhmadsho Rakhmatsho*** *– PhD (Pedagogical Science), docent of the department of Pedagogy of Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Dushanbe, Mukhamadiev Str., 17/6.* ***E-mail****: ahmadsho1984@list.ru,* ***phone:*** *(+992) 911 25 02 03*

The aesthetic culture organizes the concentration of directions of the system of human abilities in the perception of the world through the portal of ideals, which in itself represents the forms, modes of behavior, as well as the direct understanding of this aesthetic ideal. This definition describes aesthetic culture as an experience through which a person learns to perceive the beauty of the world from a young age based on standards, patterns and rules accepted by the general public. However, despite the generally accepted rules and norms, there is a subjective approach to the perception of the ideal. Such a method of perception made it possible to achieve many inventions in art (genres, styles, directions).

Aesthetic culture appears in all areas of human life and activity. In it, as an inseparable part, artistic culture, that is, a set of artistic values that reproduce and function in society, occupy an important position. Works of art play an important social role. It should be said that the aesthetic culture and its important part, i.e. the artistic culture, are the fundamental organization of a person's entry into society.

***Keywords****: aesthetic, naturalistic, philosophical, theological, philological, education, self-education, attention, relationship, success, culture, creativity, self-development, use.*

Муваффақияти ҳар як кор ба фарҳанги рафтори одамон, аз ҷумла, ба этикети корӣ, кирдор ва шаклҳои ҷамъият вобаста аст. Фарҳанги хизматрасонӣ ба аҳолӣ барои нигоҳ доштани садоқати муштариён ёрӣ мерасонад.

Доираи фарогирии муносибатҳои эстетикӣ хеле фарох аст, зеро онҳо ба ифодаи таҷрибаи эмотсионалӣю ҳиссиётии тамоми одамон нигаронида шудаанд. Одамони аввалин дунёро хуб ё бад, нек ё зишт медонист. Дар оянда таассуротҳо мураккабтар мешаванд, зеро таҷриба бойтар мешавад, фаҳмиш амиқтару сертобиш мешавад ва аллакай дар сатҳи баланди рушд фикре вуҷуд дорад, ки бояд олам чӣ гуна бошад, то некуаҳволии инсон таъмин гардида, ӯ ва наздиконашро қонеъ кунад, яъне дар одамон тасаввурот доир ба ҳаёти идеалӣ ба вуҷуд омад.

Фарҳанги эстетикӣ муттамарказшавии самтҳои низоми қобилиятҳои инсонро дар дарки олам тавассути даричаи идеалҳо ташкил медиҳад, ки дар худ шаклҳо, шеваҳои рафтор, инчунин, фаҳмиши бевоситаи ин идеали эстетикиро ифода мекунад. Ин таъриф фарҳанги эстетикиро ҳамчун таҷрибае тавсиф мекунад, ки ба воситаи он инсон аз хурдсолӣ дарки зебоии оламро дар асоси меъёрҳо, қолабҳо ва қоидаҳои аз ҷониби умум қабулшуда меомӯзад. Аммо, сарфи назар аз қоидаю меъёрҳои умумиқабулшуда муносибати субъективӣ ба дарки идеал вуҷуд дорад. Чунин усули даркнамои имкон дод, ки дар санъат ихтироотизиёд ба даст оварда шавад (жанрҳо, сабку услубҳо, самтҳо).

Фарҳанги эстетикӣ низоми ҳиссиёт буда, на танҳо омӯхтан, балки дарк кардану сохтани он аз тарафи худи одам хеле душвор аст. Шахсият дар зери таъсири фарҳанги эстетикӣ ташаккул ёфта,

ҳангоми дарку фаҳмиши нокифояи он завол меёбад. Дар табиат ва ҷамъият амалан ягон амал ё ашёе нест, ки ба қонуну қоидаҳои эстетикӣ тобеъ набошад. Ба ин монанд шахсе вуҷуд надорад, ки ҳеҷ гоҳ барои фаҳмидани он ки чизи дидаю шунида ва ҳис кардааш зебост ё не, кӯшиш накарда бошад. Фарҳанги эстетикӣ ҳамоҳангии ботиниро ба вуҷуд оварда, бо ҳамин дар муносибатҳои «шахс-ҷамъият», «шахс-табиат», «шахс-шахс» низ ҳамоҳангиро ба вуҷуд меояд. Фарҳанги эстетикӣ ҳамчун мафҳум танҳо аз ибтидои асри XX вуҷуд дорад, ки онро Мейман пешниҳод намуд, аммо мариди истифодаи васеъ қарор надошт. Аксар олимон, санъатшиносон, рассомон, табибон паҳлӯҳои гуногун таъсири эстетикаро ба ҳаёти инсон, ба ҳамбастагии ӯ бо худ ва олами атроф, бо ҳамкории инсон ва ҷомеа омӯхтаанд.

Фарҳанги эстетикӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон зоҳир мегардад. Дар он ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда фарҳанги бадеӣ , яъне маҷмӯи арзишҳои бадеӣ, ки дар ҷомеа дубора тавлид ва фаъолият мекунанд, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Асарҳои бадеӣ нақши муҳимми ҷамъиятиро мебозанд. Бояд гуфт, ки фарҳанги эстетикӣ ва ҷузъи муҳимми он, яъне фарҳанги бадеӣ, ташкилаи бунёдии воридшавии шахс ба ҷомеа маҳсуб меёбанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ бо дарназардошти фаҳмиши шахс ва сохтори он, пеш аз ҳама, раҳёфтҳои сотсиологӣ, фалсафӣ, илмӣ-эстетикӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогиро ба монанди равия, шуур, муносибат, худшиносӣ, фаъолият, худтакмилдиҳӣ ғ. ба эътибор гирифтан лзим аст.

Таърихи эстетика асосан аз давраи қадим оғоз меёбад. Ҳанӯз пайравони мактаби Пифагор ба табиати чунин категорияи бунёдии эстетика, ба монанди зебоӣ, ки бо шарофати ҳамоҳангӣ ва таносуби ададӣ ҳукмфармоӣ мекунад, таваҷҷӯҳ доштанд. Таълимоти алоҳидаро доир ба эстетика дигар файласуфони Юнон низ пешниҳод кардаанд. Масалан, агар Демокрит хусусияти тақлидӣ доштани санъатро қайд карда бошад, софистҳо (Горгӣ) ба хусусияти нисбӣ доштани категорияи зебоӣ ишора карда буданд. Дар омӯзиши эстетика Афлотун саҳми бузург гузоштааст, зеро ӯ ба ин жанри фалсафӣ асарҳои махсус, масалан, «Гиппи Бузург»-ро бахшидааст, ки дар он бори аввал саволи «зебоӣ чист?» ба таври возеҳу равшан ба миён гузошта шудааст. Дар муколамаи Пир зебоӣ бо рағбат яъне объекти Эрос алоқаманд карда шудааст. Дар муколамаи Ион бошад хусусияти ирфонию ирратсионалӣ доштани илҳом ҳамчун асоси санъат таъкид мешавад, дар сурате, ки дар «Давлат» тавассути тақлид интиқол ёфтани санъат қайд карда шудааст.

Намояндаи дигари намоёни эстетикаи қадим Арасту, муаллифи рисолаи «Санати шоири» мебошад. Ӯ гуфтаҳои пешгузаштаи худро ҷамъбаст намуда, аҳаммияти ҳиссиётро дар фаҳмиши зебоӣ ва ваҷд (катарсис)-ро ҳамчун натиҷаи ин фаҳмиш қайд мекунад.

Санъати ислом воқеан ҳам беназир аст. Он бо санъати динҳои дигар ягон умумият надорад. Дар ин ҷо расомию ҳайкалтарошӣ манъ карда шудааст, ки ин дарки хеле амиқтари эстетикӣ ва зебоиро дар назар дорад. Мусулмон бояд дар Китоби Муқаддас ончунон ғарқ шавад, то зебоии ноаёнро дар байни сатрҳо эҳсос намояд. Жанрҳои ҷолибтарин дар санъати ислом меъморӣ, хаттотӣ ва кулолгариро дар бар мегиранд. Тибқи қонунҳои ислом, инсон наметавонад чизе монанд ба инсон ё ҳайвон эҷод кунад, зеро рассом наметавонад мисли Худо ба мавҷуди сохтааш руҳ бахшад. Бархе аз мусулмонон аз тарси Худо робитаи худро бо ин навъи санъат қатъ карданд. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтани ҳунари ислом бояд ба ин кор махсусан бодиққат ва нозукона таваҷҷуҳ кард. Санъати исломиро метавон ба ба категорияи фаҳмиши дастнорас (даркнашаванди)-и воқеият ворид кард.

Эстетикаи асрҳои миёнаи мусулмонӣ дар партави назарияҳои табиатшиносӣ, фалсафӣ, теологӣ, филологӣ, адабию мунақидӣ ва санъатшиносӣ инкишоф ёфта, фарҳангеро инъикос мекард, ки қисми зиёди онро унсурҳои дунявӣ ташкил медоданд. Дар он зебоӣ ҳамчун сифате тавсиф мешуд, ки ҷазоббият дошта, одамро аз андешаҳои ғаразнок пок месозад, инчунин, ҳамчун зуҳуроти мувофиқати ашё ба симои идеалию мукаммали худ (камолот). Баҳра бурдан аз оҳангу зебоӣ бо наздикии махсуси онҳо ба «табиати инсон» шарҳ дода мешуд; механизмҳои ассотсиативии таваҷҷуҳи одамон ба доираи муайяни объектҳои эҷодиёти эстетикӣ (теолог ва нависанда Ибни Хазм, 994-064), асосҳои психофизиологии идрки шаклҳои намоён (файласуф Ибни ал-Хайсам, 965-1039) ба таври махсус баррасӣ мегардиданд.

Масъалаҳои эстетикӣ дар осори намояндагони фалсафаи классикии араб (мусулмонӣ), аз ҷумла, дар осори Абунасри Форобӣ, ки ғояҳои фарҳангии арабу форсӣ ва туркиро ба якдигар омезиш дода, онҳоро «ба тамаркузи равобити иртиботӣ ва маънавии Шарқу Ғарб» табдил додааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст [1, с.78].Эҷодиёти Форобиро, ки оид ба масъалаҳои мантиқ, фалсафа, риёзиёт, табиатшиносӣ, мусиқӣ ва назм зиёда аз яксаду шаст рисола эҷод кардааст, ҷудо аз таълимоти мутафаккирони юнонӣ баррасӣ кардан ғайри имкон аст [11, с.5, 27]. Дар рушди тафаккури эҷодӣ ва илмии ӯ фалсафаи Юнони қадим асари амиқ гузоштааст. Аз ин рӯ, Форобиро дар илм перипатетик, яъне пайрави Арасту дониста, ӯро «Муаллими дуюм» меноманд.

Форобӣ дар рисолаҳои худ масоили эстетикиро аз категорияҳои ахлоқӣ ҷудонашаванда мешуморад. Ба ақидаи олим, инсоният барои ниятҳои наҷиб офарида шуда, дар рафтори нек нақши аклу хирад аввалиндараҷа аст. Дар ин бора Абунасри Форобӣ менависад: «Одам маҳз ба шарофати ақл одам шуд» [1, с.37]. Ин ақида дар мулоҳизаҳои ӯ доир ба шаъну шарафи маънавии инсон мавқеи пешбаранда дорад. Дар ин ҷо расидан ба камолоти ақл ва руҳи инсонӣ таъкид шудааст. Форобӣ қайд мекунад: «Амали ақли фаъол дар ғамхорӣ ба ҳайвони боақл [инсон] ва

кӯшиши ба ӯ додани имконияти расидан ба дараҷаи олии камолот, яъне ба хушбахтии олӣ ифода меёбад». [2, с.48-49].

Фарҳанги эстетикӣ ҳамчун категорияи илмӣ ҷанбаҳои фалсафӣ ва педагогӣ дорад, ки дар он илми фалсафа хусусиятҳои асосии эстетикиро муайян мекунад ва педагогика масъалаи ба фаъолияти эстетикӣ ворид намудани шахсро баррасӣ намуда, дар ин замина раванди томи ташаккули шахсиятро муайян мекунад [5,с. 23].

3. Барномаҳои назоратӣ барои назорат кардани сатҳи муайяни дониш ва малака пешбинӣ шудаанд. Ин намуди барномаҳо бо вазифаҳои гуногуни санҷишӣ, аз ҷумла дар шакли тестӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Барномаҳои намоишӣ барои намоиши намоёни маводи таълимии хусусияти тавсифӣ, воситаҳои гуногуни намоишӣ (расмҳо, аксҳо, видеофрагментҳо) пешбинӣ гардидаанд. Намуди онҳоро атласи интерактивии ҷуғрофӣ ҳисоб кардан мумкин аст, ки харитаҳои онҳоро на танҳо ҳамчун намоёнӣ истифода бурдан мумкин аст, балки инчунин ба ҳамдигар "таъин" кардан, тартиб додан, истифодаи графикаи диалогӣ ва интерактивӣ. Ба ин намуд инчунин барномаҳои муаррифии дорои имкониятҳои таҳрири графикӣ ва барои кори эҷодии хонандагон истифодашавандаро дохил кардан мумкин аст.

5. Барномаҳои тақлидӣ ва моделсозӣ барои "симулятсия"-и объектҳо ва падидаҳо пешбинӣ шудаанд. Ин барномаҳо махсусан барои ҷуғрофия муҳиманд, вақте ки маводи омӯхташуда барои намоиш душвор аст ё хусусияти абстрактӣ дорад.

6. Барномаҳои иттилоотӣ барои баровардани маълумоти зарурӣ бо пайвастшавӣ ба захираҳои Таълимии Интернет пешбинӣ шудаанд.

7. Китобҳои дарсии мултимедиавии барномаҳои мураккаб, ки аксари унсурҳои намудҳои номбаршудаи барномаҳоро дар худ якҷоя мекунанд.

Воситаҳои интерактивӣ ва аудиовизуалии таълим дар дарсҳои ҷуғрофия метавонанд дар дарсҳо оид ба омӯзиши маводи нав ва таҳкими маводи гузашта, ки тасвири қонуниятҳои рушди табиат ва ҷомеаро дар маводи мушаххаси мундариҷаи минтақавӣ талаб мекунанд ва ҳамчун кори мустақилона бо компютер дар доираи дарсҳои ҳамгирошудаи информатика ва

ҷуғрофия истифода шаванд. Дар чунин дарсҳо хонандагон бевосита дар компютер корҳои амалии барномавиро иҷро менамоянд. Ҷанбаҳои гуногуни истифодаи компютерро дар дарсҳои ҷуғрофӣ муфассалтар дида мешавад.

Лексияи компютерӣ, ки бо воситаҳои MS PowerPoint таҳия шудааст, ин пайдарпаии мавзӯӣ ва мантиқии объектҳои иттилоотӣ мебошад, ки дар экран ё монитор намоиш дода мешавад. Вазифаи асосии лексияи компютерӣ шарҳи маводи нав мебошад. Аммо дар муқоиса бо лексияи анъанавӣ компютер дар ҷалби маводи тасвирӣ имкониятҳои калон дорад. Аз ин рӯ, лексияи компютерӣ бояд ҳамчун воситаи нави кори муаллим, ки ба шумо имкон медиҳад дарсҳои визуалӣ ва иттилоотӣ эҷод кунед, баррасӣ карда шавад.

Объектҳои иттилоотӣ, ки дар ҷараёни лексияи компютерӣ намоиш дода мешаванд, тасвирҳо (слайдҳо), фрагментҳои садоӣ ва видеоӣ мебошанд. Тасвирҳо (слайдҳо) аксҳо, расмҳо, графикҳо, схемаҳо ва диаграммаҳоро дарбар мегиранд. Видеофрагментҳо филмҳое мебошанд, ки пурра ё қисман ба лексия дохил карда шудаанд ё аниматсияҳо, ки равандҳо ва падидаҳои барои мушоҳида номувофикро нишон медиҳанд. Фрагментҳои садоӣ матни дикторӣ, сабтҳои мусиқӣ ё дигар (садои паррандагон, ҳайвонот ва ғайра), ки намоиши тасвирҳо ва видеофрагментҳоро ҳамроҳӣ мекунанд.

Бисёре аз объектҳои ҷуғрофии омӯхташуда, аз қабили даштҳо ва қаторкӯҳҳо, баҳрҳо ва укёнусҳо, корхонаҳои азими саноатӣ ва заминҳои васеи кишоварзиро мустақиман ба хонандагон нишон додан мумкин нест. Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои намоишӣ (слайдҳо, расмҳо, аниматсияҳо, сабтҳои видеоӣ) дар дарс ба ташаккули тасаввуроти тасвирӣ ва дар асоси онҳо мафҳумҳо мусоидат мекунад. Самаранокии кор бо слайдҳо, расмҳо ва дигар маводҳои намоишӣ хеле баландтар хоҳад буд, агар онҳоро бо намоиши схемаҳо, ҷадвалҳо ва ғайра пурра кунед.

Барномаи таҳияи презентатсияҳои PowerPoint ба шумо имкон медиҳад, ки маводҳоро барои дарс омода кунед, воситаҳои гуногуни намоёнро якҷоя намоед, аз бартариҳои ҳар яки онҳо истифода баред ва камбудиҳоро бартараф созед.

Ҷадвалҳои Электронии эхсел ба муаллим кӯмак менамоянд, ки дар дарс картограммаҳо ва картодиаграммаҳои аз рӯи маълумоти омории охирин сохташударо ҳангоми шарҳи маводи нав истифода барад, дар синф корҳои амалиро оид ба таҳлили маълумоти оморӣ бо сохтани графикҳо, картограммаҳо ташкил кунад. Дар ин ҳолат графикҳо, картограммаҳо ва картодиаграммаҳо на танҳо воситаҳои намоенӣ, балки манбаи донишҳои ҷуғрофиро низ иҷро мекунанд.

Муҳаррири матнии Microsoft Word барои омода кардани ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ (нақшаҳои мавзӯӣ ва синфӣ) ва маводи тақсимотӣ (кортҳо-супоришҳо, санҷишҳои назоратӣ, кроссвордҳо ва ғайра) зуд ва самаранок, эҷоди ҳуҷҷатҳои босифат, ки ба талаботи баланди эстетикӣ ҷавобгӯ мебошанд, пешбинӣ шудааст.

Ман хусусиятҳои методии истифода дар дарсҳои ҳар як категорияи объектҳои васоити ахбори оммаро тавсиф мекунам. Слайдҳо бо аксҳои объектҳои ҷуғрофӣ ҳангоми шиносоӣ бо хусусиятҳои хоси берунии объектҳои омӯхташуда иваз карда намешаванд. Дар китобхона матн (субтитр) барои таҳлили тасвир роҳнамоӣ мекунад, бинобар ин муаллим пас аз хондани субтитр метавонад матнро бо таваҷҷӯҳ ба хонандагон ба хусусиятҳое, ки дар матн зикр нашудаанд, пурра намояд. Ин васоити ахбори оммаро ҳангоми мустаҳкам кардани маводи омӯхташуда ва ҳангоми такрори он истифода бурдан мумкин аст. Вобаста аз ҳадафҳо ва вазифаҳои дарс объекти интихобшудаи медиа метавонад ҳамчун слайд бо объекти ҷуғрофӣ ё ҳамчун слайд, ки натиҷаи амали равандро нишон медиҳад, истифода гардад. Масалан слайде, ки водии дарёро нишон медиҳад, метавонад барои шиносоӣ бо қисмҳои таркибии он истифода шавад ё метавонад ҳамчун намоиши натиҷаҳои ҷараёни об мавриди истифода қарор гирад.

Слайдҳо бо схемаҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо махсусан ҳангоми омӯзиши ҷуғрофияи иқтисодӣ, ҳангоми баррасии моҳияти падидаҳо ва равандҳои ҷуғрофӣ, хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории онҳо муҳиманд.

Видеоҳое, ки ҷараён ё падидаҳои ҷуғрофиро нишон медиҳанд ва аниматсияҳо ҳамчун шакли модели воқеаҳои ҳақиқӣ, далелҳо, маълумоти илмӣ баррасӣ карда мешаванд. Кадрҳои алоҳидаи дар видео ҷамъоваришуда модели тасвириро ташкил мекунанд, ки дар бораи аслӣ тасаввуроти муайян медиҳад. Мисли ҳар як модел видеоҳо ва аниматсияҳо на ҳама унсурҳои падида ё раванди омӯхташударо ошкор месозанд, балки танҳо унсурҳои асосӣ, муҳимтарин, ки моҳияти объекти омӯхташавандаро нишон медиҳанд. Чунин соддакунӣ ҷустуҷӯ ва ҷудо кардани хусусиятҳои муҳим, хосият ва аслияти объектро осон менамояд.

Ба категорияи махсуси объектҳои медиавӣ, ки дар китобхона мавҷуданд — харитаҳои интерактивӣ ва харитаҳои схемавӣ диққат додан лозим аст. Харитаҳои интерактивӣ навъи нави воситаҳои интерактивии омӯзиши ҷуғрофия мебошанд. Харитаҳои интерактивӣ дорои хосиятҳои харитаи ҷуғрофӣ мебошанд, яъне тасвири хурдшудаи сатҳи замин бо истифода аз забони махсус аломатҳои шартӣ мебошанд, дар айни замон хосияти нав пайдо мекунанд, ки онҳоро ба системаҳои геоинформатсионӣ наздик месозаду имконияти тағйир додани мундариҷаи харитаро ба вуҷуд меорад.

Ба ақидаи Калней В.А. ва Шишов С. Е. дар шароити таҷдиди системаи маориф муайян кардани рӯйхати салоҳиятҳои асосӣ ғайриимкон аст, танҳо дар бораи маҷмӯи салоҳиятҳо сухан гуфтан мумкин аст. Масалан, барои амалияи таълимии мактаб салоҳиятҳои асосии зеринро ҷудо намудан имкон дорад:

- коммуникативӣ-қобилияти ворид шудан ба коммуникатсия;
- иттилоотӣ-моликияти технологияҳои иттилоотӣ;
- автономизатсия- қобилияти худмуайянкунӣ, худтаълим;
- иҷтимоӣ-қобилияти зиндагӣ ва кор дар коллектив;
- ахлоқӣ- зарурати зиндагӣ аз рӯи қонунҳои умумиинсонӣ, ахлоқӣ.

## АДАБИЁТ

1. Мирзоев, А.Р. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий: дис. ... д-ра пед. Наук: 13.00.01 / Мирзоев Абдулазиз Раджабович. - Душанбе, 2015. - 303 с.

2. Файзализода, Б. Ф. Ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ ба воситаи таълими лоиҳавӣ [Матн] / Ҷ.Х. Мирзоев, Б.Ф. Файзализода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. – № 2 (30). – С. 110-117. – ISSN 2617-5320.

3. Шарипов, Ф. Ф. К вопросу формирования информационной культуры будущих специалистов [Текст] / Ф.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского государственного национального университета. – 2008. – №2 (44). – С. 305-312.

4. Шарифзода, Ф. Технологияи иттилоотӣ дар раванди таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Шарифзода – Душанбе, 2008. – 69 с.

5. Шишов, С.Е., Кальней, В.А. Оценка настроений и жизненных планов современной российской молодежи // Теоретические и методические проблемы современного образования: материалы Междунар. науч.-практ. конф. М., 2016. С. 17–22.

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА АЗ НИГОҲИ ОМОДАГИИ ОНҲО БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ БА РУШДИ ЗЕҲНӢ (IQ) – И ХОНАНДАГОН РАВОНАШУДА

***МУРОДОВА Шахло Сангимуродовна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.* ***E-mail:*** *murodova_1983@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)37224 13 83*

***САФАРОВ Шаҳриёр Мирзоевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.* ***E-mail:*** *safarov_sh@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)93 760 99 95*

Дар мақолаи мазкур асосҳои илмӣ-назариявии баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгорони фанни математика, ки ба онҳо муҳимтарин масъалае, ки рушди ояндаи ҳар як давлат вобастагӣ дорад, яъне ташаккули зеҳнии хонандагон, ки бояд омода ба татбиқи навгониҳо дар ҳама соҳаҳо бошанд, зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. Дар ин раванд аҳамияти махсус оид ба роҳ мондани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ зимни омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ, аз он ҷумла математика дода шудааст, ки ҳадафҳои солҳои 2020 - 2040 эълон гардидани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" бармеоянд. Инчунин, ба инобат гирифта шудааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳу усулҳои гуногуни татбиқи навгониҳо зимни тайёр намудани омӯзгорони замони нав оварда шудаанд, ки ма муҳимтарин масъала баланд бардоштани таваҷҷӯҳи хонандагон оиди омӯзиши фанҳои болозикр мебошад.

Новобаста аз аҳамияти масъалаҳои болозикр, чи тавре ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд ҳоло ҳам ҳолатҳои зиёде дучор мешавад, ки хонандагон дар ақидае мебошанд, ки омӯзиши фанҳои болозикр заҳматталабанд ва аз ин нуқтаи назар руҷуъмандӣ одатан ба интихоби дигар равияҳо ва ихтисосҳо ба назар мерасанд.

Бинобар ин дар мақолаи мазкур аз нигоҳи баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзгор ва омодагии он ба таъсири психологӣ-педагогӣ расонида тавонистан ба хонандагон оиди руҷӯъмандӣ ва аҳамияти омӯзиши фанҳои мазкур оварда шудааст.

***Вожаҳои калидӣ**: салоҳиятнокии касбӣ, рушди зеҳнӣ, таъсири психологӣ-педагогӣ, фанҳои табиӣ-риёзӣ, ҷараёни таълим, зинаҳои гуногуни таҳсил, рушди зеҳнӣ – интеллект (IQ), технологияҳои инноватсионӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ.*

## РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ НА ОСНОВЕ ИХ ГОТОВНОСТИ К ПРИМЕНЕНИЮ ТЕХНОЛОГИЙ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТА (IQ) - ДЛЯ СТУДЕНТОВ

***МУРОДОВА Шахло Сангимуродовна** – кандидат педагогических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. **E-mail:** murodova_1983@mail.ru, **тел.:** (+992) 37224 13 83*

***САФАРОВ Шахриёр Мирзоевич** – кандидат педагогических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. **E-mail:** safarov_sh@mail.ru, **тел.:** (+992) 93 760 99 95*

В данной статье рассмотрены научно-теоретические основы повышения профессиональной компетентности учителей математики, от которых зависит важнейший вопрос будущего развития каждого государства, а именно интеллектуальное формирование учащихся, которые должны быть готовы применять инновации во все поля, проанализированы и даны выводы. В этом процессе особое значение придается осуществлению образовательной деятельности при изучении естественно-математических предметов, в том числе математики, преимущественно 2020 – 2040 годы заявлены как «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук. Также учитывается, что в мировом опыте существуют различные пути и методы применения инноваций при подготовке учителей новой эпохи, и важнейшим вопросом является повышение интереса учащихся к изучению вышеперечисленных предметов.

Несмотря на важность вышеперечисленных вопросов, как показывают исследования, до сих пор немало случаев, когда студенты придерживаются мнения, что изучение вышеперечисленных предметов затруднено, и с этой точки зрения они склонны выбирать другие курсы и специализации.

Поэтому в данной статье с точки зрения повышения компетентности учителя и его подготовки к психолого-педагогическому эффекту учащимся представлено развитие и важность изучения этих предметов.

***Ключевые слова:** профессиональная компетентность, интеллектуальное развитие, психолого-педагогическое воздействие, естественно-математические науки, образовательный процесс, разные уровни образования, интеллектуальное развитие - интеллект (IQ), инновационные технологии, мировой опыт.*

## DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL SKILLS OF FUTURE MATHEMATICS TEACHERS BASED ON THEIR READINESS TO APPLY TECHNOLOGIES FOR INTELLIGENCE DEVELOPMENT (IQ) - FOR STUDENTS

***MURODOVA Shakhlo Sangimurodovna** – Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer at the University Department of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. **E-mail:** murodova_1983@mail.ru, **тел.:** (+992) 37224 13 83*

***SAFAROV Shahriyor Mirzoevich** - Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer at the University Department of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. **E-mail:** safarov_sh@mail.ru, **тел.:** (+992) 93 760 99 95*

This article examines the scientific and theoretical foundations for improving the professional competence of mathematics teachers, on which the most important issue of the future development of each state depends, namely the intellectual formation of students who must be ready to apply innovations in all fields, analyzed and conclusions are given. In this process, special importance is attached to the implementation of educational activities in the study of natural and mathematical subjects, including mathematics, mainly 2020 - 2040 is declared as "Twenty years of study and development of natural, exact and mathematical sciences.

It is also taken into account that in the world experience there are different ways and methods of applying innovations in the training of teachers of the new era, and the most important issue is to increase the interest of students in studying the above subjects. Despite the importance of the above issues, as research shows, there are still many cases where students are of the opinion that studying the above subjects is difficult, and from this point of view, they tend to choose other courses and specializations.

Therefore, in this article, from the point of view of increasing the teacher's competence and his preparation for the psychological and pedagogical effect, students are presented with the development and importance of studying these subjects.

***Key words:*** *professional competence, intellectual development, psychological and pedagogical influence, natural and mathematical sciences, educational process, different levels of education, intellectual development.*

Оид ба аҳамияти мавзуи интихобгардидаи дар мақолаи пешниҳодшуда аз нигоҳи мақому манзалати омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ, аз он ҷумла математика ва омодагии касбӣ ва салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи фанни мазкур зимни расидан ба ҳадафҳои рушди зеҳнии хонандагон боиси қаноатмандӣ он аст, ки ҳанӯз Умари Хайёми Нишопурӣ (1048-1131) пас аз таҳсил дар мадрасаи Нишопур китоберо бо номи "Алгебра" интишор намуд, ки "ба ҳалли муодилаҳои кубӣ бо истифода аз мафҳумҳои геометрӣ бахшида шуда буд. Кашфиёти ӯ ин буд, ки роҳи ҳалли муодилаи кубиро метавон тавассути муайян кардани нуқтаи буриши ду қисмати конусӣ пайдо кардан имконпазир аст", ки кашфиёти ниҳоят муҳими аср арзёбӣ карда мешавад [1, с.71]. Чунин хулоса аз мутолиаи тарҷумаи асари Аполлонии Пергӣ сарчашма мегирад.

Оид ба аҳамияти фикррони мантиқии хонандагон аз нигоҳи ташаккули донишҳои математикӣ, инчунин таърихи аҷоиберо, ки оиди олими машҳури соҳаи математика Диофант оид ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ низ метавон ёдовар шуд, ки дар болои қабри олими шинохта ҳалли чунин масълаи математикӣ пешниҳод шудааст, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолият, соли таваллуд ва дигар маълумотҳоро ба даст овардан мумкин аст, ки дар мурочиат ба роҳгузар чунин баён гардидааст: "Агар хоҳед ки чӣ қадар сол Диофант умр дидааст, яъне (X) аз он миқдор 6 қисми ҳаёташро (x/6) дар кӯдакӣ, 12 қисми дигараш бошад дар дигар марҳилаҳои хотирмони ҳаёти ҷавонӣ (x/12), 7 қисмаш аз нигоҳи ҳоло оила барпо накардану фарзанд надоштан ифода шудааст (x/7) ва баъди 5 соли дигар аз ин соҳиби фарзанд гардидааст, яъне x=x/6+x/12+x/7+5+x/2+4, ки дар ин ҷо 4 миқдоре соле аст, ки аз падар зиёдтар умр дидааст. Пурсида мешавад, ки Диофант чанд сол умр дидааст [2, с.34]". Бо истифода аз чунин маълумоти таърихӣ зимни гузаронидани машғулиятҳои вобаста ба омӯзиши фанни педагогика ва математика, информатика ва саволгузории дар боло оварда шуда, дар байни донишҷӯён, ки дар ду марҳилаи пурсиш 84 нафарро ташкил дод, дар марҳилаи аввал 17%, дар марҳилаи дуюм 23% тавонистанд онҳо ба саволи гузошта ҷавоби дуруст диҳанд.

Яке аз мақсадҳои асосии овардани мисоли мазкур аз он иборат аст, ки зимни гузаронидани пурсиш мо мушоҳида ба он намудем, ки аксарияти донишҷӯён таваҷҷӯҳ ба ҳалли масъала намуда, руҷуъмандӣ ва шавқмандии хешро оиди ин мавзӯъ зимни нишон додани фаъолнокӣ барои ҳалли масъалаҳо нишон додаанд, яъне кӯшиш ба харҷ медоданд, ки натиҷаҳои ба даст овардаашонро муаррифӣ намоянд. Аз ин нуқтаи назар ба ақидаи мо ба муҳимтарин масъалаҳое, ки омӯзгорони ояндаи математика бояд аҳамият диҳанд ин ҷалб намудани хонандагон ба ҳалли масъалаҳои мантиқӣ ва дар ин раванд ташаккул додани фикррони эҷодӣ зимни масъалаҳои шавқовар ва ғайристандартӣ мебошад. Маҷмӯи зиёди роҳҳои расидан ба ин мақсад дар китобҳои гуногун, ки муаллифони онҳо М. Махкамов, К. Бойматов, У. Чориев [9, 10] ва ҳалли масъалаҳо бо номи "мантраҳои сеҳрнок", ки дар китоби муаллиф Абишек Такор [11] ва дигар адабиётҳои соҳавӣ оиди рушди фикррони эҷодӣ бо истифода аз бар намудани донишҳои математикӣ оварда шудаанд. Зимни чунин

масъалагузориҳо пешниҳод карда мешавад, ки ададҳо дар хоначаҳое, ки иборат аз 9, 25, 49 ва ғайра бе такроршавии ададҳо чунин ҷойгузорӣ карда шаванд, ки ҷамъи умумии ададҳо дар самти амудӣ ва уфуқӣ баробар бошанд. Барои мисол пешниҳод карда мешавад, ки ададҳои аз 1 то 9-ро бе такроршавӣ дар квадрати сеҳрнок ҷойгир намуд, ки ҷамъи тарафҳо баробари адади 15 гарданд:




Расми 1. Ҷамъи умумии ададҳо дар самти амудӣ ва уфуқӣ.

Аз ин нуқтаи назар метавон чунин хулоса буровард, донишҷӯ дар симои омӯзгори оянда барнома ва стандартҳои давлатии касби интихоб кардаашро аз рӯи ихтисос ва равияҳои педагогӣ аз худ намуда, инчунин маҳорати педагогии, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, роҳ ва усулҳои муосири фаъол гардонидани ҷараёни фанҳои табиӣ-риёзӣ, аз он ҷумла математикаро аз худ намудааст ва омодаи татбиқи он дар доираи салоҳиятҳои болозикр дар зинаҳои гуногуни таҳсил дар МТМУ, гимназияҳо, литсейҳо ва дигар шаклҳои муосири дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва пурра ба роҳ монда метавонад. Чунин тарзи масъалагузориро мо ҳамчун тасаввурнамоии виртуозии ба даст овардани мақсадҳои таълимӣ шарҳ дода шуда, ки маънои он “моҳирона ва нафискорона, аз нуқтаи назари масъалагузориҳои болозикр ба роҳ мондани мақсаду мароми педагогии лоиҳакашидашудаи таълимӣ-тарбиявиро ифода менамояд” [3, с.105].

Технологияҳои салоҳиятноки таълимӣ ба рушди нерӯи зеҳнии хонандагон равона шуда бошад, бо назардошти омодагии касбии омӯзгорон аз нуқтаи назари В.Д. Шадриков ин “ташаккули системаи психологии фаъолият дар асоси сифатҳои инфиродии субъекти фаъолият тавассути азнавташаккулёбӣ, азнавсозии онҳо, дар асоси ангезаҳои фаъолият, ҳадафҳо, шароит” - ро ифода менамояд [4, с.484]. Бо истифода аз шарҳи овардашуда пас дар раванди аз худ намудани донишҳои касбӣ ва татбиқи маҳорати педагогӣ ба инобат гирифтану ёрӣ расонида тавонистан ба хонандагон, ҳамчун субъектҳои асосӣ ва боварибахшӣ ба донишу истеъдоди онҳо ҳамчун масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад, ки чунин ҷузъиётҳои муҳими ҷараён ва хусусиятҳои хоси хонанда бояд ба ҳисоб гирифта шавад, ки маълумоти муфассал оиди ин масъалаҳо ва маҷмӯи таҳқиқотҳо аз ҷониби олимон К. Платонов, А.Н. Леонтьев, А.Г. Ковалев, З. Фрейд, Э. Фромм, Э. Берн, А. Маслоу, К. Роджерс фикру андеша ва роҳҳои гуногун оварда шудаанд. Барои мисол Г.Ф. Вечорко ин ҷузъиётҳои номбурдаро бо чунин пайдарҳамӣ овардааст, яъне: “хусусиятҳои фардии равандҳои психологӣ, ҳолатҳои фарққунандаи рӯҳияи психологӣ, хосиятҳои равонӣ, яъне: мақсаднокии шахсият, қобилият, табъу миҷоз, характер, таҷрибаи ҳаёт” [5, с.35]. Бо назардошти ишора намудани хислатҳои касбӣ-тахассусӣ ва маҳорати педагогӣ пеш аз ҳама ба шинохти шахсият, яъне агар Умари Хайём ҳанӯз дар асри XI ва ба ҳамин монанд дигар мутафаккирону олимони асрҳои гуногун қудрату тавоноии ҳалли бисёр мушкили масъалаи математикиро пешниҳод намуда бошанд, пас дар асри 21 хонандагон низ метавонанд ба муваффақияти беназир расанд. Чунин хулоса аз он бармеояд, ки нерӯи зеҳнӣ ва эҷодии ҳар як хонанда аз лиҳози дастрасӣ ба муҳимтарин дастовардҳои илмӣ – амалиявӣ ҳоло ҳам кашф ношуда ба ҳисоб меравад, яъне ҳар як хонанда соҳиби истеъдод ва “имкониятҳои ниҳонӣ” – ро дорад ва бояд дар ин раванд ҳам омӯзгор ва инчунин хонанда низ фаъолона техника ва технологияи худсанҷӣ ва худташаккулиро дар амал ҷорӣ намояд. Яке аз мисолҳои возеҳи тасдиққунандаи ин масъала дар муқобили якдигар ҷой доштани фикру андешаҳое, ки омӯзгорон ва атрофиён нисбат ба Алберт Эйнштейн дар овони мактабхонӣ доштанд ва аз он дастовардҳое, ки ҳамчун олими шинохта дар оянда ба даст овардааст. Чунки ӯ ҳамчун кудаки ороми гӯё бе андеша ба назар мерасид ва одатан ба

дарсшиканӣ зиёд роҳ медод ва аз ин нуқтаи назар баъзе омӯзгорон дар мурочиат ба Алберти хурдсол чунин иброз менамуданд, ки “шумо ҳеҷ гоҳ бо чунин хислатҳо ба ягон мақсади воло нахоҳед расид” [6, с.443] ва [7, с.11]. Воқеияти ҳол дар оянда нишон дод, ки фикру андешаҳои аввал дар оянда тобиши дигар гирифтанд, яъне Алберт Эйнштейн шахсития маъруф ва шинохтаи ҷаҳон гардид. Айнан ба ҳамин мазмун хонандагони синну соли гуногун низ дар лаҳзаи аввали шиносоӣ бо омӯзгор ва ё кор бо онҳо метавонанд чунин хислатҳо дошта бошанд, бинобар ин бо истифода аз технологияҳои муосир ва маҳорати педагогӣ шинохти шахсияти ҳар як хонанда бояд дар мадди аввал ба роҳ монда шавад, чунки омӯзиши фанҳои дақиқ ва натиҷагирӣ аз онҳо мӯҳлатҳои зиёд ва таҳлили такрорӣ-муқоисавиро тақозо менамояд.

Аз нуқтаи назараи гуногунии хислатҳои хоси инсон дар марҳилаҳои гуногуни ба камолрасии дар боло ишора гардида С. Степанов 13 намуди хоси ифодаи психологӣ ва рафтору кирдори шахсро аз нуқтаи назари аломатҳои ифодакунандаи ин амалҳо чунин гурӯҳбандӣ намудааст, яъне: “сиклоидӣ, гипертимикӣ, тобоварӣ, астеникӣ, ҳассоснокӣ, равонӣ, шизоид, эпилептоид, часпида, намоишкорона, дистимикӣ, ноустувор, мувофиқ” [8, с.32].

Бинобар ин барои расидан ба мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ташаккули рушди эҷодиёти хонандагон мо пешниҳод менамоем, ки ташкили ҷараёни таълиму тарбия бо истифода аз роҳ ва услуҳои муосири расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба роҳ монда шавад, ки дар ин раванд аз ҳикматҳо ва ашъори ирфонӣ ва ҳикмати инсонӣ дар эҷодиёти Мирсаид Алии Ҳамадонӣ чунин нуқтаҳо зимни омода будан ба фаъолияти омӯзгорӣ ва муносибат ба толибилмонро ба инобат гирифт, яъне: “аз ҳама навмед шав, то умеди ту брояд (2) аз айби худ мушоҳида кунӣ то дар айб наафтӣ (25) ба зердастон шавқат кун, то бираҳӣ (44) худписанд мабош то писандида гардӣ” [12, с.15-18]. Бо истифода аз таъкидҳо ва мазмуну мундариҷаи мероси педагогии мутафаккири машҳури Шарқ пайдарҳамии шинохти шахсияти хонандаи доимо ташаккулёбанда ва донишҷӯ - омӯзгоре, ки омодаи фаъолияти омӯзгории таълими фанни математика мегардад бо чунин пайдарҳамӣ пешниҳод карда мешавад: Қадами 1. Бо истифода аз адабиётҳои муосир ба хонандагон вобаста аз марҳилаҳои рушди синнусолӣ фаҳмонида тавонистани аҳамият ва мақоми донишҳои математикӣ дар ҷаҳони муосир, Қадами 2. Аз худ намудани таърихи ташаккулёбии донишҳои математикӣ ва истифодаи эҷодкоронаи онҳо зимни таълими барномаи фан, Қадами 3. Ба хонандагон пешниҳод намудани маълумотҳои таваҷҷӯҳпазир оиди имкониятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, яъне чунин мафҳумҳо ба монанди нерӯи зеҳнӣ – интеллект IQ - чиро мефаҳмонад, Қадами 4. барои чи маҳз ба ин масъала, яъне фаҳмиш ва рушди интеллект бояд аҳамият дод, қадами 5. барои чи маҳз одамро аз нигоҳи дастовардҳои ақлонӣ, зеҳнӣ баҳо медиҳанд, қадами 6. Нақши математика дар рушди интеллекти инсон, қадами 7. Тарз ва усули ташхиси психологии хонандагон ва ба онҳо фаҳмонидани он, ки новобаста аз рафтору кирдор ҳар яки онҳо дорои нерӯи зеҳнии беназир мебошанд, ки яке аз олимони соҳаи психология ин хислатҳоро ба 13 гуруҳи шартӣ ҷудо намудааст, қадами 8. Таҳияи модели фаъоли хонанда, ки дарки зарурияти нерӯи зеҳнии худро аз нигоҳи фарогирӣ ба таҳсил, аз он ҷумла омӯзиши фанни математика дарк намудааст, қадами 9. Таҳияи модели омӯзгор, ки бо истифода аз технологияҳои муосири соҳаи педагогика ва дигар омилҳои илмӣ таҷрибаи муайян намудани нерӯи зеҳнии хонандагонро медонад ва барои ба роҳ мондани он аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, китобҳо, тестҳо ва дигар сарчашмаҳо бо истифода аз маҳорати педагогӣ ба роҳ мемонад. Барои мисол ба хонандагон чунин варақаҳои маълумои ба хотиргирӣ, ки дар он расмҳои гуногун ё рақамҳои гуногун оварда шудаанд ва бо пешниҳоди он, ки дар мӯҳлати ҷудошудаи вақт метавонад аз ҳама бисёртар маълумотҳоро ба хотир гирад ва онҳоро бо саҳеҳии зиёди бахотиргирии маълумотҳоро дар асоси масъалаи гузоштащуда такроран муаррифӣ намояд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11 | 36 | 52 | 14 |
| 8 | 31 | 15 | 7 |
| 36 | 32 | 4 | 2 |
| 1 | 12 | 13 | 21 |




Расми 2. Маҷмӯи маълумотҳо оид ба муайян намудани ба хотиргирӣ ҳамчун қадами аввали баҳогузорӣ ба нерӯи зеҳнӣ интеллекти хонандагон ва ба ҳамин мазмун таҳия намудани маводҳои зиёди дидактикӣ барои расидан ба ҳадафи мазкур, яъне боварибахшӣ ба хонандагон оиди имкониятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди худомӯзӣ.

Чи тавре, ки дар алгоритми дар боло бо 9 қадами шартӣ ишорашуда бармеояд, аз нигоҳи мо яке аз муҳимтарин масъалаеро, ки омӯзгорони фанни дақиқ, аз он ҷумла фанни математика бояд ба роҳ монда тавонад, дар мадди аввал ба хонандагон дар синну соли бакамолрасӣ ва муносиб ба таҳсил ин ба имкониятҳои зеҳнии ҳар яки онҳо ва қобилияти беназир доштан оиди ин мавзӯъ ба ҳисоб меравад. Чунин хулоса аз натиҷаи пурсиши донишҷӯёни зинаи таҳсил паз аз дохилшавӣ ба таълимгоҳи олӣ ба зимни тасаввурнамоии онҳо аз нигоҳи таҳлили виртуозӣ ҳамчун хонанда, яъне донишҷӯ дар мактаби олӣ ин хонандае буд дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ё литсей, гимназия бо фарогирии ихтисосҳои математика, педагогика, бо фарогирии 75 донишҷӯ ва хонанда дар модели виртуалӣ бармеояд. Дар ҷавоб ба саволи ду сол паи ҳам омӯхташуда "барои чи хонандагон таваҷҷӯҳи кам ба ихтисосҳои табиӣ-риёзӣ менамоянд", аз миқдори умумии дар пурсиш иштирок доштагон 73% дар ақидае мебошанд, ки натиҷаи ин донишҳо заҳматталаб мебошанд ва дар давоми мантиқии ин саволгузорӣ "оё шумо эҳсос менамоед, ки зимни дарёфти ҷои кор бо имкониятҳои бадастоварда соҳиби манзалати омӯзгори муваффақ мегардед" зиёда аз 53% донишҷӯён натавонистан ба саволи мазкур ҷавоби пурра диҳанд.

Айнан ба ҳамин мазмун дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти миёнаи умумӣ ва пурра низ зиёда аз 48% хонандагон ба саволҳои гузошташуда оиди аҳамияти хоссаи омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ ва донишҳои математикӣ ҷавобҳои қаноатманд надоданд.

Саволи дигаре, ки зимни таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифт, ки хонандагон фикру андешаашонро баён намоянд ин то чи андоза машғулиятҳои фанҳои табиӣ-риёзӣ шавқовар мегузаранд ҳамагӣ 21% донишҷӯён оиди он, ки онҳо хонандагони зинаҳои таҳсилои то мактаби олӣ буданд ҷавоби мусбӣ доданд. Аз ин нуқтаи назар таҳлилҳо нишон доданд, ки мушкилоти ҷойдошта зимни омӯзиши фанни математика дар дарёфти роҳ ва усулҳои ба шавқу рағбати хонандагон равона шуда ташкил медиҳад ва дар ин раванд масъалаҳои имкониятҳои зеҳнии инсон – хонандагон ва инчунин расидан ба муваффақиятҳо бо истифода аз овардани мисолҳои воқеӣ ва тарзи фаъолнокии таълим бояд дар якҷоягӣ дида баромада шаванд. Яке аз роҳҳои расидан ба ин мақсадро профессори донишгоҳи Тохокуи Япония Р. Кавашима пешниҳод намудааст, ки номбурда қайд менамояд, ки барои он ки хотираи одам доимо омодаи қабули маълумотҳо ва ба хотиргирӣ бошад, яке аз роҳҳои муосир ин ҳалли мисолҳои оддии математикӣ буда, қадам ба қадам метавонад аз содда ба мураккаб ба роҳ монда шавад [13, с.8]. Дар яке аз китобҳои барои истифодаи омма зери унвони "обучение как приключение: как сделать уроки интересными и увлекательными" Хенрик Джон Кларк чунин таъкид менамояд: "омӯзгори муваффақ ҳамчун артист бояд пеш аз ҳама диққати шунавандагонро ба худ ҷалб карда тавонад ва танҳо пас аз ин метавонад ба онҳо таъсир расонад", яъне аз нигоҳи масъалагузории мо омӯзгор бо диққати хонандаро ба рушди нерӯи зеҳнии он – IQ ҷалб карда тавонад ва пас аз он хонанда метавонад фаъолнокии хосса зоҳир намояд [14, с.114].

Аз нигоҳи тасаввурнамоии чунин модели омӯзгор, барои расидан ба мақсадҳои дидактикӣ мо якчанд усулҳоро ба роҳ мондем, ки ба чунин асосҳои илмӣ-назариявӣ асоснок карда шудаанд. Пеш аз ҳама маҷмӯи зиёди таъкиди хонандагон, ки донишҷӯён оиди ба аз худ кардани дониши онҳо бо намуди як модули пурра таҳия гардидаанд, ки ба шинохти шахсияти хонандагон ва хулосабарории онҳо аз интихоби ин таъкидҳо бахшида шудаанд. Барои мисол

Унсурмаоли Кайковус дар мурочиат ба фарзанд фармудааст "эй писар ҳушёр бош ва қадри нажоди хеш бидон ва аз камбудагон мабош" [15, с.14]. Олими машҳури олам К. Гелвеций (1715-1771) таъкид менамояд, ки “одам дар айёми чавонӣ фикрҳои олиеро метавонад баён намояд, ки баъдтар дар давоми умри пурсамар ӯро машҳур гардонад” [16, с.77].

Аз миқдори зиёди мафҳумҳои зиёде, ки мафҳуму мундаричаи нерӯи зеҳнӣ-интеллектро ифода менамояд аз нигоҳи мо пешниҳоди Линда Готтфредсон мебошад, ки бо чунин мазмун агар фаъолияти хонанда ва омӯзгорро тасаввур намоем пешниҳод гардидааст “*инеллект* – ин қобилияти ақлӣ ба маънои васеъаш шарҳ дода мешавад, яъне ин қобилияти мулоҳиза кардан, ба нақша гирифтан, ҳалли мушкилотро донистан, ба таври абстрактӣ фикр кардан, фаҳмидани ғояҳои мураккаб, зуд омӯхтан ва аз таҷриба омӯхта хулоса бароварданро дар бар мегирад.– это умственные” [17, с.13].

Бо назардошти шарҳи мафҳуми овардашуда ва бо истифода аз маълумотҳои дар китоби зикргардида новобаста аз зинаи таҳсилот мо 10 мисолу масъалае, ки онҳо аз нуқтаи назари методикаи Р. Кавашима, яъне сатҳи на онқадар сода ва на онқадар мураккаберо, ки бояд хонандагон пас аз итмоми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аз худ карда бошанд бо фарогирии хонандагони синфҳои 7-8, 9-10 бо интихоби як меъёри заминавӣ, яъне дар вақти ҷудокардашуда пешниҳоди ҳалли масъалаҳо зимни гуаронидани озмуни “беҳтарин интеллекти гуруҳ - IQ” бо назардошти ғояи педагогии пешниҳоднамудаи Хенрик Джон Кларк озмун элон намуда, аз нигоҳи нарасонидани таъсири манфии психологӣ дигар радабандиҳо муайян нагардидаанд. Айнан бо ҳамин мазмун озмуни “IQ- беҳтарин” дар донишҷӯёни ихтисосҳои математика низ гузаронида шудаанд. Натиҷаи озмуни гузаронидашуда, ки дар синфи 7 – 25 нафар, 8 – 50 нафар, 9- 45 нафар, 10 – 35 нафарро ташкил дод. Миқдори донишҷӯён дар ду ихтисос математика 54 ва методика 48 нафар ташкил дод.

Таҳлилу хулосабарории натиҷаҳо чунинанд: яъне зимни интихоби меъёри шартии баҳогузорӣ ба интеллекти беҳтарин – IQ max, бо аломатҳои шартии донишҷӯёни ихтисоси 1 – ДИ1, айнан ба ҳамин мазмун ДИ2, хонандагони синфҳои 7-8 – ХГ1, синфҳои 10–11 - ХГ2, коэффисиенти интеллект – IQ max маънои дар мӯҳлати ҷудошуда ҳал кардани масъалаҳое, ки хонандагон бояд дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аз худ менамуданд, бо мазмуну мундариҷаи пешниҳодшудаи Рюта Кавашима ва Дэйв Берджес дар доираи 5 мисолу масъалаҳое, ки аз ду китоб, яъне Т.Л. Федорова (тести 5, мисоли 3-4), (тести 29, мисоли 7-8) ва Ш. Лорман “мисоли Архимед”, с. 83.

Ҷадвали 1. Муқоисавии муайян намудани сатҳи интеллекти хонандагон ва донишҷӯён зимни гузаронидани озмуни “беҳтарин интеллекти гурӯҳ”. Вақти ҷудошуда барои ҳалли 5 масъала зимни таҳлилу хулосабарории пешакӣ, яъне ҷалби донишҷӯёне, ки дар доираи супоридани имтиҳонҳои ниҳоии даврӣ соҳиби баҳоҳои С+, В-,В+ гардидаанд. Айнан ба ҳамин мазмун хонандагоне, ки дар чорякҳои даврӣ на кам аз баҳои 4-ро соҳиб гаштаанд.

| № | ДГ1, IQ-max% | ДГ2 IQ-max% | ХГ1 IQ-max% | ХГ2 IQ-max% | Баҳогузории муқоисавӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 33 | 38 | 14 | 21 | 26,5 |
| 2. | 27 | 29 | 11 | 17 | 21 |
| 3. | 18 | 14 | 9 | 19 | 15 |
| 4. | 25 | 21 | 15 | 14 | 18,75 |
| 5. | 14 | 18 | 21 | 17 | 17,5 |




Расми 3. Диаграммаи муқоисавии муайян намудани сатҳи интеллекти хонандагон ва донишҷӯён зимни гузаронидани озмуни “беҳтарин интеллекти гурӯҳ”

Чи тавре, ки аз тақсимоти додашудаҳо дар ҷадвал оварда шудаанд бармеояд, ҳатто дар доираи ҳалли масъалаҳои оддитарини математикӣ на танҳо хонандагон, инчунин донишҷӯён низ ба натиҷаҳои назарраси лоиҳавӣ, яъне интизорӣ ноил нагардидаанд, ки ин мавзӯъ мубрамияти масъалаи мазкурро нишон медиҳад. Аз нигоҳи расидан ба ҳадафҳои педагогӣ зери таваҷҷӯҳ қарор додани мушкилоти мазкур аз ҷониби мо барномаи махсуси тренингӣ таҳия гардида, зимни кор бо хонандагони болозикр ва донишҷӯён зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифтанд.

Хулоса, дар мақолаи мазкур ба муҳимтарин масъалае, ки аксарият мутахассисону олимони ҷаҳон соҳиби дастовардҳои беназир гардидаанд, яъне бо истифода аз донишу малакаҳои математикӣ ихтирооту навоварӣ доранд, дар соҳаҳои гуногун соҳиби ҷоизаҳои Нобел ва дигар мукофотҳо гардидаанд, чи тавре ки маълумотҳо нишон медиҳанд ин музаффариятҳо аз сатҳи нерӯи зеҳнии онҳо сарчашма мегирад, ки дар мадди аввал он омӯзгороне, ки дар синну соли мактабӣ ба хонандагон татбиқи гуногуни расидан ба ин мақсадро пешниҳод намудаанд вобастагии зиёд дорад.

Хулосаҳои мазкур дар доираи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти олимони зиёди соҳаҳои илмҳои мансуб ба табиӣ-риёзӣ, ки дар китоби олимони машҳури асри 21 оварда шудааст асоснок шудааст [18].

## АДАБИЁТ

1. Манкевич, Р. История математики / Ричард Манкевия; [перевод с англ. А. Степановой]. – М.: Ломоносовъ, 2011. – 256 с.
2. Перельман, Я.И. Занимательная алгебра. Изд-во “НАУКА”. Москва 1976., 200 с.
3. Русско-таджикский словарь/ Луғати русӣ-тоҷикӣ. свыше 72000 слов. Под ред. М.С. Асимова. – М.: «РУССКИЙ ЯЗЫК», 1985. – 1280 с.
4. Кашапов, М.М. Психология творческого мышления профессионала. Монография. – М.: ПЕР СЭ, 2006. – 688 с.
5. Вечорко, Г.Ф. Основы психологии и педагогики: ответы на экзаменац. Вопр. / Г.Ф. Вечорко. – Минск: ТетраСистемс, 2007. – 160 с.
6. Великие ученые XX века. Авторы – составители Булыка Г.А., Лисовская Е.В., Яхонтова Г.А. – М.: Мартин, 2001. – 463 с.
7. Микрюков, В.Ю. Практика самосовершенствования. Как стать выдающейся личностью и обезопасить свою жизнь. / Василий Микрюков. – М.: Вече, 2011. – 256 с.
8. Степанов, С.С. Популярная психологическая энциклопедия: - М.: Изд-во Эксмо, 2005. – 672 с.
9. Маҳкамов, М., Бойматов, К. Асрори ададҳо: Дастури методӣ барои хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон. – Душанбе: Маориф, 2019. – 252 с.
10. М. Маҳкамов, У. Чориев. Математика: тайёрӣ ба олимпиада. Ғ Душанбе: “Маориф”, 2020. – 344 с.
11. Такор Абишек. Волшебные мантры: как обрести счастье и успех за 31 день / Абишек Такор; пер. с англ. С.В. Зубкова. – М.: АСТ: Астрель, 2008. – 126 с.
12. Одинашои Саидмурод. Ашъори ирфонӣ ва ҳикмати инсонӣ дар эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – Душанбе: “Ирфон”, 2021 - 24 с.
13. Кавашима Рюта. Развитие памяти и интеллекта. Рабочая тетрадь для тренировки мозга №3 / Рюта Кавашима; пер. с яп. Д. Лазаревой; [науч. ред. Д. Ковпак], - М.: Манн, Иванов и Фербер, 2020. – 192 с.
14. Берджес, Д. Обучение как приключение: Как сделать уроки интересными увлекательными / Дэйв Берджес; Пер. с англ. – М.: Альпинина Паблишер, 2023. -237 с.
15. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе, “Адабиёти бачагона”, 2016. – 248 с.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2024. - № 2 (51). – 260 с.**

Сармуҳаррир: Сафаров Ш.А.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2024. - № 2 (51). – 260 с.**

Главный редактор: Сафаров Ш.А.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2024. - № 2 (51). – 260.**

Chief Editor: Safarov Sh.A.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 25.07.2024 супорида шуд. Ба чоп 29.07.2024 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8 ҷузъи ч. ш. 32,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Фасл-4 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 25.07.2024. Подписано к печати 29.07.2024. Печать офсетная.*
*Формат 60х84 1/8 Условно-печатный лист - 32,5. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Фасл-4», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 25.07.2024. Posted on 29.07.2024. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 32,5. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office "Fasl-4", 7734024, 13 A. Navoi Str.*